**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МДТ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

**ТДУ – 37.0**
**ТКБ 74.00**
**Б 69**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**БОБОЕВА ИНОЯТХОН АСРОРОВНА**

# ТАШАККУЛИ ХИСЛАТҲОИ ТАҲАММУЛПАЗИРИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ V-VII ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ОСОРИ КЛАССИКОН ДАР ДАРСҲОИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

**13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**Роҳбари илмӣ: Шербоев Саидбой,**
доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
профессори кафедраи методикаи таълими
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**ХУҶАНД 2022**

# МУНДАРИҶА

**ИХТИСОРАҲО**...............................................................................................3

**МУҚАДДИМА**...............................................................................................4

**БОБИ I. АСОСҲОИ ПЕДАГОГИВУ ПСИХОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ХИСЛАТҲОИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАРБИЯИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ V-VII**

1.1. Ҷанбаҳои назариявии таҳаммулпазирӣ дар фарҳангҳо, ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва осори муҳаққиқон...............................................................19

1.2. Шарҳи фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогии мафҳуми таҳаммулпазирӣ...............................................................................................45

1.3. Инъикоси ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ дар барнома ва китоби дарсӣ...............................................................................................68

Хулосаҳои боби I ...............................................................................................78

**БОБИ II. ВЕЖАГИҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ V-VII**

2.1. Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар асоси осори ахлоқӣ-педагогии ниёгон...............................................................79

2.2. Озмоиши муқарраркунӣ ҷиҳати муайян намудани сатҳи ташаккули таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII.............................................116

2.3. Озмоиши таълимӣ-методӣ ҷиҳати таъмини роҳу усулҳои самарабахши тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII...............................................................................................130

Хулосаҳои боби II ...............................................................................................161

**ХУЛОСАҲО**...............................................................................................163

**ТАВСИЯҲОИ АМАЛӢ ОИД БА ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ АМАЛИИ ТАҲҚИҚОТ**...............................................................................................166

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**.............................................168

**ЗАМИМА**............................................................................................... 185

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**............................189

# ИХТИСОРАҲО

1. ва ғ. - ва ғайра

2. ва диг. ва дигарон

3. ДДХ - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд

4. ДДҲБСТ - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

5. КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

6. МДТ - Муассисаи давлатии таълимӣ

7. МТМУ - Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

8. [М] - муаллиф

9. н. - ноҳия

10. ниг. – нигоҳ

11. с. – саҳифа / соли

12. СММ - Созмони Милали Муттаҳид

13. ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон

14. ш. - шаҳр

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи тадқиқот**

Маълум аст, ки ҳар як дигаргунии сохтории ин ё он давлат нақши бемайлони худро ба тамоми соҳаҳои идоракунии он мегузорад. Ба сабаби барҳам хӯрдани собиқ давлати шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол гардида бошад ҳам, воқеаҳои ба ҷанги шаҳрвандӣ иртиботдошта боиси рӯ ба фалаҷшавӣ овардани аксари сохторҳои давлатӣ гардид, ки дар ин раванд соҳаи маорифи ҷумҳуриамон истисно набуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятнок эътироф намуда, дар ин росто тадбирҳои хоса меандешад, ки онҳо натиҷаҳои дилхоҳ доданд. Рӯйи кор омадани Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 марти 2006, №94), Барномаи давлатии инкишофи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 (29 апрели соли 2009, №254), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” (2 августи 2011, №762), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (22 июли 2013, №1004) ва Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 (аз 29 сентябри соли 2020, №526) барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва умуман соҳаи маорифи Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (моддаи 4) принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф баён шудаанд, ки самтҳои зерини онҳо ба ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ иртибот доранд:

– бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;

– ҷанбаҳои илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

– ҷанбаҳои инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он [5, 3].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тақдири насли имрӯзу фардои миллати тоҷик таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар Паёми ҳамасола ва баромадҳо низ нуктаҳои марбутро ироа мекунанд. Аз ҷумла, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2019) чунин зикр шудааст: "Мо миллати фарҳангӣ, тамаддунсоз ва аз насли ориёӣ буда, бояд ба таърихи гузаштаамон ҳарчи бештар рӯ оварем ва дар қалби фарзандонамон меҳри китобхонӣ ва ҷустуҷӯи илму донишро ҷой кунем. Ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ бо дарназардошти завқи наслҳои имрӯза аз муҳимтарин вазифаҳои мо дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Дар рӯҳияи ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату миллат, таҳаммулгарой, ватандӯстиву хештаншиносӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонон вазифаи муҳимтарини ҳамаи сохтору мақомот ва аҳли ҷомеа мебошад" [7, 6].

Дар "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" оид ба масъалаи рушди тарбияи таҳаммулпазирӣ, ки ба он дар ҷаҳони муосир таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, фалсафаву сотсиология ва педагогикаву психология беш аз пеш мегардад, диққати ҷиддӣ дода шудааст. Дар ҷомеаи муосир пешрафти давлат, рушди инсонгароёна ва демократикунонии ҷомеа дар баробари босаводу бомаърифат тарбия намудани насли наврас ба ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии он низ вобастагии қавӣ дорад. Аз ин рӯ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифадор карда шудаанд, ки дар баробари тарбия намудани шаҳрванди фаъоли иҷтимоӣ, шахсеро ба воя расонанд, ки ба рӯйдодҳо мустақилона баҳо дода, фаъолияти худро мутобиқ ба манфиатҳои одамони атроф роҳандозӣ карда тавонад. Ҳалли ин масъала ба инкишофи хусусиятҳои устувори ахлоқии шахсияти талаба, ба вежа, ташаккули унсурҳои умдаи таҳаммулпазирӣ бо назардошти вазъи кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст [2].

Бояд гуфт, ки дигаргуниҳои иҷтимоии даҳсолаи охири қарни XX ва оғози садаи XXI дар аксари соҳаҳои муносибатҳои иҷтимоӣ вазъияти номусоидро ба амал овард, ки дар натиҷа мафҳуми таҳаммулпазирӣ дар замони муосир аҳаммияти бештар касб намуд. Моҳияти асосии он дар Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ, ки бо имзои 185 намояндаи давлатҳои аъзои ЮНЕСКО 16-уми ноябри соли 1995-ум қабул гардида буд, инъикос ёфтааст. Аз ин лиҳоз, ташаккул ва рушди таҳаммулпазирӣ дар замони муосир чун яке аз роҳҳои рафъи низову нифоқ, бадбинию душманӣ, нофаҳмӣ ва нописандӣ, парешониву парокандагӣ мавқеи аввалиндараҷа касб мекунад.

Рушди инсонгароёнаву демократикунонии ҷомеаи муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ ба соҳаи маориф, ки воситаи тавонои таълиму тарбия маҳсуб меёбад, иртиботи қавӣ дорад. Аз ин лиҳоз, ташаккул ва рушди таҳаммулпазирӣ дар системаи маориф яке аз воситаҳои муассир ва объективии таълиму тарбияи насли наврас ва, умуман, ҷомеаи муосир дониста мешавад.

Такмили вазъи таълиму тарбия дар шароити ҷаҳонишавӣ ба татбиқи принсипҳои ҳамидаи инсонӣ, дарки ҳуқуқи инсон ва масъулияти шаҳрвандӣ, қобилияти муоширати байнишахсӣ ва омодашавии насли наврас ба зиндагии намунавӣ ва бомасъул дар фазои гуногунфарҳангӣ ва бисёрзабонӣ такя мекунад. Қобили таъкид аст, ки дар ҷодаи тарбияи насли наврас яке аз воситаҳои корсозу нишонрас истифода кардан аз осори бадеӣ, бахусус, асарҳои ҳикматомези классикони адабиёти форсу тоҷик маҳсуб меёбад. Бо омӯзиши асарҳои бадеӣ дар вуҷуди наврасон метавон ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром ба халқият ва қавму миллатҳои гуногунро талқин кард.

Дар робита ба андешаҳои дар боло зикршуда педагогикаи таҳаммулпазирӣ дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои мубрами фазои таҳсилот табдил ёфтааст, ҳарчанд ки дар ин самт мушкилот ва муаммоҳо зиёданд. Ба андешаи мо, монеаҳои асосие, ки ба ташаккули тарбияи таҳаммулпазирӣ халал мерасонанд, инҳоянд:

– пурра коркард нашудани консепсия ва асосҳои педагогӣ-психологии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ;

– омилҳои муҳити хонавода, ки ба таълиму тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон таъсири гуногун мерасонанд;

– суст будани фаъолияти омӯзгорону волидон оид ба ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон.

Ба рушди тарбияи таҳаммулпазирии мактабхонон равона кардани таваҷҷуҳи зарурии маъмурият ва ҷомеаи омӯзгорон басо муҳим арзёбӣ мегардад. Хусусан, ба тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII эътибори хоса зоҳир намудани омӯзгорон зарур аст. Ин давраи синну солро дар доираи илмҳои педагогӣ ба давраи булуғ ё худ бабалоғатрасӣ иртибот додаанд. Дар ин айём наврасии хонандагон оғоз меёбад, “Ман”- и онҳо бештар ҳукм пайдо мекунад. Коре бояд кард, ки онҳо бо ақлу фаросати ҳамидаи инсонӣ қадам ба ҷодаи наврасӣ ниҳанд. Дар иртибот ба ин андешаҳо лозим донистем, ки мавзӯи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик” ба ҳайси рисолаи илмии махсус интихоб, баррасӣ ва ҳаллу фасл гардад.

**Дараҷаи омӯхта шудани мавзуи тадқиқот**

Дар доираи адабиёти педагогии ватанӣ доир ба масъалаи тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифоти монографию диссертатсионӣ (Ҳабибова Н., Қаюмова Ҳ., Раҳматуллоева Ф., Бобоева С., Эгамбердиева М.) рӯйи кор омадааст, аммо онҳо ба масъалаи ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII бевосита иртибот надоранд. Таъкид кардан зарур аст, ки корҳои тадқиқотии таълифшуда ба масъалаи ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии донишҷӯён (Раҳматуллоева Ф., Бобоева С.), асосҳои педагогии ташаккули муҳити таҳаммулгароёна дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (Эгамбердиева М.), синфҳои ибтидоӣ (Ҳабибова Н., Қаюмова Ҳ.) бахшида шудаанд.

Тазаккур медиҳем, ки дар доираи илми педагогика ва методикаи таълим мавзуи таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ аз дидгоҳи суханварони форсу тоҷик ва нақши он дар тарбияи шогирдон то ҳанӯз мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, дар самти таҳқиқи ташаккул додани хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон зимни таълими фанни адабиёти тоҷик рисолаи мо кӯшиши аввалин мебошад.

Зимни шиносоӣ бо маъхазҳои бахшида ба илмҳои фалсафа, фарҳангшиносӣ, таърих, сотсиология (ҷомеашиносӣ), педагогикаи таҳаммулпазирӣ ва психология маълум шуд, ки олимон мафҳуми таҳаммулпазириро аз диди мухталиф шарҳу маънидод кардаанд; ҳуқуқӣ ва иҷтимоию сиёсӣ (М.Мчедлов), ҳамчун як мафҳуми фалсафӣ (В.Лекторский), ҳамчун яке аз категорияҳои муносибат (В.Маралов, В.А.Ситаров, А.Соколов, Г.Солдатова), ба ҳайси як шуури таҳаммулпазирӣ (А.Асмолов, Л.Шайгерова). Бархе олимон бошанд, мафҳуми таҳаммулпазириро ҳамчун асоси озодӣ, эҳтироми ҳуқуқҳои шахси дигар, фарҳанги созиш, муколама, хусусиятҳои шахсию иҷтимоӣ маънидод кардаанд (В.Тишков).

Ба муносибати 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011-ум Конференсияи илмии байналмилалӣ таҳти унвони “Центральная Азия на пути к культуре мира: формирование толерантного сознания, воспитание культуры мира” гузаронида шуд. Дар ҷараёни он як зумра олимони тоҷик, аз қабили академикҳо Лутфуллоев М., Шарифзода Ф., Каримова И.Х., докторони илмҳои педагогӣ Негматов С.Э., Шербоев С., Хоҷаева М.Ҷ., Гусейнова Т.В., Литвинов Д.Н., Юлдошев У.Р. ва дигарон зимни суханронӣ масъалаҳои актуалии ташаккули таҳаммулпазириро дар шароити инкишофи босуръати ҷомеаи муосир ё худ ҷаҳонишавии фарҳангҳо тавзеҳ додаанд.

Нуктаи охир гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду даҳсолаи охир ба масъалаи рушди таҳаммулпазирии педагогӣ дар раванди таълим тавաҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Академик Каримова И.Х. таъкид

мекунад, ки шуур ва тафаккури таҳаммулпазирӣ яке аз меҳварҳои фарҳанги муносибатҳои байни миллатҳо мебошад. Аз ин рӯ, ҳаракат ба сӯйи таҳаммулпазирӣ, бешубҳа, вазифаи тамоми аҳли башар буда, танҳо тавассути амалияи инсонӣ ба он ноил гардидан имконпазир аст [68, 5].

Академик Ф.Шарифзода рушди таҳаммулпазириро дар системаи маориф яке аз талаботи объективии ҷомеаи муосир мешуморад. Тибқи ақидаи ӯ, ташаккули таҳаммулпазирӣ дар шароити гуногунфарҳангии Тоҷикистон, ҳамчун яке аз воситаҳои муттаҳидсозии ҷомеа, омодагӣ ба ҳимояи манфиатҳои шахсияти кӯдакон ва, умуман, ҷомеаи муосир аҳамияти хосро доро хоҳад буд [152, 84].

Дар пажӯҳиши дигар олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ, аз ҷумла академик М. Лутфуллозода [135; 136; 137] ва профессор С.Сулаймонӣ [111, 15-19] низ нуктаҳои ҷолиби марбут ба тарбияи таҳаммулпазирӣ мавҷуданд. Баррасии мухтасари омӯзиши мавзуи таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ нишон медиҳад, ки дар илми педагогикаи тоҷик дар заминаи таълими адабиёти тоҷик ба роҳ мондани тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII то ҳол мавриди тадқиқи монографӣ қарор нагирифтааст.

**Робитаи тадқиқот бо барномаҳои илмӣ**

Тадқиқоти мазкур бо барномаи дурнамои илмии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” таҳти унвони “Масъалаҳои таълими забон ва адабиёти тоҷик, услубшиносӣ робитаи қавӣ дорад. Мавзуи тадқиқии мавриди назар як ҷузъи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи номбурда буда, дар тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирии муҳассилин – омӯзгорони ояндаи фанни забон ва адабиёти тоҷик саҳми босазо хоҳад гузошт.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқот** муайян намудани асосҳои назариявӣ ва педагогиву психологии ташаккули тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими фанни адабиёти тоҷик мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот**

Мақсади кори диссертатсионӣ ҳалли **вазифаҳои зеринро** тақозо мекунад:

1. Шарҳу маънидоди мафҳуми "таҳаммулпазирӣ", ки дар фарҳангҳо, ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва дар тадқиқоти муҳаққиқони ватаниву бурунмарзӣ баррасӣ шудааст.

2. Натиҷагирӣ аз таҳлили консепсияи назариявӣ ва педагогиву психологии олимони ватаниву бурунмарзӣ, ки таърих, назария ва амалияи инкишофи хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагонро баррасӣ намудаанд.

3. Бо мақсади кӯмак расондан ба омӯзгорон дар доираи мафҳуми таҳаммулпазирӣ ва ташаккули хислатҳои он пешниҳод намудани тарзи таҳлили мазмуну мундариҷаи матнҳои аз осори классикон баргузида, ки тибқи барномаи таълим дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷики синфҳои V-VII ворид карда шудаанд. Бояд таъкид намуд, ки ҳамин амал асоси тадқиқоти моро бобати дар ҷодаи таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои мазкур фаро мегирад.

4. Пешниҳоду маслиҳатҳо ба омӯзгорон, аз ҷумла, ба омӯзгорони синфҳои V-VII, ки зимни таълими фанни адабиёти тоҷик дар ташаккули тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон саҳмгир мебошанд.

5. Ташкил ва баргузории раванди озмоиши таълимӣ, ки дар ҷараёни он дурустии фарзияи пешниҳодшуда бобати ноил гардидан ба тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII тасдиқи худро ёфтааст.

**Объекти тадқиқот** тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII дар раванди таълими адабиёти тоҷик (дар заминаи осори классикон) ба шумор меравад.

**Мавзуи (предмет) тадқиқот** роҳу усулҳои ташаккули тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими адабиёти тоҷик аст.

**Фарзияи таҳқиқот.** Ташаккул ва рушди тарбияи таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синфҳои V-VII-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар сурате имконпазир мегардад, ки **агар:**

- дар раванди таълими ҳар як мавзуи дарсии аз осори классикон баррасишаванда на танҳо мазмун, балки ғояи асарҳо низ ба хонандагон саҳеҳу дақиқ шарҳ дода шаванд;

- дар иртибот ба мазмуну мундариҷаи ғоявии бархе аз мавзуъҳои таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-VII аз ҳаёти имрӯзаи ҷомеа низ мисолҳои воқеӣ оварда шавад;

- истифодаи технологияи ҷадиди таълиму тарбия дар ташаккули таҳаммулпазирии хонандагон мусоидат кунад;

- омӯзгори фанни адабиёти тоҷик дар баробари дорои салоҳияти хуби тахассусиву касбӣ будан дар ҷодаи таҳаммулпазирии воло тарбия гирифта бошад, яъне дар ин росто барои хонандагон намунаи ибрат бошад.

**Марҳилаҳои тадқиқот** дар се давра, тайи солҳои 2017-2021 гузаронида шудааст.

**Дар марҳилаи якум** (2017-2018) маводи назариявӣ, педагогиву психологӣ, барномаву китобҳои дарсӣ, рисола ва мақолаҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот ба масъалаи таҳаммулпазирӣ таълиф-гардида мавриди таҳлилу пажӯҳиш ва гурӯҳбандӣ қарор дода шуд. Инчунин бо мақсади муайян намудани сатҳи дониши хонандагони синфҳои V-VII доир ба мавзӯи тадқиқот дар чаҳор муассисаи таҳсилоти миёнаи шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Б.Ғафуров даври аввали озмоиш - озмоиши муқарраркунӣ гузаронида шуд.

**Дар марҳилаи дувум** (2018-2020) коркарди мавзуъҳои матнашон аз осори классикони маъруфи адабиёти форсу тоҷик баргузида, ки дар китобҳои

дарсии фанни адабиёти синфҳои V-VII ворид гардидаанд, асосан, дар доираи эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шеърозӣ ва Ҷалолуддини Балхӣ ба субот расонида шуда. Бо мақсади боварӣ ҳосил намудан даври дувуми эксперимент-озмоиши таълимӣ ташкил гардид.

**Дар марҳилаи севум** (2020-2021) кори озмоишӣ бо мақсади санҷиши муқаррароти асосии фарзияи кор, аз ҷумла самаранокии маводи таҳияшуда идома ёфт. Коркарду ҷамъбасти маълумоти бадастомада, таълифи пурраи кор анҷом ёфта, аз нав зимни таҳрири дувум, иловаҳо ва тағйироти ҷузъӣ ворид карда шуд.

**Асосҳои методологию назариявии** рисоларо натиҷаҳои омӯзиши ҳуҷҷатҳои умумибашарии аз тарафи созмонҳои байналмилалии ЮНЕСКО ва СММ баррасишуда, ақидаҳои олимони маъруфи соҳаҳои педагогикаву психологияи ватаниву бурунмарзӣ, аз қабили Ш.А.Амонашвили, Р.Г.Апресян, А.Г.Асмолов, Ю.К.Бабанский, А.А.Вербитский, Б.С.Гершунский, Б.З.Волфов, И.Г.Дубов, А.А.Леонтйев, М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Х,Каримова ҳамчунин ҳуҷҷатҳои вобаста ба рушду нумуи маорифи Тоҷикистон рӯйи кор овардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил додаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои тадқиқот манобеи зерин мавриди истифода қарор дода шудааст:

а) Таълифоти файласуфон, психологҳо, педагогҳо, ки масъалаҳои тарбия ва ташаккули таҳаммулпазирии шахсро инъикос мекунанд;

б) Санадҳои байналмилалӣ:

- Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ;
- Эъломия дар бораи фарҳанги сулҳ;

в) Санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ:

- Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ;

- Стратегияи миллии рушди маориф дар ҶТ то соли 2030;

- Қонуни ҶТ дар бораи маориф.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии таҳқиқотро омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, таҳлили барнома ва китобҳои дарсӣ, озмоишҳои педагогии муқарраркуниву таълимӣ-методӣ бобати муайян намудани мазмуни таҳсилот, вазъи таълим ва сатҳи дониши хонандагон, ки дар доираи методи омории таҳқиқот ҷамъбаст гардидааст, инчунин усулҳои мушоҳида, таҳлил ва анкета бо мақсади ба даст овардани хулосаҳои даркорӣ аз фаъолияти касбии омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик дар иртибот ба тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII; таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ва арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** МТМУ №12-ум ба номи А.Бобоев, литсейи ДДҲБСТ-и шаҳри Хуҷанд, МТМУ № 12-ум ба номи М.Исмоилов, гимназияи №2-и н. Б.Ғафуров, МТМУ №11 ба номи Ғ.Абдувоҳидови н.Ҷ.Расулов, гимназияи №1 н.Спитамени вилояти Суғд, ки ба ҳайси муассисаҳои таҷрибавӣ интихоб шуда буданд, ташкил доданд.

**Навгониҳои илмии тадқиқот** иборат аз инҳост:

- бори аввал тавассути таълими адабиёти тоҷик масъалаи ташаккул ва рушди тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (синфҳои V-VII) баррасӣ гардидааст;

- азбаски асоси барнома ва маводи китобҳои дарсии адабиёти тоҷики синфҳои V-VII-ро осори классикони маъруфи форсу тоҷик ташкил дода, дорои мазмуну мундариҷаи баланди пандуахлоқӣ мебошанд, коркард ва баррасии нуктаҳои марбут ба тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон сурат гирифтааст;

- на танҳо аз хусуси роҳу усулҳои дар хонандагони синфҳои V-VII тарбия намудани хислатҳои таҳаммулпазирӣ мулоҳизаронӣ шудааст, балки

доир ба аҳамият ва зарурати соҳиб будани омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик ба хислатҳои таҳаммулпазирӣ низ изҳори ақида гардидааст;

- маводи зарурӣ барои ташкили машғулиятҳо ва чорабиниҳои берун-азсинфӣ пурра таҳия гардида, роҳҳои мушаххаси ташаккули таҳаммул-пазирии хонандагон муайян карда шудаанд.

**Ба ҳимоя нуктаҳои асосии зерин пешниҳод мегарданд:**

1. Дар ҳамаи давру замонҳо таҳаммулпазирӣ мафҳуми ифодакунандаи хислатҳои наҷиби инсонӣ маҳсуб мегардид ва имрӯз ҳам чунин аст. Ин мафҳум сабру таҳаммулро ба ҳар шахс ҳамчун маҳорати ба дигарон халал нарасонида зиндагӣ кардан, қобилияти доштани ҳуқуқу озодиро бидуни халалдор сохтани ҳуқуқу озодиҳои дигарон пешбинӣ мекунад. Ҳамчунин таҳаммулпазирӣ асоси демократия ва ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Ба таъбири дигар, таҳаммул-пазирӣ ба маънои гузашт кардан, саҳлгирӣ ва ё чашмпӯшӣ набуда, доштани мавқеи фаъолонаи ҳаётиро дар асоси эътирофи ғайр пешбинӣ мекунад.

2. Таҳаммулпазирӣ арзиш ва меъёри иҷтимоӣ буда, дар заминаи гуногунии ҳуқуқҳои қавму миллатҳои гуногуни маскуни кишвар ва ҷамъияти шаҳрвандӣ зуҳур мекунад. Он тавозуни байни гурӯҳҳои иҷтимоии этникӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоиро таъмин мекунад, эҳтиромро ба гуногунии фарҳангҳо, тамаддуни халқу миллатҳо, омодагиро ба фаҳмишу ҳамкорӣ бо одамоне, ки аз лиҳози намуди зоҳирӣ, забон, эътиқод, анъана, имон, вазъи иҷтимоию касбӣ фарқ мекунанд, пешбинӣ менамояд.

3. Таҳаммулпазирӣ сифати ҷудонашавандаи шахсияти комил мебошад. Азбаски камолоти шахсият мавҷудияти чунин хислатҳоро, аз қабили масъулият ба эҳсосу афкор ва рафтори худ, интихоби ҳамкорӣ чун тарзи муносибатҳои мутақобила ва бо тамоми хислатҳои мусбату манфӣ пазируфтани шахси дигар, тағйирпазирӣ ва қобилият ба мувофиқшавиро пешбинӣ мекунад, таҳаммулпазирӣ дар стратегияҳои мушаххаси рафтор зоҳир мегардад. Муҳиммияти ташаккули таҳаммулпазирӣ дар он маврид дақиқ мешавад, ки дар сурати набудани он хислатҳои номақбуд – хусуматварзӣ, бераҳмӣ, зӯроварӣ ба

вуҷуд меояд. Асоси таҳаммулпазириро ҳисси эҳтиром ба худ, иззати нафс, адами эҳсоси ҳақирӣ ташкил мекунад. Аз ин лиҳоз, ташаккули сифатҳои мазкур бояд ба тарбия дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ мусоидат кунад.

4. Мафҳуми таҳаммулпазирӣ, ба маънои тому комили ахлоқӣ-маънавӣ, ба сифати таълимоти муассири педагогӣ дар эҷодиёти шоирону адибони қуруни вустои форсу тоҷик дар ҳамаи давру замонҳо манзур буд. Ҳарчанд ки фалсафаи таҳаммулпазирӣ дар ин қолабу шакл танҳо дар қарнҳои XIX-XXI ба таври саҳеҳ рӯнамо гардид, унсурҳои умдаи таҳаммулпазирӣ дар давраҳои қадимтарини таърихи башарият, аз ҷумла кишварҳои форсзабон, асос ёфтаю ташаккул ёфт, зеро маҳз таҳаммулпазирӣ ҳаёти осоиштаю мусолиҳаомези тоҷиконро таъмин менамуд ва имрӯз ҳам таъмин менамояд.

5. Мутафаккирону бузургони халқи тоҷик ба масъалаи ташаккул ва такмил ёфтани ахлоқ, ки дар муҳити иҷтимоӣ ва хонавода бо таъсири тарбият сурат мегирад, аҳамияти ҷиддӣ додаанд. Онҳо таъкид кардаанд, ки тарбия муҳимтарин воситаи ташаккулдиҳандаи инсон буда, дар ин ҷода нақши омӯзгор дар рушду камолоти маънавии инсон сазовори эътироф мебошад. Умуман, аксари хислатҳои инсонӣ, ки бузургони мо онҳоро тавсиф кардаанд, бевосита ба ташаккули таҳаммулпазирӣ иртибот доранд.

6. Мавзуи таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ дар эҷодиёти адибон ба ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, диниву фарҳангиву маишӣ ва ғ. бахшида шуда, зимни мазмуну мундариҷаашон рушди инсони комилу боэҳтиром, пойдории сулҳу ваҳдат, гузаро будани умр ва ғанимат донистани онро васф мекунанд, ки ин ҳама сифатҳо, бешубҳа, дар тарбияи ҷомеаи таҳаммулпазир заминаҳои асосианд.

7. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи тарбияи таҳаммулпазирӣ муҳиммияти маҳзро доро мебошад, зеро дар ин марҳалаи таҳсил ва ташаккули шахсияти хонандагон заминаҳои мустаҳками робитаи мутақобилаи байни мактабиён, ки аз микроҷомеаҳои мухталиф омадаанду таҷрибаи ҳаётии гуногун доранд ва фаъолияти коммуникативиашон ҳанӯз ташаккул наёфтааст, оғоз меёбад.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот** иборат аз он аст, ки:

- пеш аз ҳама, дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ, ақидаҳои файласуфону ҷомеашиносон ва равоншиносону педагогҳо роҷеъ ба зарурати тарбия намудани хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар вуҷуди насли наврас таърифи нисбатан дақиқи мафҳум пешниҳод шудааст;

- зимни омӯзиш ва баррасии матнҳои дорои мазмуну мундариҷаи баландғояи аз осори классикон интихобшуда аз рӯйи маводи китоби адабиёти тоҷики синфҳои V-VII, ки таълими он, асосан, дар курси хониши адабӣ сурат мегирад, кӯшиш шудааст роҳҳои тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди хонандагон нишон дода шавад;

- мавқеи хониши мустақилонаи асарҳои ниёгон, ҳамкории доимии мудирони китобхонаҳо бо омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик ва рушди хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон бо роҳи худомӯзӣ исбот гардидааст. Ҷавобҳои хонандагони ба мутолиаи осори адабӣ машғулшуда шаҳодат медиҳанд, ки донишу малакаи таҳаммулпазирии онҳо зиёд шудааст;

- дар фарҳангҳои гуногун мафҳум ё худ маънои мухталифи таҳаммулпазирӣ шарҳу тафсир шуда бошад ҳам, онҳо ҳамаи ҷанбаҳои истилоҳи “таҳаммулпазирӣ”-ро фаро намегиранд. Дар Эъломияи ЮНЕСКО таҳаммулпазирӣ ба ҳайси истилоҳи умумибашарӣ қабул шудааст.

**Аҳамияти амалии тадқиқот.** Маводи коркарднамудаи мо ба омӯзгорони фанни адабиёти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, ба омӯзгорони синфҳои V-VII бобати дар рӯҳияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои мазкур ба ҳайси як дастури роҳнамо кӯмак хоҳад намуд. Инчунин истифодаи натиҷаи ҳамин тадқиқот ба омӯзгорони фанни адабиёт метавонад барои дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагон то андозае ёрӣ расонад. Ҳамчунин таҳиягарон ва муаллифон метавонанд, дар living бознашрҳои барнома ва китобҳои дарсии фанни адабиёти тоҷик нуктаҳои муҳимми дар тадқиқоти мазкур баррасишударо ба инобат гиранд.

Ниҳоят, ба андешаи мо, устодони кафедраҳои педагогика ва психологияи коллеҷҳои омӯзгорӣ, мактабҳои олӣ ва муттахасисони дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дарсдиҳанда низ метавонанд дар дарсҳои лексионии бевосита ба масъалаҳои тарбиявӣ бахшидашаванда аз он истифода намоянд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада** аз омӯзиши ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ, ақидаҳои олимони соҳаи фалсафаву ҷомеашиносӣ, педагогика ва психология доир ба масъалаи таҳаммулпазирӣ, коркарди матнҳо аз осори классикони маъруфи адабиёти тоҷику форс, ки тибқи пешниҳоди барномаи таълим ба китобҳои дарсии адабиёти тоҷики синфҳои V-VII ворид гардидаанд, дурустии натиҷаи ҳамон коркардҳо тавассути озмоиши таълимӣ ва чорабиниҳои дигари дар муассисаҳои таҷрибавӣ баргузоршуда бармеояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ:**

**-** зимни таълими адабиёти тоҷик рушду ташаккули тарбияи таҳаммулпазириро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, дар сиришти хонандагони синфҳои V-VII, ки дар давраи гузариш, яъне наврасӣ қарор доранд, воқеъбинона асоснок намудааст;

**-** дар интихоб ва шарҳу таҳлили матнҳо аз осори классикони варзидаи адабиёти форсу тоҷик, ки тибқи пешниҳоди барномаи таълим ба китобҳои дарсии синфҳои номбурда ворид шудаанд, маҳорати баланди илмӣ-педагогӣ намоён кардааст;

**-** дар омода намудани омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик ва хонандагони синфҳои V-VII муассисаҳои таҷрибавӣ ба ташкил ва гузаронидани озмоиши

таълимӣ саҳм гузоштааст, ки тафсилоти нуктаи мазкур дар фасли сеюми боби II баррасӣ шудааст;

- дар рафти озмоиши таълимӣ бевосита ширкат варзида, назорат ва мушоҳида карда, тибқи омӯзиш ва таҳлили асноди зиёди ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ, фарҳангҳо ва тадқиқоти олимони соҳаҳои гуногун оид ба мазмуну моҳияти фарҳанги таҳаммулпазирӣ рӯшанӣ андохтааст.

**Тасвиби натиҷаи тадқиқот.** Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласа ва семинарҳои илмии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ироа ва мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Хулоса ва натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар ҳамоишҳои сатҳи байналмилаливу ҷумҳуриявии “Мавқеи ҷавонон дар рушди илм” (ш.Хуҷанд, 22 майи с.2017), “Challenges in science of nowadays” (Вашингтон, 16-18 июли с.2021), “Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо” (ш.Хуҷанд, 30 сентябри с.2021), Шеъри имрӯз: Суннат ва навоварӣ” (ш.Хуҷанд, 20 майи с.2022), “Мактаби сиёсии Пешвои миллат” (ш.Бохтар, 24 июни с.2022) мавриди муҳокимаву таҳлил қарор ёфтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳо ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар 14 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия ва 9 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи муттаҳидаи кафедраҳои методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва педагогикаи умумии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров”(19-уми апрели соли 2022) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии тадқиқот, ду боб, ки аз шаш зербоб фароҳам омадааст, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсияро 190 саҳифаи матни компютерӣ ташкил медиҳад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ПЕДАГОГИВУ ПСИХОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ХИСЛАТҲОИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАРБИЯИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ V-VII

## 1.1.Ҷанбаҳои назариявии таҳаммулпазирӣ дар фарҳангҳо, ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва осори муҳаққиқон

Таҳаммулпазирӣ мафҳуми сермаъно буда, дар асрҳои XVI-XVII ба ҳайси яке аз масъалаҳои мазҳабӣ аҳамияти махсус касб кардааст. Алҳол ба соҳаи ҳаёти дунявӣ, аз ҷумла, ба низоми маориф роҳ ёфта, табиат ва хусусияти байнифаннӣ гирифтааст.

Дар забонҳои аврупоӣ "**таҳаммулпазирӣ**" бо истилоҳи **толерантность** (лотинӣ tolerantia-сабр, таҳаммул; анг. tolerance, tolerantion, нем. tolerant, фарон. tolerance) ифода мегардад, ки муродифи **пуртоқатӣ**, **босабрӣ** буда, роҳи дуру дароз ва мушкили ташаккул ва эътирофро тай карда, муҳтавояш васеъ шудааст [187; 178; 191].

Ба забони тоҷикӣ вожаи "**толерантность**"-ро, асосан, бо калимаи **таҳаммулпазирӣ** ифода мекунанд. Истилоҳи **таҳаммулпазирӣ** аз ду вожа – калимаи арабии **таҳаммул** аз решаи **ҳамала** ба маънои **бардоштан, бурдани бор** ва вожаи тоҷикии **пазируфтан** ба маънои **қабул кардан**, **бардоштан**, **тоқат кардан** ва пасванди исмсози «-ӣ» сохта шудааст [178, 107]. Вале вожаи **таҳаммулпазирӣ**, сарфи назар аз муродифҳои дигараш, дар забони адабӣ ва илмӣ ҳамчун истилоҳ ҳоло мавриди истифодаи ҳамагон гардидааст. Гоҳо муродифҳои сабурӣ, мадоро, саҳл гирифтан, созиш кардан, гузашт, сабру тоқат, собирӣ, таҳаммул ва ғайраро ба ҷои истилоҳи таҳаммулпазирӣ истифода мебаранд, ки на ҳамаи онҳо ба пуррагӣ моҳияти ин истилоҳро фаро гирифтаанд.

Дар асарҳои адабӣ, маъмулан, **таҳаммул** бо мафҳумҳои **мадоро** (мудоро, мудорот), **қаноат, тоқат, шикебо** (шикеб, шикебоӣ, шикебидан,

шикебанда), **мувосо, сабр** ифода ёфтааст, ки мувофиқи шарҳи “Фарҳанги забони тоҷикӣ” дорои чунин маъниҳост:

1. **Таҳаммул** вожаи арабӣ (تحمل): 1. ба сахтӣ тоб овардан, сабру тоқат доштан, махсусан, дар вақти сахтию машаққат. Масалан,

Пои мискин пиёда чанд равад,

К-аз таҳаммул сутӯҳ шуд бухтӣ (Саъдӣ).

Чу сабру таҳаммул шавад ёри кас,

Ба некӣ муяссар шавад кори кас (Шодӣ) [192, 354].

2. **Мудоро**, **мудорот** вожаи арабӣ (مدارا//مدارات): 1. бо нармӣ ва ҳусни хулқ бо касе рафтор кардан, муомилаи нек; илтифот; лутф; оштӣ ва сулҳу салоҳ ба кор бурдан. Чунончи:

Ҳаме то барояд ба тадбир кор,

Мудорои душман беҳ аз корзор (Саъдӣ) [191, 718].

3. **Мувосо, мувосот** вожаи арабӣ (مواسا//مواسات): 1. созиш ва мувофиқат бо ҳамдигар, мадоро, муросо, ёрӣ, мадад. Масалан:

Дунё на матоест, ки арзад ба низое,

Бо хасм мудоро куну бо дӯст мувосо (Ҷомӣ) [191,716].

4. **Қаноат** вожаи арабӣ (قناعت): ризомандӣ ва хушнудӣ, қонеӣ ва розигӣ ба чизи кам; кифоя, басандагӣ:

Қаноат кун, ки охир аз қаноат,

Тавон гардид боюлбои мардум (Савдо) [192, 673].

5. **Тоқат** вожаи арабӣ (طاقت): тоб, тавон, бардошт; **тоқат овардан-** тоб овардан, таҳаммул кардан, бардошт кардан; **тоқ шудани тоқат-** тамом шудани сабру таҳаммул; **ба тоқат расидан -** бетоқат шудан, сабру таҳаммул аз даст додан [192, 375].

6. **Шикеб** (شکیب): сабр, таҳаммул, тоқат, бурдборӣ; ором [192, 586].

7. **Шикебанда** (شکیبنده): сабркунанда, собир, тоқаткунанада.

Шикеб оварад бандҳоро калид,

Шикебандаро кас пушаймон надид (Низомӣ) [192,586].

8. **Шикебидан (شکیبیدن)**: сабр кардан, таҳаммул ва бурдборӣ намудан, тоқат овардан; орому қарор гирифтан.

Бишкеб, азеро ки ҳаме даст наёбад,

Бар орзуи хеш, магар марди шикебо (Носири Хисрав) [192, 586].

9. **Шикебо (شکیبا)**: шикебанда, сабркунанда, сабур, бурдбор; таҳаммул ва тоқаткунанда; босабру бардошт.

Шуҷоъ он, ки дилро шикебо кунад,

Ба ошуфтан-андар мудоро кунад (Абӯшакури Балхӣ) [192, 586].

10. **Сабр (صبر)**: шикебоӣ, таҳаммул, тоқат, тобоварӣ ба сахтиҳо.

Сабр кун, эй дил, ки он бедоди ҳиҷрон бигзарад,

Роҳати тан чунки бигзашт, офати ҷон бигзарад (Анварӣ) [191, 165] ва ғайра.

Дар ҳамаи давру замонҳо таҳаммулпазирӣ мафҳуми ифодакунандаи яке аз хислатҳои инсонӣ маҳсуб мегардид ва имрӯз ҳам чунин аст. Ин мафҳум сабру таҳаммулро ба ҳар шахс ҳамчун маҳорати ба дигарон халал нарасонида зиндагӣ кардан, қобилияти доштани ҳуқуқу озодиро бидуни халалдор сохтани ҳуқуқу озодиҳои дигарон пешбинӣ мекунад. Ҳамчунин таҳаммулпазирӣ асоси демократия ва ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Таҳаммулпазирӣ сулҳдӯстӣ, мусолиҳакор набудан ба ихтилофҳои этникӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ, байнишахсӣ ва эътирофи мавҷудияти баробарҳуқуқии “ғайр” (шахси дигар)-ро дар назар дорад. Ба ифодаи дигар, таҳаммулпазирӣ ба маънои гузашт кардан, саҳлгирӣ ва ё чашмпӯшӣ набуда, доштани мавқеи фаъолонаи ҳаётиро дар асоси эътирофи ғайр пешбинӣ мекунад.

Дарки мафҳуми таҳаммулпазирӣ дар олами муосир аҳамияти бузург дорад. Чунончи, 16 ноябри соли 1995 дар Париж бо имзои 185 намояндаи давлати аъзои ЮНЕСКО Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ қабул карда шуда, дар ин ҳуҷҷат ба истилоҳи мазкур (таҳаммулпазирӣ) таърифи мушаххасу дақиқ додаанд. Дар Эъломия таҳаммулпазирӣ на танҳо чун

вазифаи ахлоқӣ, балки чун талаби сиёсию ҳуқуқӣ нисбат ба инсонҳои алоҳида, гурӯҳи одамон ва давлатҳо низ тавсиф шудааст. Дар Эъломия таъкид гардидааст, ки ҳангоми ба миён омадани зарурати таъмини баробарҳуқуқӣ дар муошират ва имкониятҳо барои тамоми гурӯҳҳои одамон ва аъзои алоҳидаи ҷамъият бояд қонунгузории нав таҳия шавад.

Бояд таъкид сохт, ки ба туфайли кӯшишҳои ЮНЕСКО дар даҳсолаҳои охир мафҳуми **таҳаммулпазирӣ** дар миқёси байналхалқӣ, ҳамчун истилоҳ, ба муҳимтарин вожаи калидии масоили сулҳ табдил ёфтааст. Дар ин ҳуҷҷат мафҳуму моҳияти таҳаммулпазирӣ дар асоси эътирофи ягонагӣ ва гуногуншаклии инсоният, вобастагии ҳар кас аз ҳама ва ҳама аз ҳар кас, эътирофи ҳуқуқи ғайр (аз ҷумла, ҳуқуқи дигар будан ё фарқ доштан), ҳамчунин парҳез кардан аз расонидани зарар (зеро зарари ба каси дигар расонида маънои расонидани зарар ба ҳама ва ба худи зараррасонанда аст) тасвия шудааст. Инчунин мутобиқи Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ накӯкорие, ки ба даст овардани сулҳро имконпазир мегардонад ва ба табдили фарҳанги ҷанг ба фарҳанги сулҳ мусоидат мекунад, **таҳаммулпазирӣ** мебошад. Ниҳоят, таҳаммулпазирӣ тасдиқ ва эътирофи гуногуншаклии фарҳангҳои олами мо, шаклҳои худифода ва тарзҳои зуҳуроти фардияти инсонӣ аст.

Дар маъхазҳои педагогӣ **таҳаммулпазирӣ** ба маънои ҳалли масъалаи рушди фарҳанги муносибатҳои байни миллатҳо низ омадааст. Бори нахуст масъалаи таҳаммулпазириро дар иртибот ба масъалаи муносибатҳои байналмилалӣ директори Пажӯҳишгоҳи мардумшиносӣ ва антропологияи Академияи илмҳои Русия, академик А.Тишков ҳангоми мулоҳизаронӣ дар бораи зарурати “таҳаммулпазирии байни миллатҳо” ба миён гузоштааст [203; 116]. Мувофиқи шарҳи ӯ, “таҳаммулпазирӣ мушаххас ва ё дақиқкунандаи шахсият дар ҷамъият аст ва, биноан, ҷонибдори ақидаест, ки зимни он нуқтаи назарҳо нисбат ба олам мухталифанд ва, аз ин ваҷҳ, онҳоро як шакл сохтан ё ба манфиати касе мутобиқ кардан номумкин аст” [116, 259]. Ӯ муайян

кардааст, ки таҳаммулпазирӣ дар сатҳи психологӣ (чун муқарраротидохилӣ ва муносибати шахсияту ҷомеаи меҳнатӣ) ва сатҳи сиёсӣ (чун амал ё меъёри амалигардида) низ ифода меёбад.

Ба фикри мо, таҳаммулпазирӣ, пеш аз ҳама:

- сабр ба тарзи ҳаёти ғайр;

- ба рафтори ғайр;

- ба гуногуншаклии фарҳангҳои олами мо;

- сабр ба тарзҳои тазоҳури инфиродии шахсӣ ва танзимгари гуногуншаклию ӯҳдадории ахлоқӣ;

-ниҳоят, талаботи сиёсиву ҳуқуқӣ;

- ифодакунандаи накӯкориест, ки ба даст овардани сулҳро имконпазир гардонида, бобати табдили фарҳанги ҷанг ба фарҳанги сулҳ низ мусоидат мекунад.

Ҳамчунин ба таҳаммулпазирӣ, дар маҷмуъ, дониш, муоширaт ва озодии афкор, озод будани виҷдону эътиқод мусоидат мекунад, ки ин ҳама нуктаҳои зайлро тақозо менамояд:

- ба ҳар инсон муҳайё кардани имконияти рушди иҷтимоӣ бидуни маҳдудкунӣ;

- сифати шахсиятро, ки яке аз самтҳои инсондӯстии шахсият буда, зимни муносибати арзишманд ба атрофиён муайян мегардад;

- қобилияти муқаррар намудан ва ҳифзи умумияти одамоне, ки аз ягон ҷиҳат аз мо фарқ мекунанд.

Мавриди зикр аст, ки ташаккули рафтори таҳаммулпазирона, сулҳдӯстию сулҳҷӯӣ ва пешгирии намудҳои мухталифи ифротгароӣ дар ҷумҳурии сермиллати мо аҳамияти калон дорад. Чунончи, дар “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таъкид шудааст, китаҳаммул ва тоқатпазирӣ аз эҳтироми ақидаи дигарон ба миён меояд. Шахс бояд ба ҳамсуҳбат ва мунаққиди худ тоқатпазир бошад. Ба сухани дигарон, ки аз ақидаи ӯ фарқ мекунад, ботаҳаммул гӯш дода тавонад. Тоқатпазир будан яке

аз сифатҳои мусбати муносибати башардӯстона доштан ба шаҳрванд ва омили асосии пешгирӣ кардани низоъҳои эҳтимолии дар байни шаҳрвандон баамалоянда мебошад [2, 21].

Бале, чунин шарҳи мафҳуми **таҳаммулпазирӣ** маҳсули нооромиҳои иҷтимоии ҳукмфармо дар ҷамъият, зиддиятҳои идомаёфтаистодаи байниэтникӣ, кӯшишҳои ба манфиати режими сиёсӣ истифода бурдани зиддиятҳои мазкур, афзоиши рӯҳияи ҷудоихоҳӣ ва ифротгароии миллӣ, ки мустақиман ба амнияти мамлакат хатар эҷод мекунанд, маҳсуб меёбад.

Таъкид кардан зарур аст, ки аз лиҳози соҳаи зуҳурот таҳаммулпазириро ба намудҳои зерин ҷудо мекунанд: **сиёсӣ, илмӣ, педагогӣ, маъмурӣ** ва **психологӣ**. Ҳамчунин дар иртибот ба шахсият психологҳо якчанд намуди таҳаммулпазириро таҳти вожаҳои **табиӣ**, **ахлоқӣ** ва **маънавӣ** баррасӣ намудаанд.

Бояд таъкид сохт, ки шарҳи муосири фалсафии таҳаммулпазирӣ ба шарҳҳои дар ин бобат додашуда, ки дар боло ёдовар шудем, наздик аст. Дар “Философский энциклопедический словарь” **таҳаммулпазирӣ** ба маънои “таҳаммул ба дигар нуқтаи назарҳо” шарҳ дода шудааст. Таҳаммуле, ки дар бораи он сухан меравад, “аломати боварӣ ба худ ва идроки муътамадии мавқеи худ, аломати ҷараёни ғоявиест, ки барои ҳама дастрас аст ва аз муқоиса бо дигар нуқтаи назар “наметарсад” ва аз рақобати маънавӣ канорагӯӣ намекунад” [193, 89].

Мо чунин мешуморем, ки шарҳи мазкур аз мавқеи фаъолонаи шахсият дар равандҳое, аз қабили шинохт ва эътирофи “Ман”-и худ (мавқеъ, нуқтаи назар, ҷаҳоншиносӣ) ва мавқеи одами дигар (ғайр); бобати муайян кардани равиши рафтор ва муколама бо дигарон; аз раванди ҳамкории мутақобила бо дигарон ва нигоҳ доштани “Ман”-и худ ва натиҷаҳои таҳлили ҳамкории мутақобила шаҳодат медиҳад.

Ба ақидаи М.Липман, таҳаммулпазирӣ сабр, тоқат, бардошт, устувории психикӣ (равонӣ) аст [86, 110-121]. Ҷиҳатҳои хоси таҳаммулпазирӣ дар

сарсухани Оинномаи СММ чунин зикр шудааст: "Зоҳир кардани сабру тоқат ва якҷоя ҳаёт ба сар бурдан дар сулҳу салоҳ бо ҳамдигар чун ҳамсоягони нек" [10]. К.Уэйн ба хулоса омадааст, ки "таҳаммулпазирӣ" на танҳо эътирофу эҳтироми эътиқод ва амалиёти одамони дигар, балки эътирофу эҳтироми худи "одамони дигар" мебошад, ки аз мо фарқ мекунанд" [70, 27].

Таҳаммулпазирӣ новобаста ба вежагиҳои этникию нажодӣ ба ҳамаи халқияту миллатҳо ва дину оинҳо зарур аст; он аломати эътимод ба худ ва идроки пойдорию устувории мавқеи худ, аломати ба ҳамаи ҷараёнҳои ғоявӣ дастрас будани инсон аст ва, ҳамзамон, собит месозад, ки инсон аз дигар нуқтаи назарҳо ҳарос надорад ва аз рақобати маънавӣ канорачӯӣ намекунад.

Таҳаммулпазирӣ арзиш ва меъёри иҷтимоӣ буда, дар ҳолатҳои гуногун будани ҳуқуқҳои ҳамаи фардҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ зуҳур мекунад. Он тавозуни байни гурӯҳҳои иҷтимоии этникӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоиро таъмин мекунад, эҳтиромро ба гуногунии фарҳангҳо, тамаддуни халқу миллатҳо, омодагиро ба фаҳмишу ҳамкорӣ бо одамоне, ки аз лиҳози намуди зоҳирӣ, забон, эътиқод, анъана, имон, вазъи иҷтимоию касбӣ фарқ мекунанд, пешбинӣ менамояд.

Дар фаҳмиши муосир таҳаммулпазирӣ ифодакунандаи қобилияти шунидан ва эҳтиром кардани фикри дигарон, бо хайрхоҳӣ ё бидуни хусумат истиқбол намудани ақидаҳои хилофи ақидаи худ аз ҷониби инсон ва ҷомеа мебошад. Ҳарчанд мафҳуми таҳаммулпазириро дар аксарияти маъхазҳо ба сабру тоқат айният медиҳанд, он вежагиҳои аз ин (сабру тоқат) ҳам возеҳтару фаъолтарро фарогир мебошад. Ба ифодаи дигар, таҳаммулпазирӣ тобеъ будан ба фикр, ақида ва амали дигарон нест, муносибати фаъолонаи ахлоқию омодагии психологӣ дар ҳамбастагӣ ба сабру тоқат баҳри тафоҳуми мутақобилаи байни этносҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, баҳри амали мусбат бо одамони миллату фарҳанг, мазҳаб ё муҳити иҷтимоияшон дигар мебошад. Вале ин маънои онро надорад, ки таҳаммулпазирӣ ҳама чизро қабул мекунад, ҳама гуна инҳироф аз арзёбиҳои аз ҷониби умум пазируфта ва меъёрҳои

маъмулӣ ё муътадили рафторро маъқул мешуморад. Таҳаммулпазирӣ ҳамкории мутақобила, гузашти дутарафа ва ба назар гирифтани манфиати ҳар нафарро пешбинӣ мекунад, яъне таҳаммулпазирии яктарафа вуҷуд дошта наметавонад [120; 69; 124].

Таҳаммулпазирии асил сифати шахсияти бакамолрасида мебошад. Ба ибораи дигар, чунин ашхос барои худсобиткунӣ ба таҳқири шахси дигар эҳтиёҷ надорад. Ҳатто метавон гуфт, ки таҳаммулпазирӣ сифати ҷудонашавандаи шахсияти комил мебошад. Азбаски камолоти шахсият мавҷудияти чунин хислатҳоро, аз қабили масъулият ба эҳсосу афкор ва рафтори худ, интихоби ҳамкорӣ чун тарзи муносибатҳои мутақобила ва бо тамоми хислатҳои мусбату манфӣ пазируфтани шахси дигар, тағйирпазирӣ ва қобилият ба мувофиқшавиро пешбинӣ мекунад, таҳаммулпазирӣ дар стратегияҳои мушаххаси рафтор зоҳир мегардад. Муҳиммияти ташаккули таҳаммулпазирӣ дар он маврид дақиқ мешавад, ки дар сурати набудани он дар рафтори инсон на холигоҳ, балки хислатҳои муқобил – хусуматварзӣ, бераҳмӣ, зӯроварӣ ба вуҷуд меояд. Асоси таҳаммулпазириро ҳисси эҳтиром ба худ, иззати нафс, адами эҳсоси ҳақирӣ ташкил мекунад. Пас, ташаккули сифатҳои мазкур бояд ба тарбия дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ мусоидат кунад.

Таҳаммулпазирӣ вежагии шуур ва ё хислати модарзодии шахсият нест, бинобар ин, мумкин аст, ки умуман дар шуури инсон пайдо нашавад. Аз ин лиҳоз, онро дар шахс махсус тарбия кардан ва ташаккул додан лозим аст. Тарбияи таҳаммулпазирӣ даст кашидан аз бадгумонӣ ва хислатҳои манфии иҷтимоиро ба манфиати муносибати айнӣ ба ҳар инсон новобаста аз вежагиҳои инфиродии ӯ пешбинӣ мекунад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ташаккули ҷамъияти шаҳрвандӣ ва дар иртибот ба он тафаккури таҳаммулпазирӣ дар мамлакати мо дар шароити мураккаб сурат мегирад, ки яке аз онҳо тайёр набудан ё хоҳиш надоштани худи одамон ва, пеш аз ҳама, ворид нашудани ҷавонон ба ин раванд мебошад. Ҳамзамон, пӯшида нест, ки аз бисёр ҷиҳат рушди иқтисодию фарҳангии ҷумҳурии

сермиллати мо, маҳз аз ҷавонон ва мавқеи онҳо вобаста аст. Аз ин лиҳоз, ҳоло ки дар ҷумҳурӣ вазъи иқтисодию сиёсӣ тағйир ёфтааст, моро зарур аст, ки ҷавононро фаъолонатар ба раванди таъсиси ҷамъияти шаҳрвандӣ ҷалб намуда, дар онҳо эҳсоси ватандӯстӣ, ҳамкорӣ ва иззати нафсро тарбия кунем; дар онҳо чунин сифатҳои шахсиятро, аз қабили ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, мустақилият, саҳмгирӣ ба ноил гардидан на танҳо ба мақсадҳои инфиродӣ, балки ҳадафҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ аҳамиятнокро низ ташаккул диҳем. Ба ақидаи Рибаков О. иҷрои вазифаҳои мазкур танҳо бо роҳи шарикии ҳадафманди иҷтимоии давлат ва ҳокимияти маҳаллӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон имконпазир аст [97, 5]. Инчунин тавре файласуф Ю.А.Шнайдер таъкид кардааст: “Фалокати аз ҳама даҳшатоваре, ки ба мо таҳдид мекунад, танҳо вариантҳои атомӣ, гармӣ ва дигар вариантҳои инҳидоми ҷисмонии инсоният (мумкин аст ҳамаи мавҷудоти зинда дар рӯи замин) нест, балки коҳиши антропологӣ – аз ҷониби инсон қир шудани инсон мебошад, ки аз ҳама хавфноктар аст” [123, 52].

Аз ин рӯ, пеш аз муайян кардани он ки табиатро чӣ тавр ҳимоя кардан, аз ҷанг, фалокат ва ғайра наҷот додан мумкин аст, мо бояд чӣ тавр на танҳо инсони оқил, балки инсони бошуур, яъне бовиҷдон боқӣ монданамонро, донем. Аз ин рӯ, ба назари мо, таҳаммулпазирӣ, пеш аз ҳама, боадабӣ аст, ки худмаҳдудкуниро тақозо менамояд ва имкон медиҳад, ки ҳар кас ба дигарон (ғайр; оне ки мисли ман нест) аз мавқеи шахси баробар муносибат кунад. Ва, маҳз, дар чунин мавқеъ таҳаммулпазирӣ сабру тоқати шахси нисбатан қавӣ, пуртаҷрибаро (мураббиро) ба шахси нисбатан заиф (тарбиягиранда) пешбинӣ мекунад.

Дар марҳилаи ҳозира, вақте ки равандҳои ташаккули босуръати ҷомеаҳои маҳаллӣ, аз ҷумла, ҷомеаю фарҳангҳои миллӣ идома доранд, таҷдиди таърих, анъана, фарҳанг, маориф, тарзи ҳаёт, забон ва рафъи вежагиҳои мухторият ба вуқӯъ мепайванданд, шахсиятҳои эҷодкоре лозиманд, то ки донишу маҳорати худро ба идроки умумияти тақдири

таърихӣ, умумияти ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавию эстетикӣ равона кунанд. Аммо дар шароити ҳозира ташаккул ва такондиҳандаи равандҳои номбаршуда яке аз вазифаҳои асосӣ дар фаъолияти соҳаҳои фарҳанг ва маориф маҳсуб меёбанд. Соҳаҳои мазкур бояд ин равандҳоро дастгирӣ намуда, дар тафаккури донишҷӯён фаъолияти маънавиро дар муносибатҳои ҷамъиятии ғайритақобулӣ, ки солҳои 90-уми қарни XX СММ ва ЮНЕСКО дар консепсияи “Фарҳанги сулҳ” пешниҳод кардаанд, ташаккул диҳанд. Дар рафти таълими фанҳои иҷтимоию гуманитарӣ ба ташаккули мафҳуми “фарҳанги сулҳ” дар тафаккури ҷавонон диққати махсус додан лозим аст, ки он яке аз нишонаҳои таҳаммулпазирӣ мебошад.

Масалан, ғояи ҳифзи сулҳ дар марҳилаи ҳозира дар ҳуҷҷати ЮНЕСКО – “Дар роҳи фарҳанги сулҳ” инъикос ёфтааст. Ҳуҷҷати мазкурро 16 ноябри соли 1995 Конференсияи генералии ЮНЕСКО дар шаҳри Париж таҳия ва тасдиқ кардааст. Аз ҷумла, дар сарсухани “Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ” чунин омадааст: “Мо, халқҳои Милали муттаҳид, ки ба наҷот додани насли оянда аз бадбахтиҳои ҷанг... бори дигар собит сохтани эътиқод ба ҳуқуқҳои асосии инсон, ба эътибору арзиши шахсияти инсонӣ азми қатъӣ дорем... ва ба ин мақсадҳо зоҳир намудани сабр ва якҷоя дар сулҳу салоҳ бо ҳам чун ҳамсоягони нек зиндагӣ намуданро зарур мешуморем” [6, 37-39]. Инчунин дар барномаи амал дар бобати фарҳанги сулҳ, ки 10-ноябри соли 1998 Иҷлосияи 53-юми Ассамблеяи генералии СММ қабул кардааст ва ҳамчунин дар қарори “Даҳсолаи байналхалқии фарҳанги ғайризӯроварӣ ва сулҳ ба манфиати кӯдакони сайёра” (2001-2010), ки ба ҳифзи сулҳ равона шудааст, ғояи гуногуншаклии фарҳангҳои миллӣ ва имкони мавҷудияти онҳо дар муҳити тафоҳуми мутақобила, сабру таҳаммул ва якдилӣ пешниҳод гардидааст.

Ин ғояро солҳои 90-уми садаи бистум СММ ва ЮНЕСКО пешниҳод намуданд. Ба ақидаи мо, нигоҳ доштани сулҳ дар асри XXI, даст кашидан аз зӯроварӣ ва ҷанг аз бисёр ҷиҳат ба натиҷаҳои стратегияи рушди маориф

вобастагии қавӣ дорад. Дар ин бобат яке аз муҳимтарин воситаҳои инноватсионии ҳалли масъалаи мазкур ба натиҷа ва ташаккули маълумоти иҷтимоию гуманитарӣ вобастагӣ дошта, ҳаллу фасли ин масъала ба маорифи мамлакат низ марбут мебошад.

Аҳамияти аксари арзишҳои қарни XX нисбат ба арзишҳои марбут ба амният камтар аст. Бинобар ин, эҳтимол, байни арзишҳои асри XXI ва ҳазорсолаи сеюм – амният (сулҳ) яке аз арзишҳои асосӣ барои тамоми халқҳои сайёра маҳсуб ёбад. Зеро амният бо имконияти ҳаёт ва ҳифзи он на танҳо барои насли муосир, балки наслҳои оянда, умуман, биосфера иртибот дорад. Маводи масоили ҳифзи сулҳ дар семинари “Муколамаи байни тамаддунҳои Осиё”, ки соли 2001 дар Теҳрон баргузор гардид, ҷолиби диққат аст. Яке аз масоили марказии семинар идроку фаҳмиши амиқтари арзишҳои сулҳу амният буд, ки ба тамоми инсоният мансубанд.

Дар ҳуҷҷатҳои номбаршуда дар бораи таҳаммулпазирӣ изҳори назар шудааст, ки он бояд дар баробари тафоҳуми мутақобила ва дӯстии байни халқҳо ба фаъолияти СММ оид ба нигаҳдории сулҳ ва сазовор будан ба орзую омоли инсон дар асоси якдилии зеҳнию ахлоқӣ мусоидат кунад. Амалӣ гардонидани ин вазифа ва ё мулоҳизаҳо маънои идроки таҳаммулпазирӣ, муносибати боэҳтироми байниякдигарии одамонро дар сайёра ифода хоҳад кард.

Мафҳумҳои калидии сулҳ, адами зӯроварӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳуқуқи инсон, ки мувофиқи Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ қабул шудаанд, ба ташаккул ва ба амалияи иҷтимоӣ ҷорӣ намудани меъёрҳои рафтори таҳаммулпазир нигаронида шудаанд. Чунончи, таҳқиқи низоъҳои сиёсӣ имкон медиҳад, то ҳама фаҳманд, ки фарҳанги сиёсӣ ба азхудкунии ахлоқи адами зӯроварӣ дар сиёсат мусоидат мекунад. Аз ҷумла, дар фазои пасошӯравӣ дар Тоҷикистон низои тарафҳои ба ҳам муқобил бо имзои шартнома дар бораи ризоияти ҷамъиятӣ дар ҷумҳурии мо ҳалли худро ёфт, ки барои рушди минбаъдаи мамлакат аҳамияти калон дорад. Шартномаи

мазкур, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва дар ҳузури намояндаи махсуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ба имзо расида буд, дар ҳифзи минбаъдаи сулҳ, ки ба принсипҳои демократия ва гуногунандешии сиёсӣ барои наслҳои оянда асос меёбад, комёбии назаррас ба ҳисоб меравад. Имзои ин созишнома шаҳодат аз он медиҳад, ки низои байни тоҷикон бо роҳи сиёсӣ ҳал гардид ва ин воқеа намунаи барҷастаи ҳалли низоъ бо роҳи мусолеҳаомез ба шумор меравад. Ҳамчунин бо пешниҳоди ЮНЕСКО, ки онро Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ кард, соли 2000 таҳти рамзи фарҳанги сулҳ даҳсолаи аввали қарни нав “Даҳсолаи сулҳ ва адами зӯроварӣ ба манфиати кӯдакони сайёра” эълон гардид, ки ин нукта низ ба сулҳу осоиш дар ҷумҳурии мо мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, таҳаммулпазирӣ санъати дар сулҳу осоиш зиндагӣ кардани одамон ва ғояҳои ба ҳам ношабеҳ мебошад. Аз ин лиҳоз, олами муосир бидуни ташаккули шуури таҳаммулпазир вуҷуд дошта наметавонад. Шуури таҳаммулпазириро метавон танҳо тавассути шуури этикӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, психологӣ ва дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ ташаккул дод.

Дар ҷумҳурии мо дар ҳаёти иҷтимоӣ таҳаммулпазирӣ аз ҳама бештар дар доираи маориф мавриди баррасӣ қарор мегирад (Лутфуллоев М., Шарифзода Ф., Каримова И., Негматов С. ва диг.)

Дарвоқеъ, орзуи инсони пешқадам дар бораи дар сулҳу салоҳ, ризоият ва адами зӯроварӣ зиндагӣ кардан аз бисёр ҷиҳат аз стратегияи маориф вобаста аст, ки бояд ба тафоҳуми мутақобила, босабрӣ ва дӯстии байни ҳамаи халқҳо, гурӯҳҳои нажодӣ ва мазҳабӣ мусоидат кунад. Аз ин ваҷҳ, ҳар як мамлакат бояд ба ташаккули шуури таҳаммулпазир тавассути маориф, тайёр кардани кадрҳо дар рӯҳияи сулҳдӯстӣ ва адами зӯроварӣ, дар одамон парвариш кардани малакаҳо дар соҳаи сохтмони сулҳҷидду ҷаҳд намояд ва тадбирҳо андешад. “Ба ин ҳадаф, – таъкид намудааст Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, – танҳо дар сурати нигоҳ доштани ҳувияти маврусии халқ, чун арзиши муҳимтарин, ноил гардида метавонем, агар онро дар заминаи

истиқлолияти давлатӣ, вежагиҳои таърихӣ, муносибати боэҳтиром ба гузаштаи беҳтарини халқи худ, фаҳмиши он нукта, ки дунё на танҳо ба мамлакатҳо, балки ба тамаддунҳои гуногуни дарбаргирандаи онҳо низ ҷудо мешавад,... мустаҳкам намоем" [94, 47].

Дар иртибот ба нуктаи охир моро лозим аст, ки дар шуури насли наврас фаҳмиш ва зуҳуроти сабру таҳаммулро нисбат ба соҳаҳои гуногуни шуури ҷамъиятӣ ташаккул диҳем, зеро чунон ки маълум аст, солҳои 2005-2011-ро СММ рамзан даҳсолаи маориф барои рушди устувор эълон карда буд. Ҳалли ин нукта, пеш аз ҳама, ба маорифи мамлакат тааллуқ дорад, зеро чунон ки дар моддаи шашуми "Эъломия дар бораи фарҳанги сулҳ", таҳти фасли "Соҳаҳои асосӣ ва иштироккунандагони маркази фаъолият" омадааст, "Маориф воситаи асосии ба вуҷуд овардани фарҳанги сулҳ аст. Барои ноил гардидан ба ин мақсад ҳамаи ҷанбаҳои маорифро истифода бурдан лозим аст" [6]. Инчунин дар ҳуҷҷати Комиссияи байналхалқӣ оид ба маорифи асри XX низ фарҳанги сулҳ чун меҳвари марказӣ ва воситаи асосии рисолати сулҳофарӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин ҳуҷҷат ба ӯҳдаи маориф вазифаи ташаккули саводнокии аввалия ё ибтидоӣ дар сатҳи маорифи расмӣ (муассисаҳои таълимӣ) ва ғояи азхудкунии "илми якҷоя зистан" ё "илми ҳамзистӣ" дар сатҳи ғайрирасмӣ (ниҳодҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, оила, васоити ахбори омма) гузошта шудааст. Илова бар ин, дар ҳуҷҷати мазкур маориф чун хазинае баррасӣ мегардад, ки онро барои ҳалли сулҳ дар замин истифода бурдан лозим аст.

Қобили таъкид аст, ки нақши тарбия дар ҳалли масоили глобалӣ, аз ҷумла, масоили сулҳ, таҳкими ҳамкории байналхалқӣ, ҳусни тафоҳум ва боварӣ бемайлон боло меравад, бинобар ин, дар чунин шароит масъулияти педагогон низ меафзояд. Онҳо бояд ба ҷавонон, аз ҷумла, мутахассисони оянда гуногунии ҷаҳони муосирро кушода диҳанд, дар қалби онҳо ҳисси эҳтироми амиқро ба халқҳои сайёра, эътирофи ҳуқуқи инсон, таҳаммулпазириро ба ғояю мазҳаби инсонҳои дигар парваранд. Аммо ин

мақсад ба осонӣ ба даст намеояд, зеро мушкилии асосии кори тарбиявӣ дар он зуҳур меёбад, ки насли ҷавон бесабрӣ, оштинопазирӣ, тундгароии эҳсосӣ зоҳир менамояд, ки аксаран ба наврасону ҷавонон хос аст. Ҳамчунин дар ҳаёти ҷавонон оштинопазирӣ ё худдорӣ карда натавонистан нақши якхела ё манфӣ, ё мусбат намебозад, ки ин масъаларо боз ҳам мушкилтар мегардонад. Бинобар ин, бояд таносуби нақши таҳаммулпазирӣ ва оштинопазирӣ муайян карда шавад, алалхусус, ки дар шароитҳои мухталифи иҷтимоию таърихӣ нақшҳои гуногунро бозидани онҳо вазъиятро боз ҳам мушкилтар месозад. Масалан, пештар синфҳои ҳукмрони ҷамъияти истисморгар ба оммаи меҳнаткашон зарурати сабру тоқат ва мутеиятро талқин намуда, онҳоро ба розӣ шудан ба "тақдири пешонӣ" даъват мекарданд. Албатта, мо гуфтанӣ нестем, ки ба инсон чунин сифатҳо, мисли сабр, таҳаммул, дақиққорӣ зарур нестанд. Аз ин ваҷҳ, дар шуури наслҳои оянда бояд хислатҳое, аз қабили ҷасорат (бар зидди тарсуӣ), кӯшоию боғайрат будан (бар зидди беҳаракатӣ) ва амсоли ин талқин гардад. Вале сабру тамкине, ки аз эҳсоси масъулиятшиносӣ назди одамон ва ҷамъият, аз суботкорию ҳадафмандӣ ва интизомнокӣ бармеояд, сазовори таҳсин аст ва чунин сифатҳо барои амалӣ гардонидани корҳои нек ва башардӯстонаву наҷиб зарур мебошанд.

Дар иртибот ба раванди кори тарбия суханони зерини Иммануил Кантро ба хотир овардан бамаврид аст: "Одамон набояд барои ҳар чӣзудтар ҳосил кардани эҳсосу лаззатҳои қавӣ ва ҳаяҷонбахш ҷидду ҷаҳд намоянд". Яъне, ӯ тавсия додааст, ки корро аз эҳсоси қавию пурзӯр оғоз кардан лозим нест. Балки дар марҳилаҳои аввал аз эҳсосоти пурзӯр даст кашида, "барои худ эҳсосоти на он қадар зиёдро раво донистан беҳтар аст, то имкони тадриҷан боло баромадан мавҷуд бошад" [67, 71]. Аз ин рӯ, Кант ба ҷавонон маслиҳат медод, ки аз қонеъ гардонидани завқу ҳаваси худ ба хурсандӣ, таҳаммул, муҳаббат ва ғайра даст кашидан лозим аст, вале на барои тамоман аз баҳри онҳо баромадан, балки барои он ки "дар оянда имконияти лаззатбарии бемайлон зиёдшаванда ба даст ояд" [67, 71]. Инчунин таклиф

мекард, ки “ба худ қаноату лаззатро то андозае парваридан лозим аст, ки он дуру дароз афзоиш ёфта тавонад. Қаноатмандии аз ҳад зиёд мумкин аст, боиси чунин вазъу ҳолати нафратовар гардад, ки дар анҷом шояд худи ҳаёт ба шахси нозпарвард бисёр сахт намояд”. Илова ба ин, боз ҳам Иммануил Кант даъват мекунад, ки: “Ҷавон (такроран мегӯям), кори худро дӯст бидор, аз лаззат даст бикаш, вале на барои онҳоро пурра рад кардан, балки, барои он ки дар дурнамо онҳо ҳамеша пеши назар бошанд! Онҳоро ба мақсадҳои бад истифода бурда, таъсирпазирии худро нисбат ба онҳо пеш аз муҳлат халалдор нагардон” [67, 71].

Дигар ин ки насли наврас набояд аз он ибтидои ахлоқӣ, ки дар суннату анъанаҳои халқ, китобҳои муқаддас, осори адабӣ ва педагогикаи ҷаҳон инъикос ёфтаанд, бенасиб бошад. Махсусан, эҳёи педагогикаи халқ ба рушди мактаби таҳсилоти умумӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар эҷодиёти бадеии шифоҳӣ роҷеъ ба мавзуи мавриди назар намунаҳои зиёд ба мушоҳида мерасанд.

Мавриди зикр аст, ки ғояҳои таҳаммулпазирӣ дар фарҳанги халқҳо аз қадимулайём ҷойгоҳи махсусро доро аст. Бахусус, асоси унсурҳои таҳаммулпазирӣ дар китобҳои муқаддас – “Авасто”, “Инҷил” ва “Қуръон” шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Тазаккур бояд кард, ки аз нуқтаи назари ислом, таҳаммулпазирӣ шарти асосии нигаҳдории сулҳ аст. Сулҳу осоиш, дар навбати худ, шароитеро ба вуҷуд меорад, зимни он одамон меъёрҳои таҳаммулгароиро чун дастурамали муносибати байни ҳамдигар истифода бурда метавонанд.

Профессор С.Сулаймонӣ масъалаи тарбияти таҳаммулпазирӣ дар педагогикаи исломро омӯхта, ба чунин хулоса омадааст: “Дар педагогикаи ислом фикр кардан бобати тарбияти таҳаммулпазирӣ беҳтарин ибодат ба шумор меравад. Фикру андеша дар айни ҳол, ки худ маҳсули ақл аст, омили рушди ақлӣ ва боло бурдани нерӯҳои ақлонӣ ҳам ҳаст” [111, 29-32].

Албатта, мафҳуми таҳаммулпазирӣ, ба маъною низоми фалсафии имрӯзааш, ба сифати таълимоти томи педагогӣ дар эҷодиёти шоирону адибони қуруни вустои форсу тоҷик ё дигар халқу миллатҳо вуҷуд дошта наметавонист, зеро фалсафаи таҳаммулпазирӣ дар ин қолабу шакл, маҳз, зодаи ҳаёти қарнҳои XIX-XXI мебошад. Сарфи назар аз ин, унсурҳои умдаи таҳаммулпазирӣ дар давраҳои қадимтарини таърихи инсоният пайдо шудаю ташаккул ёфтаанд, зеро маҳз таҳаммулпазирӣ дар гузашта ҳаёти осоиштаю мусолиҳаомези бани башарро таъмин менамуд ва имрӯз ҳам таъмин менамояд.

Гап дар сари он аст, ки ҳамаи мутафаккирону бузургони халқи тоҷик ба масъалаи ташаккул ва такмил ёфтани ахлоқ, ки дар муҳити иҷтимоӣ ва хонавода бо таъсири тарбият сурат мегирад, аҳамияти ҷиддӣ додаанд. Онҳо таъкид кардаанд, ки тарбия муҳимтарин воситаи ташаккулдиҳандаи инсон буда, дар ин ҷода нақши омӯзгор дар рушду камолоти маънавии инсон сазовори эътироф мебошад. Умуман, аксари хислатҳои инсонӣ, ки бузургони мо онҳоро тавсиф кардаанд, аз ин ё он ҷиҳат ба ташаккули таҳаммулпазирӣ иртибот доранд.

Чунон ки маълум аст, дар таърихи илму адаби мо теъдоди асарҳои ахлоқӣ хеле зиёданд, ки намунаҳои барҷастаи онҳо андарзномаҳои сершумори замони Сосониён, “Қобуснома”-и Унсурмаолии Кайковус, “Сират-ул-мулук”-и Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ (маъруф бо номи “Сиёсатнома”), “Насиҳат-ул-мулук”-и Абӯҳомиди Ғаззолӣ, панду ҳикматҳои Саъдии Шерозӣ дар “Гулистон” мебошанд. Аз ҷумла, роҷеъ ба таълимоти ахлоқии Саъдии Шерозӣ адабиётшиноси маъруф Абдулҳусайни Зарринкӯб мегӯяд: “… дар ахлоқ он чӣ мояи нафрати Саъдист, чизест, ки инсонро аз он чӣ лозимаи одамият аст, дур мекунад ва ба зиштию пастӣ мекашад. Назди вай ахлоқ василаест, ки инсонро ба камоли одамият мерасонад ва вуҷуди ӯро бо риштаи муҳаббат ба саросари коинот мепайвандад” [61, 242]. Бале, маҳз

чунин “ахлоқе, ки инсонро ба камоли одамият мерасонад”, аз муассиртарин воситаҳои ташаккулу тарбияи шуури таҳаммулпазирӣ мебошад.

Ба назари мутафаккирони форсу тоҷик, фазилатҳои ахлоқӣ худ аз худ пайдо намешаванд, балки дар муҳити муайян, дар ҷараёни муносибатҳои байни одамон, ҳангоми муҳайё будани шароити зарурӣ ба вуҷуд омада, камол меёбанд. Тибқи ин андеша, агар поксириштонро дар муҳити фосид ё баръакс, муфсидонро дар муҳити солим парваранд, онҳо таҳти таъсири муҳити тарбият сирати худро, бешубҳа, тағйир медиҳанд. Яъне, маҳз, бо таъсири муҳити тарбият инсонро ба management таври матлуб метавон парвариш намуд. Чунон ки Саъдӣ мегӯяд:

Бо бадон ёр гашт ҳамсари Лут,

Хонадони нубуввуташ гум шуд.

Саги асҳоби Қаҳф рӯзе чанд,

Паи некон гирифту мардум шуд [172, 36].

Саъдии Шерозӣ дар қатори дигар муаллимони ахлоқу илму адаби форсу тоҷик таъкид мекунад, ки одам некахлоқ, ё бадахлоқ таваллуд намешавад ва ӯ, зотан, некӯкор ё бадкирдор нахоҳад буд, балки тадриҷан дар натиҷаи таъсири омилҳои муайяни ахлоқӣ хулқу атвори вежаеро мепазирад. Агар омилҳо мусбат бошанд, одам фазилатҳои ҳамидаи ахлоқиро пазируфта, хушахлоқ ба камол мерасад ва баръакс, агар одам дар муҳити бад ба воя расад, бадкирдору разил хоҳад шуд. Яъне, меҳвари ташаккули ахлоқ ва камолоти маънавии инсон, аз назари Саъдӣ тарбият аст:

Хар ба саъй одамӣ нахоҳад шуд,

Гарчи дар пойи минбаре бошад.

В-одамиро, ки тарбият накунанд,

То ба садсолагӣ харе бошад [172, 74].

Саъдӣ таъкид мекунад, ки синни кӯдакӣ давраи воқеии тарбият ва такомули ахлоқ аст:

Ба хурдӣ даррасӣ, заҷру таълим кун,

Ба неку бадаш ваъдаву бим кун [172, 47].

Мутафаккирони асрҳои миёнаи форсу тоҷик мавқеи иҷтимоии одамонро сарфи назар карда, дар мавриди тақсимоти табақавӣ баробарии табиии умумии онҳоро напазируфтаанд. Аз ҳамин мавқеъ, масалан, Саъдӣ ба намояндагони табақаи сарватманди ҷамъият мурочиат карда мегӯяд:

Дар кам зи хештан ба ҳақорат нигоҳ макун,

Гар беҳтарӣ ба мол, ба гавҳар баробарӣ [172, 93].

Ин нукта ва таъкиди «дар кам зи хештан ба ҳақорат нигоҳ накардан» яке аз унсурҳои асосии тарбияю ташаккули шуури таҳаммулпазирӣ мебошад.

Носири Хусрав – мутафаккири барҷастаи тоҷику форс некгуфториро чун яке аз аломатҳои шахси таҳаммулпазир ситоиш карда, сухани некӯро раҳнамои роҳи ростин донистааст:

Суханҳои накӯро ёд медор,

Ва з-он дар пеши худ устод медор! [126, 3]

Эҳтироми ҳамсӯҳбат яке аз масъалаҳои асосии таҳаммулпазирӣ буда, бе ташаккули ин хислат инсони ботаҳаммулро тарбия кардан ғайриимкон аст. Дар ин бора назари Абулқосим Фирдавсӣ чунин аст:

Суханҳо, ки ҷонро бувад судманд

В-аз он марди беарз гардад баланд.

Ва он ганҷи гӯё нагирад камӣ,

Шунидан бувад мардро хуррамӣ [126, 3].

Абӯшакури Балхӣ суханро ба "алмоси буррову теғи куҳан" ташбеҳ намуда, ҳамеша сухани хубу ботааммул гуфтанро талқин намудааст, чунки, ба ибораи халқӣ, "Ба сухани нағз мор аз хонааш мебарояд":

Шунидам, ки бошад забони сухан

Чу алмоси буррову теғи куҳан.

Сухан бифканад минбару дорро,

Зи сӯрох берун кашад морро [126, 3].

Ҳамчунин аз ҷумлаи классиконамон Ҳофизи Шерозӣ низ беҳтарин ҳикмати таҳаммулгароиро дар байти зерин баён кардааст:

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст,

Бо дӯстон мурувват,бо душманон мадоро [149, 98].

Яъне, осоиши ду гетӣ дар тафсири ин ду сухан аст: бо дӯстон меҳрубону хушмуомила будан ва бо душманон роҳи муросо ҷустан.

Дар осори гузаштагонамон инсони босабру таҳаммул чун шахси хирадманд, некӯкору хушгуфтор ва некбину хайрхоҳ васф шудааст. Масалан, мафҳуми “сабр”-ро Ҷалолуддини Балхӣ бо обуранги бадеӣ чунин ситоиш кардааст:

Сабр талх омад, валекин оқибат

Меваи ширин диҳад пурманфиат [162, 268].

Ҳофизи Шерозӣ мақоми сабру қаноатро бузург дониста, ин нуктаро дар мисоли ба лаъл табдил ёфтани санг таъкид намудааст: Гӯянд, ки санг лаъл шавад дар мақоми сабр [162, 268]. Ё ки ниҳояти подоши сабрро, ки дар зафарёбӣ таҷассум меёбад, ин тавр собит намудааст:

Сабру зафар ҳар ду дӯстони қадиманд,

Бар асари сабр навбати зафар ояд [162, 268].

Инчунин дар яке аз тамсилҳои шарқӣ дар бораи оилаи калони аҳлу тифоқ сухан меравад, ки дар он ҳамеша ризоияту сулҳ, ёрии ҳамдигарию ҳусни тафоҳум ҳукмфармо буда, низою ҷанҷол, умуман, вуҷуд надошт. Овозаи ин оилаи тифоқ то ба гӯши шоҳи мамлакат расидааст. Шоҳ сардори оиларо даъват намуда, аз ӯ пурсидааст, ки чӣ тавр ба ӯ муяссар шудааст, то дар оилааш чунин муносибатҳои ҳасанаро барқарор кунад? Сирри ин кор дар чист? Дар ҷавоб сардори оила дар варақе сад бор калимаи “сабр”-ро иншо намудааст.

Умуман, теъдоди чунин панду андарзҳо дар каломи бадеъ бешумор буда, муҳимтарин нуктаҳои таҳаммулпазирӣ дар ин замина офаридаву ифшо шуда, то ба замони мо нақши созгори худро дар тарбияи инсонҳо барҷо

нигоҳ доштаанд. Омӯзгоронро лозим меояд, аз ин неъмати гаронбаҳои одобу хирад, ки муаррификунандаи ҷанбаҳои беҳтарини таҳаммулпазирӣ маҳсуб меёбанд, дар раванди таълиму тарбияи насли наврас бамавриду мақсаднок истифода намоянд.

Ҷанбаи дигари таҳаммулпазирӣ ин муносибат ба хатоҳо – ҳам хатоҳои худ ва ҳам бегона – унсури ҷудонопазири таҷрибаи ҳаётӣ аст. Дар ин бобат таҷрибаи ҳаётӣ аҳамияти калон дорад, зеро он қувваест, ки баҳри ислоҳу пешгирии хатою иштибоҳот метавонад кӯмак расонад. Аммо, мутаассифона, дар ҳаёт касеро наметавон ёфт, ки хато содир накарда бошад. Пас, хато чист? Ба назари мо, амал ё муносибати нодурусти инсон ба касе ё чизе, ки ба шароити айнӣ ва мақсадҳои инсонӣ номувофиқ аст, хато ё иштибоҳ номида мешавад. Дар пешгирии хато ё кӯшиши ислоҳи он, пеш аз ҳама, муносибати худтанқидона ба он (хато) нақши муҳим мебозад. Ба ҷавон ёд додани маҳорати эътирофи хато дар назди худ ва агар зарур бошад, дар назди одамон ва ҷомеаи меҳнатӣ барои ӯяке аз унсурҳои эҳёи сабру таҳаммул хоҳад буд. Вале эътирофи хато кофӣ нест, онро ислоҳ намудан лозим аст: ислоҳи чизе, ки ислоҳпазир аст. Масалан, Гёте гуфтааст, ки хатоҳои ҷавонӣ мудҳиш нестанд, агар тамоми умр такрор наёбанд. Аз ин рӯ, ҳангоми ташкили корҳои тарбиявӣ бояд дар назар дошт, ки таъиноти олитарин унс гиронидани қалби инсон ба худшиносӣ тавассути дилсӯзӣ ва ғазаб аст. Ҳар қадар ки худшиносию худфаҳмӣ дақиқтар бошад, инсон ҳамон қадар оқилтар, боадолаттар, самимитар ва босабртару дилсӯзтар мегардад (П.Шелли) [176, 440].

Дар маданияти тоҷикон меъёри рафтор бо калимаҳои “ахлоқ”, “одоб” баён мешавад. Дар педагогикаи халқи тоҷик низ барои ташаккулу тарбияи таҳаммулпазирии насли наврас ва ҷавонон воситаҳои маънавии гуногун мавҷуданд, ки байни онҳо эҷодиёти шифоҳии халқ мақоми аввалиндараҷаро дорост. “Кӯдакро ҳар рӯзу ҳар соат тарбия намудан лозим аст”– чунин мегӯянд, мутафаккирони гузаштаю имрӯза. Яъне, зимни гуфтори эшон,

тарбияи ахлоқӣ аз хурдсолӣ қобили қабул дониста мешуд, ки ин нукта дар навиштаҷоти аксари классикони адабиёти тоҷику форс чун хати сурх назаррасанд. Ва лозим аст, ки аз ин хазинаи беинтиҳо беҳтарин дурдонаҳояшро дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ муттасил истифода намоем. Дарвоқеъ, дар Консепсияи нави маориф ба ин нукта аҳамияти хоса дода мешавад [3]. Аз ин лиҳоз, мо – омӯзгоронро зарур аст, ки ин ҳуҷҷатро эътироф намуда, салоҳияти фанҳоеро таҳким бахшем, ки, бештар анъанаҳои миллиро дар шуури хонандагон талқин менамоянд. Дар ин бобат мо, нақши фанҳои забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик, алифбои ниёгон, таърихи халқи тоҷик, маърифати оиладориро дар мадди аввал мегузорем. Ба ин номгӯй дар синфҳои боло фанҳои психология ва таърихи дин низ ҳамгиро шуда метавонанд. Аз ин лиҳоз, дар давраи гуногунандешии маънавии замони ҳозира макотиби Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад зимни истифода аз имкониятҳои (фанҳои дар боло номбаршуда) мавҷуда масъулияти шахсияти ташаккулёбандаро ба зимма гирад. Ба ҷуз ин, дар марҳилаи ҳозира дар мактаби миллӣ ба ташаккули усули демократии муносибатҳо тавассути характери башардӯстонаи раванди таълиму тарбия, ҳамкории муаллиму хонанда чорабиниҳое роҳандозӣ мешаванд, ки, воқеан ҳам, бобати дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ тарбия намудани толибилмон мусоидат хоҳанд кард.

Шояд саволе ба миён ояд, ки чаро дар тамоми дунё бештар таҳаммулпазириро тарғиб мекунанд? Аввалан, таҳаммулпазирӣ ин қобилияти фикри дигаронро шунидану эҳтиром намудан, ақидаи хилофи нуқтаи назари худро бе душманиварзӣ истиқбол карда тавонистани инсон, ҷомеа ва давлат аст. “Таҳаммулпазирӣ он чизест, ки ба даст овардани сулҳро имконпазир мегардонад ва аз фарҳанги ҷанг ба фарҳанги сулҳ мебарад” [6, 37-39] гуфта шудааст дар Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ, ки Конференсияи Генералии ЮНЕСКО соли 1995 қабул кардааст. Ҳамчунин дар Эъломия унсурҳои зерини мафҳуми таҳаммулпазирӣ таъкид шудааст, ки метавон ин ҳамаро ҳамчун таърифи он қабул намоем:

- эҳтиром, қабул кардан ва дуруст фаҳмидани гуногунии ғановати фарҳангҳои олам, шаклҳои худифода ва зуҳуроти фардияти инсонӣ;
- даст кашидан аз догматизм, аз мутлақгардонии ҳақиқат ва тасдиқи меъёрҳое, ки дар санадҳои байналхалқию ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон муқаррар шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки таҳаммулпазирӣ, пеш аз ҳама, муносибати фаъолона мебошад, ки дар асоси эътирофи ҳуқуқҳои инсон аз ҳар ҷиҳат ва озодию баробарҳуқуқии ӯ ташаккул меёбад. Таҳаммулгароӣ – афзалияти одамони қавию боақл аст, ки ба қобилияти ҳаракат карда тавонистани худ дар роҳе, ки тавассути муколамаю гуногунии афкор ба ҳақиқат мебарад, шубҳа надоранд.

Ба назари мо, таҳаммулпазирӣ ва сабру тоқат, яъне пуртоқатию собирӣ, айнан як чиз нестанд. Сабру тоқат аксаран эҳсос ё амали шахсеро мефаҳмонад, ки дард, зулму тааддӣ, бераҳмӣ ё дигар шаклҳои таъсири манфиро аз сар мегузаронад, аммо таҳаммулпазирӣ бошад, эҳтиром ё эътирофи баробарии дигаронро ифода мекунад. Ба ифодаи дигар, таҳаммул ё таҳаммулпазирӣ маҳаки калидии тафаккури озод аст.

Аз ҷумла, дар луғати “Политическая энциклопедия” таъкид мешавад, ки “таҳаммулпазирӣ дар вуҷуди шахсоне (гурӯҳи ашхосе) маъво дорад, ки бо ҳамкории мусбати мутақобила ва муносибатҳои танзимгардида, ки қонунҳои умумиинсонии ҳастиро вайрон намекунанд ва зимни татбиқи озодии худ ба дигарон зарар намерасонанд, ҷидду ҷаҳд менамоянд” [185, 222-223]. Ба ҳамин маънӣ, олими сиёсатшинос Д.Ролз чунин таъкид намудааст: “одамоне, ки оштинопазирӣ зоҳир мекунанд, вақте ки нисбат ба онҳо оштинопазирӣ раво дида мешавад, набояд шикоят кунанд” [87, 26-34].

Ҳамин мазмун дар байтҳои зерини муаллими ахлоқ Шайх Саъдӣ чунин таъкид гардидааст:

Он чиз, ки ба худ намеписандӣ,

Бар кас маписанд бародари ман.

Гар модари хеш дӯст дорӣ

Дашном мадеҳ ба модари ман [171, 97].

Аз ҷумла, дар “Политическая энциклопедия” омадааст, ки “Таҳаммулпазирӣ ҳаргиз сустию заифӣ нест, баръакс, он сифати маҳз мусбат аст ва барои тарафи таҳаммулпазир манфиатовар мебошад” [185, 222]. Ниҳоят, дар “Философский энциклопедический словарь” таҳаммулпазирӣ чун “таҳаммули нуқтаи назари дигар, ғайр”, “нишонаи боварӣ ба худ ва идроки боэътимодии мавқеи худ, нишонаи ҷараёни ғоявии барои ҳама кушода мебошад, ки аз муқоиса гардидан бо дигар нуқтаи назар наметарсад ва аз рақобати маънавӣ парҳез намекунад” [193, 87].

Ҳамин тариқ, мафҳуми таҳаммулпазирӣ, ҳарчанд дар аксари сарчашмаҳо бо мафҳуми сабру тоқат айният дода мешавад, самтияти фаъоли нисбатан возеҳ дорад. Таҳаммулпазирӣ, бегуфтугӯ, мавқеи на ғайрифаъол, балки фаъоли маънавӣ ва омодагии психологӣ ба босабрӣ мебошад. Аз ин ваҷҳ, таҳаммулпазириро ҳамчун эҳёи башар метавон дар муқобили миллатгароӣ гузошт.

Пас, суоле ба миён меояд, ки миллатгароӣ чист? Он идеологияе, ки дар маркази диққат миллати худ ва масоили онро мегузорад, нисбат ба таркибаҳои иҷтимоӣ диди миллиро болотар мегузорад, миллатгароӣ аст [40]. Ба ибораи дигар, худхоҳии миллӣ, эътиқод ба ҳаққонияти фарҳанги худӣ, майл ё ҷараёни инкор кардани стандартҳои фарҳанги дигар бо баҳонаи носаҳеҳӣ, пастӣ, ғайриэстетикӣ будани он миллатгароӣ аст. Худхоҳии миллӣ аксаран боиси низоъю ҷангҳои калонмиқёс мегардад. Дар сатҳи инфиродӣ миллатгароӣ ҳангоми муошírати намояндагони фарҳангу халқҳои гуногун мушкилӣ ба миён меорад. Доир ба ин масъала Бозорова С.Ш. мулоҳиза ронда, ба гуфтаҳои зерини Эрнест Геллер истинод кардааст: “Миллатгароӣ – принсипи сиёсӣ буда, моҳияташ дар он аст, ки воҳидҳои сиёсию миллӣ бояд айният дошта бошанд” [22, 78]. Ба фикри ӯ, ҳар миллат бояд давлати худро дошта бошад, ё дар дохили давлати дигар мухторият дошта бошад, дар як

давлат бояд, асосан, одамоне зиндагӣ кунанд, ки ба як миллат тааллуқ доранд.

Аммо чунин таърифот дар худ танҳо намудҳои хеле камшумори миллатгароиро фаро гирифта, вежагиҳои дигари онро берун аз доираи диққати мо мегузоранд, ки нисбат ба аксарияти онҳо истилоҳи мазкурро танҳо бо қайду шартҳо татбиқ намудан мумкин аст.

Миллатгароӣ, дар асл, маҳсули ҷамъияти муосири ғарбист, ки ташаккули он, тахминан, дар қарнҳои XV-XVII оғоз ёфтааст ва, эҳтимол, алҳол дар марҳилаи тағйирёбии бунёдист.

Хулоса, зимни мафҳуми "таҳаммулпазирӣ", ё худ "сабр" мазмунҳои зерин дар мадди назар аст: муносибати боэҳтиром ба ҳуқуқи инсон, ки он ҳаргиз муносибати босабронаро ба ноадолатии иҷтимоӣ ва даст кашидан аз ақоиди худ ё гузашт ба эътиқоди бегонаро дар назар надорад; таҳаммулпазирӣ фаҳмишест, ки ҳар инсон ҳақ дорад, эътиқоди худро дошта бошад, ки одамон аз ҳамдигар бо як қатор аломатҳо, аз қабили намуди зоҳирӣ, ҷинс, забон, рафтор, низоми арзишҳои ахлоқию маънавӣ фарқ кунанд ҳам, онҳо ба фардияти худ ҳуқуқ доранд. Аз ин лиҳоз, таҳаммулпазирӣ:

1. Дар ҳеч ҳол заминаи дастдарозӣ ба арзишҳои асосӣ шуда наметавонад;

2. Ифодаи эҳтиром, пазироиш ва эътирофи дурустии гуногуншаклии фарҳангҳои олам, шаклҳои худифода ва тарзҳои зуҳури фардияти инсонҳост;

3. На гузашту мусолиҳакорӣ ва тағофул, балки муносибати фаъолонаест, ки дар асоси эътирофи ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон ташаккул меёбад;

4. Иртиботи мутақобилаи табиии инсон бо боварӣ, виҷдон, шараф ва номус аст.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки таҳаммулпазирӣ маданияти дар олам зиндагӣ кардани одамон ва ғояҳои ба ҳам шабоҳат надошта мебошад. Ба ифодаи дигар, бе ташаккули шуури таҳаммулпазир, ки онро тавассути

шаклҳои сиёсӣ, этикӣ, маънавӣ, психологӣ ва дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ амалӣ гардонидан мумкин аст, олами муосир вуҷуд дошта наметавонад. Барои ба ҳақиқати ин нукта дақиқ сарфаҳм рафтан, метавон онро ба мафҳум ва ё вожаи тазодии он – таҳаммулнопазирӣ ё тоқатнопазирӣ муқоиса намуд. Чунончи, тоқатнопазирӣ ба эътиқоде такя мекунад, ки гӯё атрофиёни ту, низоми ақоиди ту, тарзи ҳаёти ту аз дигарон беҳтару болотар аст. Аксар вақт тоқатнопазирӣ на танҳо адами эҳсоси якдилӣ, балки напазируфтани шахси дигар ба он сабаб аст, ки намуди зоҳирии ӯдигар аст, ӯ дигар хел фикру рафтор мекунад ва ғайра. Вале чунин тоқатнопазириро бо тоқатнопазирии ҷавонӣ, ки омехтаи тоқатнопазирию эътироз мебошад, баробар ё махлут кардан нашояд. Тоқатнопазирӣ роҳест ба ҳукмронию инҳидом, инкори ҳуқуқи мавҷудияти ашхосе мебошад, ки ҷонибдори ақидаи дигаранд. Он ба ҳар гуна навгароӣ, ки амсилаҳои куҳнаро инкор мекунад, ё тағйир медиҳад, танаффур дорад.

Омӯзиши шакл, аломатҳо ва зуҳуроти таҳаммулнопазирӣ аз ҷоҳилии маъмулӣ ва ангезиши хашму ғазаб то куштори барқасдонаи одамон, қатли ом бо баҳонаҳои нажодӣ, миллӣ ва динӣ зуҳур мекунад. Шаклҳои асосии зуҳури таҳаммулнопазирӣ:

- таҳқир, тамасхур, беэътиноӣ;
- хурофот, бадгумонӣ;
- табъиз (ҷудо кардан) дар асосҳои мухталиф, аз ҷумла, дар доираи маҳрум сохтан аз иҷтимоиёт, маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон, ҷудокунии сунъӣ дар ҷомеа;
- нажодпарастӣ, миллатгароӣ, истисмор, фашизм;
- бадбинӣ, бегонабадбинӣ, муҳоҷирбадбинӣ;
- рондан, ҷазодиҳӣ;
- таъқиби мазҳабӣ ва ғ.

Дар замони ҳозира ҷанбаҳои этникии таҳаммулнопазирӣ беш аз пеш вусъат меёбад. Масалан, бӯҳрон дар ҷумҳурии мо нишон дод, ки

муносибатҳои байни гурӯҳҳои мухталифи этникӣ дар соҳаи муносибатҳои инсонӣ дар ҷамъияти бисёрфарҳангаи тағйирёбанда яке аз нуқтаҳои заъфпазир ба ҳисоб меравад. Мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ, аз бисёр ҷиҳат дар ин ҷода мусоидат намуданд. Онҳо ба худ шакли этникӣ гирифта, дар ҳаёти халқи тоҷик ташвишҳои зиёд ба амал оварданд.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки таҳаммулпазирӣ ва таҳаммулнопазирӣ мафҳумҳои ба ҳам алоқаманданд: чи қадаре ки фард таҳаммулпазир бошад, таҳаммулнопазирии ӯ ҳамон қадар камтар аст ва баръакс.

Умуман, дар муносибатҳои ҷамъиятӣ таҳаммулпазирӣ ва таҳаммулнопазирӣ ҳодисаи муҳим ва мушаххаси рафтору хислатҳои афрод ба шумор меравад. Аз ин хотир, бе назардошти сабабҳои зуҳуроти дақиқи таҳаммулпазирӣ ва таҳаммулнопазирӣ ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ ғайриимкон аст. Дар ниҳоди насли наврас мавқеи фаъоли ҳаётӣ, ҳисси шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ ва дигар сифатҳои муҳимро тарзе парвариш кардан лозим аст, ки онҳо ҳамеша низоъ, ҷанг, душманӣ ва зӯровариро пешгирӣ карда тавонанд. Тарбияи таҳаммулпазирӣ ҳадафҳои зеринро дар мадди аввал мегузорад, ки барои тарбияи насли наврас дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти муҳим дорад:

- амиқ ва ҳаматарафа аз бар кардани фарҳанги халқи худ чун шарти ҳатмии воридшавӣ ба фарҳангҳои дигар;
- ба вуҷуд овардани шароит барои ҳамгироӣ бо фарҳанги халқҳои дигар;
- ташаккули рушди қобилият ва малакаҳои ҳамкории самарабахши мутақобила бо намояндагони фарҳангҳои мухталиф;
- тарбия намудан дар рӯҳияи сулҳ, тоқатпазирӣ ва муоширати байналмилалии башардӯстона ва ғ.

## 1.2.Таҳлили адабиёти илмӣ ва педагогиву психологӣ оид ба мавзуи тадқиқот

Таҳаммулпазирӣ (мисли таҳаммулнопазирӣ) ба соҳаи муносибат тааллуқ дорад, вале хусусияти бефарқии моро, асосан, арзёбиҳо муайян мекунанд. Мурочиат ба психологияи арзёбии муносибат ба мо имкон медиҳад, ки самти тарбияи насли наврасро дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ муайян кунем. Чунки таҳаммулпазирӣ ва таҳаммулнопазирӣ мафҳумҳоеанд, ки бо бисёр ҷанбаҳои психология иртибот доранд. Ин ду мафҳум (таҳаммулпазирӣ ва таҳаммулнопазирӣ) одот, муқаррарот, ангезаҳо, маънои ҳаёт, манъкунӣ, пазируфтани камбудӣ, ҳисси иззати нафс, ҳурофотгарой ва иғвогароиро дар бар мегиранд, ки онҳо дар самтҳои мухталифи фаъолияти ҳаётии инсон инъикос меёбанд.

Истилоҳи **таҳаммулпазирӣ,** ба ҷуз илми психология, боз дар як қатор илмҳои муосири дигар низ мавриди истифодаи доимӣ аст. Масалан, дар тиб, аниқтараш, дар фармакология таҳти калимаи **таҳаммулпазирӣ** одат кардан то пурра беҳис шудан ба ин ё он даво, ё худ гурӯҳи давоҳо фаҳмида мешавад, ки дар натиҷа давои мазкур ба бемор таъсири матлуб намерасонад [184].

Бояд таъкид сохт, ки ба фарҳанги психологӣ истилоҳи таҳаммулпазирӣ дертар ворид шудааст. Бо вуҷуди ин, истилоҳи мазкур, чи дар чаҳорчӯбаи психологияи шахсият ва чи дар доираи психологияи иҷтимоӣ, махсусан, дар “шохаҳои фаръӣ”-и улуми иҷтимоию сиёсӣ, аз қабили этнопсихология ва психологияи сиёсӣ мавқеи сазоворро ишғол кардааст [185; 176].

Дар психологияи иҷтимоӣ таҳаммулпазирӣ бештар дар соҳаи муносибатҳои байнишахсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Он дар саъйи таҳлили роҳҳои имконпазири канораҷӯӣ кардан ё дурӣ ҷустан аз зиддиятҳои байнишахсӣ аз ҳисоби ҷустуҷӯи созиши конструктивӣ ва тақсими мутобиқи масъулияти оқибати ягон хел амалҳои якҷоя (ҳанӯз дар марҳилаи нақшагирии онҳо дар соҳаи муносибатҳои ҳамкориҳои байни миллатҳо ва байни мазҳабҳо) ифода меёбад. Айни замон, солҳои охир хавфе ба вуҷуд

омадааст, ки таҳаммулпазириро на чун тоқатпазирӣ ва омодагӣ ба созиши конструктивӣ ва ёфтани ҳалли қобили қабули тарафайн дар шароитҳои мушкил қабул мекунанд. Вале, сарфи назар аз ин, чунон ки дар маъхазҳо борҳо таъкид шудааст, амалияи ташаккули шахсият аз қаъри тамаддуни инсоният реша мегирад. Дар ташаккули шахсият муносибати инсон ба олам, ба худ, ба инсони дигар, ба ақоиду рафтор, одатҳою боварҳои шахси дигар ва омодагии инсон ба пазироиш ё таҳаммули одами дигар ҷои махсусро ишғол мекунад [75; 116; 119; 28].

Бояд таъкид сохт, ки таҳаммул (таҳаммулпазирӣ), ҳамчун категорияи ҷамъиятӣ, вобаста ба таҷрибаи таърихии инсоният тобишҳои мухталифи маъноӣ, аз қабили шикеб доштан, тавоноию тоқат, фурӯтанӣ, қабули ранҷу машаққат ва босабриву пуртоқатӣ ва ба сахтӣ тоб оварданро доро гардидааст. Ин нукта чунин маъно дорад, ки дарвоқеъ, дар марҳилаҳои гуногуни раванди таърихию фалсафӣ таҳаммулпазирӣ ба таври мухталиф шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Бинобар ин, пайваста зарурати таҳлили ин мафҳум, таърихи пайдоиш ва инкишофи он ба миён меояд. Чунки ҳангоми таҳлили мафҳумҳои таҳаммулпазирӣ инсон ҳастии инфиродию шахсиятии худро кашф мекунад, худро чун инсон мешиносад. Таҳаммулпазирӣ омили фаъолнокии иҷтимоӣ, хислати иҷтимоии инсон: дониш, муқаррарот, ҷидду ҷаҳд, меъёрҳо, қоидаҳо, амсилаи рафтор, яъне далелҳои ифодакунандаи муносибати мутақобилаи инсонро бо дигар одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ муайян мекунад. Таҳаммулгароӣ бевосита ё бавосита низоми арзишҳо (фазилатҳои инсонӣ, ҳусни ахлоқ, неккирдорӣ, ахлоқи ҳасана)-и дар ҷамъият эътирофгардидаро тасдиқ мекунад, дар шароити гуногунрангии фарқҳо (иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, мазҳабӣ, синнусолӣ, касбӣ ва ғайра) меъёри рафтор, муносибати мутақобилаи инсонҳо, муносибат ба оламро муқаррар менамояд.

Дар иртибот ба гуфтаҳои боло, ки арзишҳои таҳаммулпазирро фаро гирифтаанд, мутафаккири қарни VI-и пеш аз милод Пифагори Самосӣ дӯстиро бисёр қадр мекард: дӯст – мани дувум аст, мегуфт ӯ. Рӯҳи инсонро

бо ёрии ибораҳои рамзӣ ифода кардааст:“Фитнаи ноимро бедор накунед” (“Мори хобидаро наҷунбонед”) ба маънои ба инсони тундмиҷоз ва ҳавобаланд бо суханони дурушт сахт нарасед!”, “Бо роҳи ҳамвор нарав” ба маънои соҳиби фикру ақидаи худ бош, донистаю надониста фикри оммаро ҷонибдорӣ макун, пайрави донишмандон бош ва ғ. Бале, ин ибораҳою зарбулмасалгунаҳоро метавон хислатҳои ифодакунандаи шахсияти таҳаммулгаро пазируфт.

Дар даҳсолаи охир дар сифати тарбияи инсондӯстӣ таҳаммулпазирӣ барои педагогика аҳамияти махсус касб кард. Дар таърихи педагогика ғояву консепсияи таҳаммулпазирӣ мафҳуми мулақан нав нест. Пайдоиши онро бо ҷустуҷӯҳои алтернатива ба ҳодисаи талион вобаста мекунанд: “ҷон ба ҷойи ҷон”, “чашм ба ҷойи чашм”, “дандон ба ҷойи дандон”, “даст ба ҷойи даст” ва “пой ба ҷойи пой”. Талион (лот.talio – мукофоти амал, ки аз лиҳози қувва бо ҷиноят баробар аст) ба таърихи рушди халқҳо ва тарбияи ахлоқӣ, аввалан, чун таҷассуми адолати мусовисозанда, дувум, таърихан шакли аввали зӯроварии шаръӣ дохил шудааст. Талион одати бостонист, ки муносибатҳои мутақобиларо дар таҳқир танзим мекунад ва баробарии подошро бо зарари расонида маҳдуд месозад (Асмолов). Тақрибан дар ҳамон вақт яке аз аввалин қоидаҳои ахлоқӣ пайдо мешавад, ки онро чун порсанги талион баррасӣ кардан мумкин аст, ки рамзан “қоидаи тиллоии ахлоқ мебошад”. Таърихан қоидаи мазкурро бо номҳои гуногун, аз ҷумла ҳикмати кӯтоҳ, қоида, амри мазҳабӣ, принсипи асосӣ, масал, дастур ва ғ. ёдовар мешаванд [16; 17].

Аз классикони форсу тоҷик Абулқосими Фирдавсӣ дар ташаккули инсон ва зиндагии шоистаи ӯ нақши арзишҳои маънавӣ ва ахлоқиро бузург медонад. Ӯ дар асари “Шоҳнома”, ки аз осори ниёкон, ривояту қиссаҳо, андешаҳои ахлоқиву динӣ, аҳодиси паёмбарону пандномаи бузургон ва фалсафаи ҳаётии халқҳои гуногун сарчашма мегирад, муҳимтарин ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ: хирадмандӣ, накӯкорӣ, фазилати пӯшидани айбу нуқсон, ҳусни тафоҳум, сулҳу субот, дӯстӣ, хайру эҳсон ва монанди инҳоро тарғиб

кардааст. Шоир дар ин асари хеш зимни баёни аншедаҳо огоҳӣ додааст, ки ҳар як инсон, новобаста аз худию нохудӣ, эҳсос дорад, дӯст медорад, нафрат мекунад, дарду беадолатиро ҳис менамояд. Ҳамзамон, Фирдавсӣ арзиши сабурӣ ва мадороро низ воло дониста, ин ҳар дуро бародари ақлу хирад номидааст: "Мадоро хирадро бародар бувад, Хирад бар сари ҷон чу афсар бувад" (Фирдавсӣ). Чунин маъниву ифодаро дар афкори педагогии ӯ метавон яке аз ғояҳои баландмазмуни инъикоскунандаи мафҳуми таҳаммулгароӣ шумурд.

Таҳаммулпазирӣ чун маҳсули рушди таърихӣ ва чун арзиши рӯҳонию маънавӣ дар раванди таҳаввули ҷамъияти инсонӣ як қатор тағйиротро аз сар гузаронида, ҳоло ин мафҳум, яъне таҳаммулгароӣ, нақши пешбарро сазовор шудааст. Мо чунин мешуморем, ки чун арзиши умумӣ ва ҷузъи умдаи сулҳ ва ризоияти байни одамони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, халқҳо, мазҳабҳо, давлатҳои ҷаҳон; инчунин чун ҷузъи эҳтироми умумӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, қонеъ гардонидани талаботи одилонаи ахлоқ эътироф шудани таҳаммулпазирии шахсият аз ҷумлаи муҳимтарин натиҷаҳои афкори фалсафӣ ба шумор меравад.

Таҳаммулпазирӣ имрӯз чун дастоварди асосии этикии фарҳанги нававрупоӣ, ба қонуниятҳои таърихан ташаккулёфтаи фазилатҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои рафтор ворид гардидааст. Дар робита ба ин масъала муҳаққиқони бурунмарзиву хориҷӣ мафҳумҳои таҳаммулпазирӣ ва боварӣро ба миён гузоштаанд. Масалан, тавзеҳи ин масъала аз ҷониби олими соҳаи педагогика Скрипкин Т. чунин сурат гирифтааст: "Боварӣ ҳодисаи мураккаби дуқутба аст, ки ҳамзамон бо мавҷудияти боварӣ ба худ ва ба он қисми олам, ки субъект бо он ҳамкории мутақобила доштан мехоҳад, иртибот дорад. Аз ин лиҳоз, таҳаммулпазирӣ механизми ташаккули боварӣ аст ва, гузашта аз ин, таҳаммулпазирӣ метавонад дар шакли боварии қаблӣ ё пешакӣ ҳамчун яке аз шартҳои таҳаммулпазирӣ вуҷуд дошта бошад" [103, 23].

Ба рушди анъанаҳои башардӯстона ва демократии тарбия, ки аз ҷумлаи нишонаҳои аввалиндараҷаи таҳаммулпазирӣ маҳсуб меёбанд, педагогҳои хориҷӣ Я.А.Коменский, Ж.Ж.Руссо, И.Г.Пестолотси саҳми назаррас гузоштаанд. Ин ашхос, ҳамчун алломаҳои замони худ, дар асарҳояшон даъват ба амал овардаанд, ки ташаккули инсон бояд тибқи ғояҳои некӣ, ахлоқ, гуманизм сурат гирад. Инчунин бунёди низоми демократии тарбияи рушди ҳамаҷонибаи ақлӣ, маънавӣ ва эстетикии насли ҷавон дар асарҳои маорифпарварони қарнҳои XVII-XIX рус В.Г.Белинский, Н.Г.Чернишевский, Н.А.Добролюбов гузошта шудааст. Ҳамзамон, дар ақоиди педагогии онҳо масъалаи таносуби миллӣ ва умумибашарӣ дар тарбия, муносибати боэҳтиром нисбат ба инсон ҷои муҳимро ишғол мекунад. Таълимоти педагогии К.Д.Ушинский дар таърихи илм доир ба тарбия низ саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ нақши инсонро дар пешрафти иҷтимоӣ, илмӣ ва техникии ҷамъият муайян кардааст, ки ин нукта, дар навбати худ, ба ташаккули сифатҳои беҳтарин дар ҳар шаҳрванд мусоидат менамояд. Ғояи робитаи умумӣ байни инсон ва ҷаҳонро бошад мутафаккирони асрҳои XIX-XX рус П.Я.Чаадаев, И.В.Киреевский, С.Л.Франк баррасӣ кардаанду ғояи наздикшавӣ ва тафоҳуми мутақобилаи фарҳангҳои миллӣ дар асарҳои Л.Н.Толстой, В.Ф.Малиновский, В.С.Соловйов, К.Э.Сиолковский ва С.Н.Рерих инъикос ёфтааст. Бахусус, ин олимон раванди ягонагии башариятро чун тарзи бойшавии мутақобила тавассути маърифат ҳам дар ҳамгунии фарҳангии худ ва ҳам дар ҳамгунии фарҳангҳои дигар баррасӣ кардаанд.

Баъзе заминаҳои назариявию методологӣ, технология ё методикаи тадқиқи ташаккули таҳаммулпазирӣ дар ғояҳо ва муносибатҳои педагогикаи гуманистӣ (М.Монтессори, Ш.А.Амонашвили, В.В.Давидов, В.А.Караковский, В.А.Сухомлинский, Д.Б.Элконин ва дигарон) ироа шудааст. Фаъолгардонии масъалаҳои таҳаммулпазирӣ дар асарҳои Б.С.Гершунский пешниҳод гардидааст. Дар маҷмуъ, дар асарҳои педагогиву

психологии ин олимон самтҳои ба амалия ва ҳамоҳангсозӣ нигаронидашудаи тарбияи таҳаммулпазирӣ дар муносибатҳои инсонӣ муайян карда шудаанд. Ҳамчунин ғояҳо ва муносибатҳои ташаккули психологияи таҳаммулпазириро муҳаққиқон Т.Адорно, С.Л.Братченко, Ҷ.Бюҷентал, К.Роҷерс, Л.Н.Рюмшина ва дигарон баррасӣ кардаанд.

Гуфтан зарур аст, ки солҳои охир як зумра муҳаққиқони рус (А.Г.Асмолов, М.С.Мириманова, Г.В.Солдатова ва дигарон) роҷеъ ба психологияи таҳаммулпазирӣ тадқиқоти сершумор ба сомон расонидаанд. Оид ба ташаккули таҳаммулпазирӣ барномаҳои тренингӣ таҳия шудаанд. Зиёда аз ин, дар асарҳои Г.В.Безюлева, Е.О.Галитских, В.Н.Гуров, Г.М.Шеламова нақши муколама чун тарзи асосии ташаккули таҳаммулпазирӣ ва роҳҳои азхудкунии шаклҳои муколамавӣ дар равиши таълим, эътирофи арзишҳои шуури таҳаммулгароёна ва ташаккули таҷрибаи рафтори таҳаммулгароёна мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар адабиёти муосир, аз ҷумла, дар асарҳои А.Г.Асмолов, Е.К.Бистритский, В.А.Василйев, Л.М.Дробижева, В.А.Лекторский, В.Ф.Петренко, М.А.Хомяков таҳлили назариявӣ ва мудаллалсозии бевоситаи мафҳуми таҳаммулгароӣ сурат гирифтааст. Ниҳоят, ҷанбаҳои мухталифи тарбияи таҳаммулгароӣ дар тадқиқоти диссертатсионии А.Е.Белобородова, И.В.Кругова, Н.Ю.Кудзиева, А.К.Биджиев, Е.С.Карякина, П.В.Степанов, А.Г.Шогенов баррасӣ шудаанд.

Мо зимни такя намудан ба маъхазҳои дар иртибот ба таҳаммулпазирӣ таълифшуда дар тадқиқотамон таҳаммулпазириро аз ду ҷиҳат баррасӣ менамоем:

а) аз ҷиҳати муносибати арзишманд ба одамон (новобаста аз мансубияти фарҳангии онҳо) – намояндагони дигар гурӯҳҳои иҷтимоию фарҳангӣ (этникӣ, мазҳабӣ, субфарҳангӣ);

б) зимни такя намудан ба он мафҳумҳои таҳаммулпазирӣ, ки нуктаҳои асосиаш дар қарори Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирии ЮНЕСКО сабт

гардидааст ба ин ҳуҷҷати муҳим муҳаққиқон А.Г.Асмолов, А.Н.Ҷуринский, Г.Д.Дмитриев дар осори худ борҳо рӯ овардаанд.

Дар сарчашмаҳои илмии педагогӣ таҳаммулпазирӣ чун эҳтиром гузоштан ва эътироф намудани баробарӣ, даст кашидан аз фармонфармоӣ ва зӯроварӣ, эътирофи серченакӣ ва рангорангии фарҳанг, меъёрҳо, мазҳабҳои инсонӣ, даст кашидан аз кӯшиши ба якгунагӣ табдил додани гуногуншаклию рангорангӣ ё афзалият бахшидан ба як нуқтаи назар фаҳмида мешавад. Таҳаммулпазирӣ манфиатҳои худиро низ маҳдуд намекунад, баръакс, пеш аз ҳама, он ҷузъи муҳимми ҳаётии шахсияти баркамол мебошад, ки арзишу манфиатҳои худро мавриди зарурат ҳимоя мекунад ва низ омода аст, ки нисбати мавқеъ ва арзишҳои одамони дигар муносибати боэҳтиромона намояд.

Амалияи педагогии "тарбия дар рӯҳи таҳаммулпазирӣ"-ро мо ҳамчун ҷустуҷӯи тарзҳо, воситаҳо ва олот барои ҷӯрсозии торҳои хубтарини рӯҳи инсонӣ, ҷустуҷӯи баромадани инсон аз вазъиятҳои муаммоӣ, бухронӣ, экстремалӣ мефаҳмем. Таҳаммулпазирӣ чун устувории иҷтимоию психологии шахсият, қобилияти муқобилати фардро ба таъсироти беруна ва бо суръати тез ба ҳолати баробарвазнӣ баргаштанро ифода мекунад. Устувории мазкур рангорангии олам, фарқҳои этникӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ҷаҳоншиносиро пешбинӣ мекунад.

Хулоса, шахсияти таҳаммулпазир инсони ба олам бо назари мусбат нигарандаи аз ҷиҳати рӯҳию маънавӣ ва иҷтимоӣ фаъол, инсоне, ки зарурати ваҳдат бо дигар одамонро фаҳмида, рангорангию ба ҳам вобастагии олами атрофро идроккунанда, инсони аз тақдири олам ба изтиробомада, ниҳоят, инсонест, ки аз ҳар як шахс вобаста будани чи хел шакл гирифтани ин оламро мефаҳмад.

Қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми таҳаммулпазириро ба тадқиқоти илмӣ равоншиноси Амрико Г.Олпорт – бунёдгузори назарияи аломатҳои шахсият ворид кардааст. Мувофиқи ақидаи ӯ, патологияи мутаассибӣ,

маъмулан, барои илми иҷтимоӣ нисбат ба хориқаи (феномен) файзбахши таҳаммулпазирӣ ҷолибтар аст. Бинобар ин, аҷиб нест, ки мо дар бораи таҳаммулпазирӣ нисбат ба бадгумонӣ камтар медонем [92]. Бо вуҷуди ин, Г.Олпорт дар асоси тадқиқоти Т.Адорно ва психологҳои дигар, ки бо масоили авторитаризм ва тоталитаризм машғул буданд, як қатор омилҳо ва ё нишонаҳои муҳимро дар бобати фаҳмиши таҳаммулпазирӣ чун ҳодисаи иҷтимоию психологӣ дақиқ кардааст [92; 12].

Тибқи ақидаи Г.Олпорт, тамоюл ба таҳаммулпазирӣ ҳанӯз дар даврони туфулият ташаккул меёбад. Кӯдакони таҳаммулпазир дар оилаҳое ба воя мерасанд, ки муҳити пазиранда доранд. Новобаста аз он ки онҳо чӣ кор мекунанд ва чӣ тавр мекунанд, ин кӯдаконро дӯст медоранд ва мепазиранд. Дар ин оилаҳо ҷазо хеле сахт ё бемантиқ намешавад, кӯдак маҷбур нест, ки ҳар дақиқа барои гурез аз қаҳру ғазаби волидайн майлу хоҳиши худро фурӯ нишонад. Меҳвари ҳаёти кӯдакони таҳаммулпазирро на хавфу хатар, балки амният ташкил мекунад. Чунин кӯдак бидуни саркӯб кардани дигарон, эҳсоси гуноҳро ба атрофиён интиқол надода қаноатмандии маънавӣҳосил мекунад [92; 105].

Омили дигари назаррасе, ки шахсияти таҳаммулпазирро тавсиф мекунад, ба ақидаи олимон он аст, ки шахси таҳаммулпазир мантиқи дихотомиро[1]қабул намекунад. Чунин инсон ҳаргиз розӣ намешавад, ки фақат ду намуди одамон мавҷуданд: зӯр ва суст ё танҳо як тарзи дурусти анҷом додани коре вуҷуд дорад. Ба ғайр аз рангҳои сиёҳу сафед барои ӯ ранги хокистарӣ низ мавҷуд аст [92].

Гуфтан лозим аст, ки муҳаққиқ Г.Олпорт се намуди таҳаммулпазириро ҷудо кардааст: таҳаммулпазирӣ чун муқаррароте, ки ба тафовутҳои этникию нажодӣ марбутанд, таҳаммулпазирии конформӣ (хоҳиши шахс барои мутобиқ шудан ба ҷомеа ва риояи меъёрҳои рафтори муқаррарии аз ҷониби умум эътирофшуда дар он) ва таҳаммулпазирии ифодакунандаи нишонаи

[1]Усули мантиқан тақсим кардани синф ба зерсинфҳо, ки иборат аз он аст, ки мафҳуми тақсимшаванда пурра ба ду мафҳуми ҳамдигарро истиснокунанда тақсим карда мешавад.

хислат. Аз нуқтаи назари муқаррароти этникӣ фарди таҳаммулпазир, ба фикри Г.Олпорт, ба ақидае такя мекунад, ки ҳамаи одамон баробаранд: мансубияти гурӯҳӣ аксаран қобили аҳамият нест [92].

Тавре таъкид намуда будем, таҳаммулпазирӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони ҳозира аст. Тасодуфӣ нест, ки солҳои охир оид ба ин масъала як қатор тадқиқот (А.Г. Асмолов, Г.В. Солдатова, Л.А. Шайгерова, О.Д. Шарова ва диг.) ба субут расида, як идда барномаҳои тренингӣ, ки ба ташаккули таҳаммулпазирӣ нигаронида шудаанд, таҳия гардиданд. Ҳамзамон, барномаҳои сершумори давлатӣ оид ба ин мавзуъ таҳия шудаанд [16; 17; 18; 19; 107; 145].

Дар иртибот ба гуфтаҳои боло психологи амалияпардозро зарур аст, ки ҳамчун вазифаи касбии худ, бояд ташаккули ҳам таҳаммулпазирии байнишахсиятӣ ва ҳам байни гурӯҳҳоро муайян намояд. Иҷрои ин вазифа танҳо дар мавриде имконпазир мегардад, ки, агар таъсири мақсадноки инфиродию махсус ва функсионалию нақшдори он бо мақсади ташаккули таҳаммулпазирӣ чун мушаххасаи пойдори меҳвариихар узви алоҳидаи гурӯҳу ташкилоти мавриди назорат ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тариқ, таҳаммулпазирӣ дар ашхосе (гурӯҳи ашхосе) ташаккул меёбад, ки онҳо ба ҳамкории мутақобилаи мусбат, муносибатҳои мураттаб, ки қонунҳои умумиинсонии ҳаётиро вайрон намекунанд, ҳангоми амалӣ гардонидани озодиҳои худ ба ашхоси дигар зарар намерасонанд, ҷидду ҷаҳд менамоянд. Ба ақдиаи олими сиёсатшинос Ҷонатан Ролз, “ҷамъият ба саркӯб кардану тазъйиқ овардан ба субъекти ғайриадекватӣ танҳо ба мақсади муҳофизат намудани худ, вақте ки субъекти ғайриадекватии мазкур оштинопазирии ба тартиботи ҷамъиятӣ хавфнокро зоҳир менамояд, ҳуқуқ дорад” [87, 26-34].

Муҳаққиқони дигар таҳаммулпазириро чун сифати шахсияте баррасӣ мекунанд, ки он сифатҳо ба қолабгароию авторитаризм муқобил гузошта мешаванд. Аз ин лиҳоз, одамоне, ки аз сифатҳои таҳаммулпазирӣ маҳруманд,

ҳодисаҳои муҳити зистро аз ҳад зиёд сода пазируфта, қатъият зоҳир менамоянд, тағйиротро қабул карда наметавонанд [123, 52-53].

Бояд таъкид сохт, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ба омӯзиши масъалаҳои таҳаммулпазирӣ фанҳои зиёд, аз қабили фалсафа, сотсиология, педагогикаву психология, этнография, таърих, диншиносӣ, фарҳангшиносӣ машғуланд. Ҳарчанд дар таърихи педагогика ғояю консепсияи таҳаммулпазирӣ мафҳуми мутлақан нав нест, ба туфайли дар даҳсолаҳои охир бештар рӯ овардани олимони соҳаи педагогика ба мафҳуми таҳаммулпазирӣ, ҳамчун ба як рукни тарбияи инсондӯстӣ, он аҳамияти махсусро касб кардааст. Чунки ҳаёти имрӯза махсусан дарк ва тарғиби таҳаммулпазириро ҳамчун шарти аввалия дар муассисаҳои таълимӣ тақозо мекунад. Бинобар ин, дар доираи маориф ташаккули тафаккури таҳаммулпазирии иштирокдорони фазои таълимиро, ба назари мо, пеш аз ҳама ва маҳз дар доираи маъмурӣ ё идорӣ сар кардан лозим аст. Чунки маҳз роҳбар гурӯҳи ҳамақидагонро ба вуҷуд меорад, рӯҳияи муассисаи таълимиро ташаккул медиҳад, баҳри қабул ва иҷрои шакли нави кори педагогию психологӣ, ҳамчун масъули асосӣ, кормандонро роҳандозӣ менамояд, ки дар ниҳояти кор ғояҳои таҳаммулпазирӣ ва тоқатпазирӣ бо чунин кӯшишҳои муштарак ба тарбиягирандагон, волидайн, аҳли ҷамъият ва, албатта, ба ҳамдигар паҳн карда мешаванд. Аз ин хотир, метавон гуфт, ки шарти муҳимтарине, ки дар раванди педагогӣ вежагии ҳамкории ҳаматарафаи таҳаммулпазирро таъмин мекунад, характери муносибатҳои байни ҳамаи иштирокдорони раванди мазкур, яъне педагогҳо, хонандагон, маъмурият ва волидайн маҳсуб меёбад. Ин муносибатҳо хеле гуногуншакланд ва ҳар кадоми онҳо ҷузъҳои ангезишию арзишӣ ва эҳсосӣ доранд. Чунонки борҳо таъкид гардидааст, дар байни тамоми муносибатҳо ҷои махсусро муносибати босаброна ё муносибати тоқатпазирона ишғол менамояд.

Дар эҷодиёти шифоҳии халқ хислатҳои маъмули таҳаммулпазирӣ, ба мисли сабру қаноат, нармгуфторӣ, хоксорӣ, дӯстиву рафоқат таҷассум

ёфтааст. Аз ҷумла, таҳаммул ва сабру тоқат дар педагогикаи халқӣ яке аз сифатҳои пешбари шахсият муаррифӣ мешавад. Масали зерин хеле маъруф аст: “Сабр калиди ҳамаи фатҳҳост”. Дар адабиёти классикии мо зарбулмасали арабии “ас-сабру мифтоҳу-л-фараҷ” ба маънои ҳамон зарбулмасали тоҷикӣ маъруфият дорад.

Мушоҳида ва таҳлилҳо нишон дод, ки дар эҷодиёти бадеии халқ сабр ва сифоти шабеҳи он басо таърифу тавсиф шудааст. Чунончи, “Гилеми бесаброро печонида, ба сандуқи интизорӣ гузоред”, – маслиҳат додааст, қаҳрамони адабиёти шифоҳии халқи тоҷик Хоҷа Насриддин. Ҳамчунин дар ҳикмати дигар ҳам омадааст: “Шуҷоати одамӣ сабр аст”. Ин панди халқӣ низ беҳтарин ғояи сабру қаноатварзиро талқин мекунад. Умуман, дар зарбулмасалу мақолҳои халқӣ таҷрибаи пешрафтаи зиндагӣ ҷамъбасту собит гардидааст, ба монанди: “Сабру таҳаммул калиди бурдбориҳост”, “Бесабрӣ ва бетоқатӣ ба шармандагӣ мебарад”, “Сабр кунӣ аз ғӯра ҳалво мепазад”, “Доно дар муросову мурувват, аҳмақ дар ғуруру шаҳомат”, “Вақт сабру тоқат мепазирад, аммо кору бор не” ва ғ. [162, 267].

Мақолу зарбулмасалҳо, ки аз таҷрибаи рӯзгори гузаштагони пурдида боқӣ мондаанд, ҳар лаҳза моро ҳушдор медиҳанд, ки дар ҳолати хашм дурушт гуфтан, ранҷу озор додан оқибати ҳам нангину ҳам бебарор дошта, тухми меҳру садоқати инсониро бармеканад. Ин нукта дар мақолҳои зерин исботи худро ёфтаанд: “Меваи сабр ширин аст”, “Забонро аз олоиш нигаҳ дор”. Аз ҷумла, нуктаҳои фикри боло дар байти зерини шоири классик Мирзоабдулқодири Бедил басо дақиқу омиёна ифода ёфтааст:

Сухан санҷида гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ,

Зи ҳарфи бетааммул ошно бегона мегардад [162, 265].

Инчунин дар мавриди баандеша сухан кардану сабур будан Ҷалолуддини Балхӣ низ иброз медорад, ки як сухан метавонад, оламеро ба салоҳ орад, вале сухани бетаҳаммул метавонад, ҷаҳонро вайрону нопойдор кунад:

Оламеро як сухан вайрон кунад,

Рӯбаҳони мурдаро шерон кунад…

Сабр бошад муштҳои зиракон,

Ҳаст ҳалво орзуи кӯдакон… [162, 266]

Сабру қаноатро шоир Нақибхон Туғрал низ ситоиш карда мефармояд:

Чунон сомони доман кардаам кунҷи қаноатро,

Ки андар дил намебошад таманнои зару симам [162, 312].

Дар бобати таҳаммулпазирӣ ва ё таҳаммулгароӣ дар “Авасто” ва дар осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус, “Футувватнома”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолуддини Балхӣ аввалин ишораҳо мавҷуданд, ки чун қоидаҳои “тиллоӣ” пеши назар меоянд.

Таъкид кардан зарур аст, ки мавзӯи таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ дар эҷодиёти адибон ба ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, диниву фарҳангиву маишӣ ва ғ. бахшида шуда, зимни мазмуну мундариҷаашон рушди инсони комилу боэҳтиром, пойдории сулҳу ваҳдат, гузаро будани умр ва ғанимат донистани онро васф мекунанд, ки ин ҳама сифатҳо, бешубҳа, дар тарбияи ҷомеаи таҳаммулпазир заминаҳои асосианд.

Умуман, тарбияи таҳаммулпазирӣ, ки хусусияти ҳадафманд дорад, қисми таркибии низоми тарбияи миллии халқи тоҷик мебошад. Аз ин рӯ, эҳёи анъанаҳои миллии тарбия, ки аз сохтори мактаб ва барномаҳои таълим вобастагии бевосита дорад, бидуни эҳёи педагогикаи миллии халқӣ ва таърихи он имконнопазир хоҳад буд. Маҳз чунин иқдом имкон медиҳад, ки насли наврас дар доираи маънавиёти миллӣ, ки дар осори халқӣ, китобҳои муқаддаси мазҳабӣ, асарҳои адабиёти классикию шӯравӣ маҳфузанд, тарбия карда шавад. Бинобар ин, эҳёи педагогикаи миллӣ, ки бе он эҳёи мактаби миллӣ ғайриимкон аст, дар шароити кунунӣ мубрамияти махсус касб кардааст.

Мавзӯи таҳаммулпазирӣ танҳо дар доираи адабиёти классикии тоҷику

форс маҳдуд намонда, дар эҷодиёти суханварони муосир низ шарҳу тафсир ёфтааст. Масалан, шоири ваҳдатсаро, симои намунавии дӯстиву бародарии халқҳо – Мирзо Турсунзода дар эҷодиёташ эҳтироми инсонро боло гузошта, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамзистии аҳлонаи қавму нажодҳоро пояи устувори сулҳу ваҳдат дар олам донистааст. Дар ашъори иҷтимоии шоир тарбияи сабру таҳаммул мавқеи хос дорад. Байтҳои зер мисоли ҳамин гуфтаҳо буда метавонад:

Дӯстон,
Дар зиндагии одамӣ
Сабз аз сандону зарб аз чаккуш аст.
Баҳри ман ин иттиҳоди сабру зарб,
Чун камоли худшиносиҳо хуш аст...
Ба мисли хок пурбардору пурсабр,
Ба мисли хок умре беқиёс аст [167, 206].

Бояд таъкид намуд, ки дар доираи педагогикаи халқи тоҷик тарбияи таҳаммулпазирӣ дар ҳамгирой бо тарбияи интернатсионализм ба роҳ монда мешавад. Аз ин рӯ, ташаккулу рушди тарбияи наврасону ҷавонони тоҷик бояд бо назардошти принсипҳои этнодидактикие сурат гиранд, ки асоси ҳамаи низомҳои миллии маорифро ташкил мекунанд. Ба ин принсипҳо асоси ҳамаи низомҳои миллии маориф дохил мешаванд:

а) Мутобиқати муҳтавои маориф ба ақоиди этнофалсафӣ ва ҳувияти муосир;

б) Мувофиқати муҳтаво ва шаклу методҳои таълим ба вежагиҳои этнопсихологии наврасон;

в) Мутобиқати шаклу методҳои таълим ба анъанаҳои этнопедагогӣ.

Бинобар ин, аз оғоз бояд дар муҳтавои таълим робитаи мутақобилаи фарҳангҳои мухталиф ҷойгир карда шавад.

Дарвоқеъ, дар мактаби миёна масъалаи тарбияи таҳаммулпазирӣ муҳиммияти маҳзро доро мебошад, зеро дар ин марҳалаи ҳаёт ташаккули

робитаи мутақобилаи байни кӯдакон, ки аз микроҷомеаҳои мухталиф омадаанду таҷрибаи ҳаётии гуногун доранд ва фаъолияти коммуникативиашон ҳанӯз ташаккул наёфтааст, оғоз меёбад. Дар ин хусус Ҳабибова Н. чунин андеша дорад: "Дар раванди ҳамкории мутақобила, то ки таълими самарабахш ба роҳ монда шавад, дар синфҳои ибтидоӣ баҳри рафъи ихтилофоти дар байни хонандагон ва дар шуури онҳо мавҷуда бояд кӯшишҳо ба харҷ дода шавад. Баръакс, ба роҳ мондани муносибатҳои боэҳтиромона ва бе адами зӯроварӣ, ҳамоҳангу муътадил сохтани муносибатҳо дар синф, бешубҳа, ба тарбияи таҳаммулпазирӣ ва рушди ҳамкории хонандагон мусоидат мекунад" [120, 224].

Ҳабибова Н. эътиқод ба он дорад, ки дар мактаби ибтидоӣ ба кӯдак, аз як тараф, чун фарди соҳибэътибор ва боарзиш пазируфтани шахси дигар ва, аз тарафи дигар, ба ақоиди худ муносибати танқидӣ доштанро ёд додан аҳамияти баланди тарбиявӣ дорад. Пӯшида нест, ки дар шароити кунунӣ бо усули авторитарӣ ва ё ҳукмфармоӣ ба роҳ мондани муоширати "муаллим-талаба" бобати тарбияи таҳаммулпазирӣ имконнопазир аст. Аз ин лиҳоз, дар муассисаҳои таълимӣ тарбия бояд ба таълиму тарбияи шахсияте равона карда шавад, ки ин оламро ба ашёю предметҳои ба ҳам зид ҷудо накунад, баръакс дар худ воҳиди томро муттаҳид сохта, шахсияти бокамоле гардад, ки гуногуншаклии оламро дар ягонагиву ваҳдат қабул намуда, фарҳанги халқи худро ба олам чун фарҳанги мансуб ба инсоният – ҷомеа ворид созад [120, 224].

Таъкидан метавон гуфт, ки ғояҳои таҳаммулпазирӣ дар осори бисёр педагогҳои гузаштаю ҳозира ба назар мерасанд. Аз ҷумла, намояндагони тарбияи озод, мисли Ж.Ж.Руссо, М.Монтессори, Л.Н.Толстой, К.Н.Венсел борҳо ақидаҳои ба ғояҳои таҳаммулпазирӣ наздикро дар осори худ баён кардаанд. Чунончи, Ж.Ж.Руссо ҷонибдори инкишофи шахсияти кӯдак тавассути ба ӯ вогузор кардани озодии комил мебошад. Ин усули тарбияро дар ҳолати ҷудоӣ аз ҷамъият амалӣ гардонидан мумкин аст. Дар асари

барномавии “Эмил ё дар бораи тарбия” Ж.Ж.Руссо яке аз вазифаҳои муҳимтарини тарбияро тарбияи некӣ пиндошта, амалӣ шудани онро, асосан, тавассути тарбияи муҳокима, эҳсосот ва иродаи нек пешгӯӣ намудааст. Ба ифодаи дигар, Руссо қатъиян аз ҷазо додан, аз таъсирҳои дағали тарбиявӣ даст кашиданро тарғиб намудааст [100].

Ақоиди педагогии М.Монтессори то андозае ба диду назари Ж.Ж.Руссо шабеҳ аст. М.Монтессори низ ҷонибдори озодӣ дар зуҳуроти шахсиятии кӯдак мебошад. Вазифаи калонсол, ба фикри ӯ, мушоҳида ва дахолат накардан ба рушди табиии кӯдак мебошад. Чунончи, ӯ таъкид мекунад, ки “...мураббӣ бояд ҳадди аксари кӯшишро ба харҷ диҳад, ки принсипи озодии кӯдак халалдор нагардад. Ба ҷидду ҷаҳди ҷузъии кӯдак ангезиш бахшида, мураббӣ аз фаҳмиши фаъолияти худ иродаи кӯдак маҳрум мегардад ... дарсро такрор намуда, пофишорӣ кардан лозим нест, ба кӯдак фаҳмонидан лозим нест, ки ӯ хато кардааст ё идрок накардааст, зеро бо ин кор мураббӣ кӯдакро ба ҷидду ҷаҳд водор месозад – яъне ҳолати табиии ӯ халалдор намегардад” [89, 182]. Ҳамин тариқ, ба ақоиди педагогии М.Монтессори боварӣ ва муносибати боназокат ба ҳисси психикии кӯдакон таъсири эҳтиёткорона аз ҷониби педагог хос аст.

Дар педагогикаи таҳаммулпазирӣ ақоиди педагоги маъруфи рус К.Н.Венсел дорои аҳамияти принсипиалӣ аст. Аз назари К.Н.Венсел, принсипҳои рушди аксари имкониятҳои эҷодии кӯдак бояд дар асоси эҳтироми шахсияти ӯ ва пешниҳоди озодӣ дар амалиёту хоҳишҳояш роҳандозӣ карда шавад. Муҳаққиқ зидди таъсири водоркунанда буд ва дар асари маъруфи худ “Мактаби идеалии оянда ва тарзҳои амалӣ гардонидани он” моҳиятан эҳёи яке аз принсипҳои таҳаммулпазириро ба “инкишофи амалҳои озодона ва бо роҳи эҷодкории мустақилона” ҳидоят намудани тарбиягиранда маҳсуб донистааст. Ба фикри ӯ, “мустақилияти ирода омили ҳаёти маънавӣ мебошад” [43, 429]. К.Н.Венсел, ҳамчунин барои рушди педагогикаи замони худ якчанд ғояи навро пешниҳод кардааст.

Ақоиди Л.С.Виготскийро дар бобати педагогикаи таҳаммулпазирӣ пурихтилоф номидан мумкин аст. Чунончи, Л.С.Виготский, аз як тараф, нисбат ба проблемаи ҳамкории мутақобилаи педагогу кӯдакон мавқеи муҳимро ишғол карда, тадрисро бо "ҷанг" муқоиса мекунад [49, 368]. Аз тарафи дигар, ӯ нисбат ба таълим ва тарбияи кӯдакон ғояҳои гуманистии хешро иброз доштааст, ки "принсипи тобеият бояд хароб карда шавад... ҷойи фармонбардорӣ (гапдарой)-ро бояд ҳамоҳангсозии озоди иҷтимоӣ гирад" [49, 264].

Л.С.Виготский дар бобати табиати ҷазодиҳӣ ақидаи принсипиалии худро дошт. Аз ҷумла, ӯ таъкид намудааст, ки "ҳама гуна ҷазодиҳӣ... кори зарарнок аст" [49, 267]. Ба назари Л.С.Виготский нақши педагог "ташкил ва танзим намудани муҳит" аст [49, 85].

Яке аз намояндагони педагогикаи классикии шӯравӣ В.А.Сухомлинский маҳсуб меёбад, ки асоси афкораш моҳиятан ба ғояи башардӯстонаи таҳаммулпазирӣ иртибот дорад. Ӯ навиштааст, ки "Дар дасти мо сарвати афзалтарини тамоми ҷаҳон – инсон қарор дорад" [112, 78]. Бинобар ҳамин ҳам, ба фикри мо, педагог дар раванди ташаккули шахсият масъулияти хеле зиёдро дар ӯҳда дорад. Ӯ бояд нисбат ба кӯдаки инкишофёбанда ҳассосу боадаб бошад, ба камбудиҳои ӯ босабру ботаҳаммул муносибат кунад, ки ин хислат танҳо ба туфайли муҳаббат ва муносибати дуруст ба насли наврас ҳосил мешавад. [112]. Ҳамчунин В.А.Сухомлинский дар "Мактаби миёнаи Павлиш" ном асараш муқаррароти рафтори этикии тарбиятгирандагонро баррасӣ намудааст, ки дар байни онҳо тавсияи ҳақбинонаи муаллиф ба тарбиягирандагон нисбат ба бадӣ возеҳан мушоҳида мешавад: "Нисбат ба бадӣ бетараф мабош! Зидди бадӣ, фиреб, беадолатӣ мубориза бар! Нисбат ба онҳое, ки мехоҳанд аз ҳисоби дигарон зиндагӣ кунанд, ба дигарон бадӣ кунанд, оштинопазир бош!" [114, 165].

Аз таҳлили маохизи педагогӣ бармеояд, ки муҳаққиқон ҳангоми ҳалли масъалаи рушди фарҳанги муносибатҳои байналмиллӣ ба мафҳуми

таҳаммулпазирӣ ва муштақоти он диққати асосӣ доданд. Масалан, Б.С.Гершунский дар навиштаҷоти худ чунин мафҳумҳоро ворид сохтааст: “менталитети таҳаммулпазирӣ”, “ҷаҳоншиносии таҳаммулпазирӣ”, “рафтори таҳаммулпазирона” [51].

Ба ақидаи сотсиологҳо, таҳаммулпазирӣ самти “фарҳангӣ,” дастур ва муносибати шахсият мебошад, ки бар хилофи ғояҳои космополитизм (ҷаҳонватанӣ) фаҳмиши нодир будани гурӯҳи худ ва афзал донистани арзишҳои этнофарҳангии худиро пешбинӣ мекунад. Ба ифодаи дигар, он нишони боварӣ ба худ ва фаҳмиши боэътимодии мавқеи худ, аломати боз будан ба ҳамаи маҷроҳои ғоявӣ мебошад, ки аз муқоиса бо дигар нуқтаи назарҳо ҳарос надорад ва аз рақобати маънавӣ канораҷӯӣ намекунад [40, 113].

Ба назари мо, дар педагогикаи муосир шарҳи мафҳуми таҳаммулпазирӣ, ки дар навиштаҷоти Б.З.Вулфов омадааст, нисбатан аниқу дақиқ аст. Ӯ таҳаммулпазириро чунин шарҳ додааст: “қобилияти инсон (ё гурӯҳ) ба ҳамзистӣ бо дигар одамон (ҷомеаҳо), ки ба онҳо ҳувияти дигар ва тарзи ҳаёти дигар хос аст” [48, 12]. Зимнан таҳти раванди тарбияи таҳаммулпазирӣ ин педагог ташкили ҳадафманди таҷрибаи мусбати (рафъи манфии) таҳаммулпазириро дар назар дорад, яъне ба вуҷуд овардани фазои ҳамкории мутақобилаи мустақим ё бавоситаро бо дигарон, бо одамоне, ки ақидаашон ё рафторашон дигар аст, ҷомеаи онҳо, ба ибораи дигар, ҳамзистии мухолифҳоро дар мадди назар дорад. Б.З.Вулфов таъкид мекунад, ки таҳаммулпазирӣ дар ду сатҳ зуҳур меёбад:

а) дар сатҳи психологӣ, чун дастури ботинӣ, муносибати шахсият ва ҷомеа;

б) дар сатҳи сиёсӣ, чун амал ё меъёри татбиқгардида.

Муҳаққиқи дигар, И.В.Крутова, бо назардошти он ки асоси таҳаммулпазириро муносибати фаъолона ташкил дода, дар заминаи эътирофи

ҳуқуқҳои универсалӣ ва озодиҳои асосии инсон ташаккул меёбад, нуктаҳои зерини таҳаммулпазириро ҷудо кардааст:

1. Боздошти вокуниши манфӣ нисбати омили муҳимми маънавӣ, ки зӯровариро истисно месозад. Дар ин бобат бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки таҳаммулпазирӣ ифодаи эмпатияи озод буда, бо таҳдид, илтиҷо, тақлид ба вуҷуд намеояд. Мумкин аст, саҳван ҳолатҳои зеринро ба ҷои тоқатпазирӣ қабул кунанд: сустии вокуниш, дудилагӣ (беҷуръатӣ), адами қобилият ба тафриқаи арзишӣ, ба тақдир ҳавола кардан, бепарвоӣ ва ғ.

2. Сатҳи омодагӣ ба ҳамдигарфаҳмӣ ва фаҳмиши одами дигар дар асоси арзишҳои умумиинсонӣ, ҳамчунин эътирофи ҳуқуқи мавҷудияти ӯ.

3. Сатҳи муколамаи танқидӣ ва тавсеаи таҷрибаи худ дар асоси идроки танқидӣ [80].

Д.В.Зиновйева таҳаммулпазириро ба воситаи муносибати фарҳангию иҷтимоӣ муайян мекунад. Ӯ дар чунин ақида аст, ки фарҳанги иҷтимоӣ эҳтироми ҳамдигар ва ҳуқуқ ба иштибоҳро пешбинӣ мекунад; он бояд ба хонанда ёрӣ расонад, ки эҳсоси вежагии худ ва шабеҳ набудани худ ба дигаронро на чун камбудӣ, балки ба ҳайси арзиши муайян қабул намояд [62].

Аз нуқтаи назари таҳаммулпазирии педагогӣ чун сифати шахсияти педагог-омӯзгор, ки дар ҳамкории мутақобила зоҳир мегардад, ду намуди фаъолияти касбии ӯ ҷолиби диққат аст: таълимӣ ва тарбиявӣ. Ҳар дуи ин сифат, ки асоси амалисозии фаъолияти педагогии омӯзгорон мебошад, бешубҳа ва ҳамеша ба ташаккули қобилияти хонандагон – ба ташкил ва амалисозии фаъолияти муштараки гуногунҷабҳаи онҳо нигаронида шудааст. Вежагии ин намуди фаъолият дар нуктаҳои зерин инъикос меёбад:

- мақсади фаъолият, муҳтаво ва тарзҳои ташкили он;
- ангезаҳои иштирок дар фаъолияти ҳам муаллим ва ҳам тарбиятгиранда;
- хусусият ва услуби ҳамкории мутақобилаи педагог бо хонандагон;

- мавқеи педагог нисбат ба талабаҳо;
- дараҷаи фаъолнокии шахсии ҳам хонанда ва ҳам муаллим.

Ба ақидаи бархе олимон, аз ҷумла П.Ф.Комогоров таҳаммулпазирии педагогӣ моҳияти ихтилофнок дорад. Аз ин лиҳоз, муаллим бояд дар талаба талабот ва қобилиятро ба таълим ва иштирок дар муносибатҳои “Ман-Ту” ташаккул дода, айни замон, таъсири худро низ ба талаба гузаронад. Ӯ вазъияти муоширатро на танҳо аз нуқтаи назари худ ва тарбиятгиранда, балки аз нуқтаи назари вазъияте низ баррасӣ кунад, ки дар натиҷа тарбия дар тарбиятгиранда ташаккул ёбад. Маҳз ҳамин нуктаҳои охир, ки тавассути фаъолияти омӯзгор дар хонандагон ё худ тарбиягирандагон ташаккул меёбанд, аз таҳаммулпазирии шахсияти муаллим гувоҳӣ медиҳанд. Вале, аз тарафи дигар, ба фикри П.Ф.Комогоров, бояд хусусияти меҳнати омӯзгорӣ ҳамеша қадр карда шавад. Чунки муаллим дар мактаб, дар баробари ба корҳои таълимиву тарбиявӣ, ташкиливу методӣ ва корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ машғул шудан, бо одамони сершумори гуногункасб, намояндагони табақаҳои амволии гуногуни ҷамъият, ки аз ҳам аз лиҳози эътиқоди сиёсӣ ва мазҳабӣ фарқ мекунанд, робита барқарор менамояд. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки педагог бояд дорои қобилияти ҳамкории таҳаммулпазир дар ҳамаи сатҳҳо ва дар ҳамаи зуҳуроти таҳаммулпазирӣ бошад. Ғайр аз ин, азбаски маъмулан педагог дар якчанд синф кор мекунад, ӯро зарур аст, ки дар фаъолияти педагогии худ ба таври кофӣ тағйирпазир бошад, яъне, қобилияти тез ба вазъияти дигаргунгашта мутобиқ шуданро дошта бошад [75; 76].

Олими педагог Г.М.Шеламова дар тавсифи тафаккури таҳаммулпазир низ диди хоса дорад. Масалан, ӯ таъкид намудааст, ки тафаккури таҳаммулпазир асоси маърифати фардияти инсон, талабот, арзишҳо, ақоид, эътиқоди ӯ ва шаклҳои гуногуни зуҳурот дар раванди муошират буда, ба тарбияи сифатҳои шахсиятии фард бо самтгирӣ ба сӯи эмпатия, эҳтироми ҳамдигар, эҳсоси шарикӣ имкон медиҳад [122, 75].

Ба ақидаи педагогҳо, педагогикаи таҳаммулпазирӣ, ҳамчунин дар заминаи тағйир додани муносибат ба талаба эҳё мешавад. Дар заминаи чунин пиндошт, ки гӯё “шахсиятро танҳо шахсият” тарбия карда метавонад”, К.Роҷерс дар асари “Озодии таҳсил” аломатҳои шахсиятро номбар намудааст, ки муаллим бояд дар талабагон тарбия намояд. Масалан, ӯ қайд мекунад, ки ташаккул додани самимият дар ифодаи эҳсосот, ақида ва ҳиссиёти худ, дарк карда тавонистани ҳиссиёту ҳолати кӯдакон, ифода кардани фаҳмиши ҳиссиёти онҳо аз ҷониби муаллим ва бегуфтугӯ чун шахсият пазируфтани ҳар талаба муҳим аст [202].

Аксари муҳаққиқон дар тарбия тарафдори таҳаммулпазирии коммуникативӣ мебошанд. Зеро ин амал, ба фикри онҳо, муносибатҳои мутақобил ё худ шахсияти одамонро бараъло намоиш медиҳад, ки дар натиҷа тарафайн сифатҳо ва рафтори ҳамдигарро хоҳ қобили қабул бошад, хоҳ не барои худ дақиқ мекунанд [71; 73; 120].

Бояд ёдовар шуд, ки яке аз нишонаҳои эҳёи таҳаммулпазирӣ, ки дар асарҳои педагогӣ инъикос ёфтааст, таҳти унвони “Принсипи ҳамкорӣ бо адами зӯроварӣ” баррасӣ гардидааст. Асосҳо ва муҳиммияти ин принсип, пеш аз ҳама, педагогикаи ҳамкорӣ дар таҷрибаи корию асарҳои В.А.Сухомлинский ва А.С.Макаренко исботи худро ёфтааст. Педагогикаи ҳамкорӣ чун самти илмӣ, дар солҳои 80-уми қарни гузашта тавсеа ёфтааст. Дар ин бобат дар тадқиқотҳои хеш ғояҳои пешқадамро Ш.А.Амонашвили, И.В.Волков, И.П.Иванов, Е.А.Илйин, В.А.Караковский, В.Ф.Шаталов, М.П.Шетинин барин мутахассисони шинохтаи соҳаи педагогика пешниҳод кардаанд. Ба ақидаи онҳо, педагогикаи ҳамкорӣ, усули нав дар тарбияю таълим мебошад, ки асоси онро ҳамкорӣ дар ҳама соҳаҳои фаъолияти таълимию берун аз таълимӣ – ҳамкории муаллимон, хонандагон, волидон ва маъмурияти макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ ташкил мекунад. Чи тавре ки дар ин бобат Ш.А.Амонашвили таъкид намудааст, моҳияти ғояи педагогикаи ҳамкорӣ дар он аст, ки “кӯдакро ба ҳамсафу корманду ҳамақидаи ихтиёрӣ ва

ҳавасманди худ дар тарбия, таҳсил, таълим табдил диҳем, ӯро иштирокдори баробарҳуқуқи раванди педагогӣ, ғамхору масъули ин раванд ва натиҷаҳои он кунем” [14, 39]. Бинобар ин, таҳаммулпазирии педагогӣ гуфта мо дорои маҳорату малакаҳои ҳамкории таҳаммулпазирона будани педагог – омӯзгор – тарбиятгарро бо тамоми субъектҳои раванди таълим; қобилияту маҳорати ӯро аз мавқеи фаъолонааш дар ҷодаи ташаккули таҳаммулпазирии шахсияти худ, шахсияти хонандагон ва волидайни онҳо, ки ин ҳама меъёрҳои таҳаммулпазирӣ дар педагогикаи ҳамкорӣ маҳсуб меёбанд, мефаҳмем.

Мувофиқи андешаи муҳаққиқони ватанӣ (Ҳабибова Н., Бобоева С.) таҳаммулпазирии педагогӣ дар амал чун як шакли ҳамгиро зоҳир мегардад, ки дар худ аломатҳои ҳамаи намудҳо ва сатҳҳои таҳаммулпазириро дар бар мегирад. Таҳаммулпазирии педагогӣ, ба ифодаи дигар, бо мақсаду вазифа ва хусусиятҳои фаъолияти муаллим ва гуногуншаклии ғании ҳолатҳои педагогӣ мувофиқат карда, ҳамзамон, сифатҳои касбию шахсиятии ӯ маҳсуб меёбад [120; 29].

Метавон гуфт, ки сарфи назар аз таҳлили маъхазҳо дар бобати мафҳуми таҳаммулпазирӣ ва баъзе ҷанбаҳои ба он марбут, ки мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, дар илми педагогика то ҳол тадқиқоти ҳамаҷонибаи таҷрибавию назарии таҳаммулпазирии педагогӣ ниҳоят кам аст. Ҳамчунин то ҳол таърифи аниқу дақиқи таҳаммулпазирии педагогӣ ва тавсифи шахсияти муаллими таҳаммулпазир / таҳаммулнопазир омӯхта нашудааст.

Бо назардошти гуфтаҳои мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки таҳаммулпазирии коммуникативии педагогиро, чун сифати муҳимми касбии муаллим баррасӣ кардан имконпазир аст. Он ба самарабахшии меҳнати муаллим, инчунин ба муносибати мутақобилаи ӯ бо ҳамаи субъектҳои раванди таълим аз нуқтаи ташаккули касбии мутахассис таъсир мерасонад.

Дар фаъолияти педагогӣ ҳамкории мутақобила бевосита бо таҳаммулпазирӣ вобаста аст. Ба таҳаммулпазирӣ чунин намудҳои коммуникативӣ ва ё ҳамкории мусбат, мисли муколама, ҳамфикрӣ ба

таҳаммулнопазирӣ бошад – саркӯб кардан, бепарвову беилтифот будан, муқобилат нишон додан мувофиқат мекунад. Дар муколама фардият зоҳир мегардад, вежагии ҳамсуҳбат маълум мешавад, зеро маҳз ҳамкории муколамавӣ баробарӣ ё худ нобаробарии тарафҳои муоширатро пешбинӣ мекунад.

Дар сохтори ҳамкории муколамавӣ хусусиятҳои эҳсосию иродавӣ афзалият пайдо мекунанд, ки онҳо дар сатҳи баланди хайрхоҳӣ, ҳисси шарикӣ, маҳорати пазируфтани инсон, чи хеле ки ӯ ҳаст, тағйирпазирии тафаккури шахсият зуҳур меёбанд. Ба ибораи дигар, ҳамкории педагогӣ якҷоя муайян кардани мақсадҳо, тақсими қувваю воситаҳоро дар асоси имкониятҳои ҳар шахс пешбинӣ мекунад, ки дар он тамоспазирӣ ва хайрхоҳӣ, адами изтиробоварӣ, мутаҳаррикии амалиёт, боадабию сабру тоқат, эътимоднокию фаъолнокии иҷтимоӣ нақши муҳим мебозанд. Бахусус, васоят ё ҳимоят намудест, ки ғамхориро пешбинӣ мекунад ва зимнан ин ғамхорӣ шаъну шарафи шахси васоятшавандаро коҳиш намедиҳад, зеро он меъёри табиии субъекту объект мебошад. Бояд таъкид сохт, ки ин намуди ҳамкории мутақобила вақте имконпазир мегардад, ки ҳар ду тараф якдигарро бипазиранду ба ҳамдигар бо сабру тоқат муносибат кунанд.

Тибқи мулоҳизоти дар фавқ омада, бо боварӣ метавон гуфт, ки дар илми педагогикаи муосири тоҷик масъалаи таҳаммулпазирӣ, аз ҷумла, таҳаммулпазирии педагогӣ дар тадқиқоти як зумра олимон, аз қабили Бобоева С., Бозорова С., Каримова И., Лутфуллоев М., Негматов С., Раҳматуллоева Ф., Раҷабова С., Сулаймонӣ С., Ҳабибова Н., Шарифзода Ф., Эгамбердиева М. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Аммо зимни омӯзиши осори классикон тарбия намудани хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар шогирдон то ҳол объекти таҳқиқи монографии махсус нашудааст ва рисолаи мо дар ин ҷода кӯшиши аввалин мебошад.

Олимони тоҷик масъалаи таҳаммулпазириро аз чанд дидгоҳ баррасӣ намуда, муайян кардаанд, ки омӯхтани фарҳанги ғайр, донистани одоби

муошират заминаҳои муҳимми мадоро мебошанд. Дар ин хусус, академик Каримова И. пас аз сафар ба Таиланд мулоҳизаҳояшро чунин иброз доштааст: “... омӯзиши гуногунрангии фарҳангии дар доираи як миллат мавҷудбуда бояд қисми таркибии барномаи таълимӣ оид ба иртиботи байнифарҳангӣ бошад. Мани бори нахуст ба Таиландрафта дидам ва эҳсос намудам, ки таиландиҳо ҳама вақт хайрхоҳанд ва доимо табассум мекунанд. Бо омӯзиши махсусияти фарҳангии ин халқ ман дарк кардам, ки табассум – шодӣ аз дидор ва таманнои рӯзи неку табъи хуш ба шумо аст [68, 6].

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, тасаввуроти қолабӣ доир ба ин ё он халқ аксаран барои фаҳмидани вежагиҳои он ба ҳайси мифтоҳ хизмат мекунад. Аз ин рӯ, барои ёд гирифтани муошират бо намояндагони миллатҳои дигар, дар бораи он ки моро дигарон чӣ тавр мебинанд, тасаввуроти дақиқ доштан лозим аст, то муоширатамонро бо онҳо, бо назардошти тасаввуроти анъанавӣ ва на ҳамеша нодуруст, ба роҳ монем.

Академик М.Лутфуллозода дар бобати тарбияти сабру таҳаммул ва ҳусни тафоҳум андеша ронда, чунин мешуморад, ки тоқатпазир будан омили муҳимму самарабахши гуфтушунид, мулоқот, муколама ва музокира мебошад. Мақом ва ҷойи таҳаммул фикр ва қалб аст. Пас, таҳаммулро на дар забон, балки дар андеша ва қалб бояд тарбия намуд [87, 7-11].

Профессор Негматов С. низ роҷеъ ба мавзуи мавриди назар масъалаи муколамаи фарҳангҳоро ба миён гузоштааст. Дар шароити муосир, ки муаммои ҳамдигарфаҳмии байнимиллӣ аҳамияти хоса касб мекунад, муколамаи фарҳангҳо воситаи ташаккули на танҳо таҳаммулпазирӣ, балки эҳтироми ҳамдигар, маърифати гуногунрангии олами маънавию моддии мо, ниҳоят, воситаи ташаккули малакаи зистан ва муошират кардан дар кишвари гуногунмиллат арзиши баландро доро аст [90, 47-53].

Ба фикри мо, муколамаи фарҳангҳо на танҳо воситаи маърифати фарҳанги миллати дигар, балки роҳи дурусти ворид шудан ба умқи фарҳанги

худ ҳам мебошад. Муколамаи фарҳангҳо барои иҷтимоишавии шахсият, ҳамчун ҳомили забон бо махсусияти этникии он мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, аз ақоиди педагогҳои номбаршуда бармеояд, ки яке аз манбаъҳои тақвияти ақлонӣ дар таҳаммулпазирӣ масъалаҳо ва мавзуъҳое ҳастанд, ки инсонро ба фикр кардан ва андешидан ҳидоят ва раҳнамоӣ мекунанд. Маҳз дар ҳамин асос инсон бо тарзҳои гуногун тавсиф ёфта, қувваҳои ақлонии ӯ мавриди таваҷҷуҳ ва таъкид қарор гирифтааст.

Аз фикру ақидаҳои дар боло баррасишуда бармеояд, ки мутахассисони соҳа ба масъалаи таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ дар ҳар давру замон эътибори хоса зоҳир намудаанд ва он айни ҳол яке аз масъалаи асосӣ маҳсуб мешавад. Омӯзишу таҳлили назариявии масъалаи мазкур дар илмҳои педагогиву психологӣ накши босазои худро ёфтааст ва ба мо имкон медиҳад, ки ташаккули хислатҳои таҳаммулпазириро дар хонандагони синфҳои V-VII-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таълими фанни адабиёти тоҷик мавриди баррасӣ қарор диҳем.

### 1.3. Инъикоси ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ дар барнома ва китоби дарсӣ

Бо мақсади муайян кардани афкори таҳаммулгароёнаи адибони классики тоҷику форс ва нишон додани мавқеи он дар таълиму тарбия, аввалан, маводи барномаи адабиёти тоҷик, ки мувофиқи он тадриси адабиёти тоҷик дар синфҳои V-VII муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараён мегирад, мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Барномаи таълимӣ маводи аввалини ифодакунандаи мазмуну мундариҷаи таҳсилот буда, дар асоси он китобҳои дарсӣ таълиф карда мешаванд. Аз ин рӯ, сифати мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ аз бисёр ҷиҳатҳо вобаста ба он аст, ки барномаҳо дар кадом сатҳ омода карда шудаанд.

Таҳлили барномаҳои таълими адабиёти тоҷикро вобаста ба мавзуи тадқиқот аз барномаи соли **1993** оғоз мекунем, ки он тақрибан 10 сол

мавриди истифода қарор гирифтааст. Азбаски барномаи мазкур дар таҷрибаи омӯзгорон санҷида, барои беҳбудии он пешниҳодоти зиёде ҳам шуда буд, тарҳи нави онро мураттибон соли **2002** бо номи "Барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои V – XI" аз диди нав ва бо назардошти дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ ва илмию фарҳангӣ ба чоп расониданд. Дар ин барнома бархе аз мавзуъҳои адабиёти классикӣ дар қиёс бо адабиёти муосир таҷдиди назар гардида буд. Яъне, дар барномаи соли 2002 бартарӣ бештар ба омӯзиши адабиёти классикӣ дода шуда буд. Дар ин бора дар "Мактуби эзоҳӣ"-и ин барнома таъкид шудааст, ки адабиёти оламшумули зиёда аз ҳазорсолаи форсу тоҷик соҳиби асарҳои пурарзиштарин аст, ки онҳо дар тарбияи маънавӣ ва эстетикии шогирдон аҳамияти бузург доранд. Аз ин лиҳоз, тахминан 70 фоизи соатҳо (дар барнома. –Б.И.) ба омӯзиши осори адибони классик бахшида шудааст, дар ҳоле ки дар барномаҳои гузашта, аз он ҷумла, дар барномаи соли 1990 дар қисмати соатҳои курси хониши адабӣ доир ба таълими маводи адабиёти классикӣ ҳамагӣ 25 фоизи соатҳо пешниҳод шуда буду бас [127, 104].

Дар хусуси барномаи соли 1993 равишшинос Аҳмадов М. аз фаъолияти чандсола ва таҷрибаи омӯзгорони забону адабиёти тоҷик мулоҳизаронӣ намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки доир ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абулқосими Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ барин адибони классик дар барнома ҳамеша теъдоди соатҳои дарсӣ нокифояанд ва, аз ин рӯ, омӯзгор илоҷ намеёбад, ҷуз ба он ки ба усули иҷмолии таълим рӯй орад ва ба масъалаҳои адабӣ хеле сатҳӣ дахл намуда, қисми асосии машғулият ба тариқи супориши хонагӣ ба ӯҳдаи худи шогирдон вогузор гардад. Зеро омӯзгоре, ки дар ихтиёраш ҳамагӣ 45 дақиқаи дарсро дораду қисмати зиёди он ба лаҳзаҳои ташкилӣ, пурсиш ва мустаҳкамкунӣ сарф мешавад, барои омӯзиши густарда ва шарҳу тафсири матнҳои пешниҳодшаванда дар чунин замони маҳдуд имконияти амалӣ пайдо карда наметавонад. Табиист, ки зимни чунин равиши

таълим шогирдон танҳо аз зоҳири асар огоҳ гардида, аз лаззати маъно бебаҳра мемонанд. Агар бар замми инҳо, овардани асноду рақамҳои луч ва холӣ аз эҳсоси маънавӣ, ки дар усули тадриси бархе аз омӯзгорон то ба ҳол ҷой дорад, илова гардад, пас, натиҷаи матлуб ба даст нахоҳад омад [127, 94]. Ба гуфтаҳои муҳаққиқ метавон афзуд, ки равиши мазкур на танҳо ба таълими адабиёт, балки баноил шудан ба мақсадҳои тарбиявӣ низ монеаи ҷиддӣ эҷод мекунанд. Вақте ки шарҳу тафсири мавзуъ нопурра сурат мегирад, алоқамандкунӣ бо ҳаёт ва хулосабарорӣ низ заиф мегардад, шитобкориву шитобзадагӣ ба вуҷуд омаданаш аз эҳтимол дур нест. Бинобар ин, дар таҳияи соатҳои барнома бояд афзалиятҳои ҳам таълимӣ ва ҳам тарбиявӣ ба эътибор гирифта шаванд.

Лозим ба таъкид аст, ки соли **2007** "Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V- XI" аз тарафи шӯрои коршиносони назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи барнома ва китобҳои дарсии адабиёти тоҷик барои синфҳои V- XI таҷдиди назар гардида, бо тағйиру иловаҳо нашр шуд. Пеш аз ҳама, як бартарии барномаи мазкур ин аст, ки дар он бобати мураттаб намудани мавзӯъҳои ҳам курси хониши адабӣ ва ҳам курси таърихи адабиёт низоми хронологӣ ҷиддан риоя гардидааст. Перомуни ин масъала дар барнома чунин таъкид шудааст: "Ба муаллимони адабиёт маълум аст, ки дар барномаи пешин (барномаи соли 2002. – Б.И.) дар мавриди таълими дарсҳои таърихи адабиёт (синфҳои VIII-X) баробари таълиму тадриси адабиёти классикӣ шоирону нависандагони адабиёти муосир низ омӯхта мешуданд. Мураттибони ин барнома (барномаи соли 2007 – Б.И.) мувофиқи дастур ва супориши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тадвини маводи адабӣ принсипи таърихӣ, яъне хронологиро ба эътибор гирифтанд" [130, 13-14].

Дар барномаи соли 2007 таҷрибаи барномаи қаблӣ (2002), доир ба он ки дар курси хониши адабӣ намунаи осори адибони бузург танҳо як маротиба

дар яке аз синфҳои V- VII омӯзонида шавад, инкишоф дода шуда, дар барномаи курси таърихи адабиёт низ ба инобат гирифта шудааст [142, 136].

Тафриқаи дигари барномаи соли 2007 аз барномаҳои пешин дар он аст, ки дар мураттаб сохтани маводи курси таърихи адабиёт низ чун дар курси хониши адабӣ ба таҳлили матн эътибори хоса дода шудааст. Дар радифи таҳлили осори адибон, бахусус, осори ғиноӣ матнҳои мушаххас пешниҳод гардида, дар баробари таҳлили умумии ғоявию бадеӣ шарҳи маъно ва кор бо матни онҳо низ дар назар дошта шудааст. Адабиётшинос ва методисти соҳаи таълими адабиёт М.Аҳмадов дар баробари эътироф намудани бартариҳои барномаи соли 2007 баъзе норасоиҳои онро низ таъкид намудааст. Масалан, таъкид мешавад, ки низоми ихтисори мавзуъҳои таълимӣ, ки барномаи соли 2002 ба роҳ монда буд ва ба ин восита омӯзиши амиқ ва густардаи масоили адабӣ ба даст омада буд, дар барномаи нав сарфи назар гардида, баръакс миқдори мавзуъҳои таълимӣ хеле афзоиш ёфтааст [127, 99].

Дар ҳақиқат, афзудани шумораи адибон дар барнома дар равиши таълим ҳам маҳдудиятҳо ба миён меорад. Зеро чунин ҳолат, яъне нарасидани соатҳои таълимӣ, ба омӯзиши сатҳӣ ва маҳдуди осори адибон оварда мерасонад. Аз як тараф, ба шарҳи маъно ва таҳлили асар таваҷҷуҳ кардани муаллифони барнома иқдоми хеле шоиста аст. Аз тарафи дигар, дар афзоиши мавзуъҳои таълимӣ кори омӯзгоронро мураккаб месозад, ки ин нукта бояд ҳатман таҳияи минбаъдаи барномаи нав гирифта шавад.

Аммо сарфи назар аз норасоиҳои мавҷуда дар барномаи охир (с.2007) дар китоби дарсии синфи V тибқи талаби барнома аз осори мондагори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Аттори Нишопурӣ, Шайх Саъдӣ намунаҳое оварда шудаанд, ки дар онҳо хислатҳои марбут ба **тоқатпазирӣ** хеле барҷаста таҷассум ёфтаанд. Инчунин тибқи барномаи синфи VI дар китоби дарсии адабиёти тоҷик аз мероси 13 нафар суханвари классик, аз ҷумла, Унсурмаолии Кайковус, Низомии Ганҷавӣ, Муҳаммад Авфии Бухороӣ,

Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон беҳтарин намунаҳо интихоб шудаанд, ки дар таълиму тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар хонандагон хеле заруранд.

Мувофиқи барнома (с.2007) барои синфи VII ҳамчун идомаи омӯзиши курси хониши адабӣ ва охирин марҳилаи ҳамин курс аз эҷодиёти 11 адиби шинохта, аз қабили, Абулқосим Фирдавсӣ, Заҳирии Самарқандӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Убайди Зоконӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Ҳусайн Воизи Кошифиву Сайидои Насафӣ намунаҳои ибратомез интихоб гардидааст, ки дар доираи мазмуну мундариҷоти онҳо метавон дар хонандагон як идда хислатҳои таҳаммулпазириро тарбия намуд.

Чунонки дар барнома омадааст, аз синфи VIII то XI курси таърихи адабиёт, аз ҷумла, дар синфҳои VIII, IX ва X рӯзгор ва осори адибони классики тоҷику форс таълим дода мешавад. Мо зимни таҳлил ва омӯзиши маводи барнома ва китобҳои дарсии "Адабиёти тоҷик" барои синфҳои VIII-IX ва X ба чунин хулосаи умумӣ омадем, ки дар маводи таълимии пешниҳодшуда вожа ё худ истилоҳи "таҳаммулпазирӣ" ҳамчун ифодакунандаи хислатҳои неку шоиста ва одобу ахлоқи инсонӣ маротибае ҳам истифода нашудааст.

Вобаста ба сохтор ва маводи китоби дарсии адабиёти тоҷик адабиётшинос ва равишшинос М.Аҳмадов чунин ибрози андеша кардааст: "Маводи таълимӣ дар китобҳои дарсӣ ба тарзе пешниҳод гардад, ки шогирдонро ба андешаи мустақилона раҳнамоӣ намояд. Шогирдон ба маводи китоби дарсӣ такя намуда, хулосаҳои асоснок бароварда тавонанд, дар ҳалли масъалаҳо соҳибихтиёрӣ дошта бошанд, озодона қазоват намуда тавонанд. Маводи таълимии китоби дарсӣ шогирдонро роҳнамо бошад, то андешаву эҳсос ва амалиёти эҷодиашон нерӯманд гардад. Дар айни замон шогирдонро дар рӯҳи муҳаббат ба миллату ватан, ифтихор аз ватандорӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ парвариш намояд" [127, 80]. Маҳз ҳамин нуктаи охир ба масъалаи тадқиқоти мо далолат намуда, алоқамандии бевоситаи адабиёт ба тарбия ва самтҳои афзалиятноки онро ифода мекунад. Ба таври дигар агар

эзоҳ диҳем, қабл аз таълифи китоби дарсӣ мақсади он ба таври мушаххас пеш гузошта шавад ва мақсади мазкур роҳнамои асосӣ дар таълиф бошад.

Таъкид бояд кард, ки дар баробари барномаи таълим таълиф намудани китоби дарсӣ заҳмати бештарро талаб мекунад. Муаллифони китобҳои дарсӣ бояд бо дониши фаннӣ мусаллаҳ, аз як силсила талаботу қонуниятҳои соҳавӣ огоҳ буда, дорои маҳорати омӯзгорӣ, дониши педагогиву равоншиносӣ ҳам бошанд. Дар мураттаб намудани маводи китоби дарсӣ, маъмулан, шартҳои (принсипҳои) таърихӣ, илмӣ, пайдарҳамӣ, хусусиятҳои синнусолӣ, низоми аз сода ба мураккаб, аз осон ба душвор, аз мавҳум ба мафҳум гузаштан бояд риоя карда шавад, то ки шогирдон давра ба давра барои омӯхтани мавзӯъ ва масъалаҳои нисбатан душвори адабӣ омода шуда тавонанд. Яъне, пайванд ва пайдарҳамии мавзуъҳо дар китобҳои дарсӣ ҳамеша риоя карда шавад. Албатта, интихоби дурусти маводи таълимӣ барои китобҳои дарсии адабиёт бо назардошти ҷиҳатҳои тарбиявии он низ зарурати аввалиндараҷа дорад, то ки ҳар яке аз маводи пешниҳодшаванда дар ҳастии шогирдон ахлоқи неку писандидаро, ки ба унсурҳои таҳаммулпазирӣ хос ҳастанд, парвариш диҳад ва нисбат ба кирдори ношоиста дар қалби онҳо ҳисси танаффурро бедор намояд.

Азбаски барои таҳлили асари бадеӣ ва идрок кунонидани он ба шогирдон муҳтавои мавзуъ нақши муҳим мебозад, ба назари мо, бо вуҷуди муҳассанот баъзе маводи барнома ва китоби дарсӣ ба синну соли наврасон мувофиқати комил надоранд. Дар ташаккули ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, ки таҳаммулпазирӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини он ба ҳисоб меравад, мероси адабии шоирону нависандагони классикии форсу тоҷик нақши фавқулода калон мебозад. Дар байни адибони гузаштаи мо, махсусан ҳикояҳои халқӣ ё тамсилӣ, ки дар маснавиҳои шоирони маъруф, аз қабили Саноӣ, Аттор, Румӣ ва дигарон фаровон истифода шудаанд, дар таълиму тарбияи насли наврас ба мақсад мувофиқанд. Мутаассифона, дар давраи қабл аз истиқлол омӯзиши мероси шоирони мутасаввиф бо сабабҳои идеологӣ мамнуъ буд. Ба шарофати

истиқлоли давлатӣ дар қатори дигар намояндагони тасаввуф ба барномаи мактаб порчаҳо аз эҷодиёти Ҷалолуддини Румӣ дохил гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмиву амалии осори Мавлоноро махсус таъкид намудааст: "Осори ҷовидонаи Мавлоно, беш аз ҳама шоҳасари ӯ – "Маснавии маънавӣ" имрӯз беҳтарин ва муассиртарин таблиғгари ваҳдати инсоният, манзалати волои маънавӣ ва ахлоқии инсон, садоқату дӯстӣ ва ҳамкории созгор бо тамоюлот ва тақозоҳои рӯз ва ормонҳои бузурги башарият аст... Мо имрӯз дар оғози қарни XXI низоми воқеан инсонгароёнаи ақоидӣ-фикрӣ, фарҳангӣ-маънавӣ, иҷтимоӣ ва рисолати инсонии Мавлавии кабирро шабеҳи нӯшдоруи наҷоти ҳақиқии башарӣ дармеёбем...

Халқи мо бо пайравӣ аз панди Мавлавӣ ва ҳакимону донишмандони бузург – Имоми Аъзам, Имом Бухорӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва дигарон фарҳанги бузурги иҷтимоии **ҳамзистӣ, робитаҳо, дӯстӣ ва ҳамкори**ро эҷод намуд ва решадор кард" [95, 124-125].

Дарвоқеъ, дар замони истиқлол муаллимони муассисаҳои таълимӣ имконият пайдо карданд, ки мероси ғании суханварони тасаввуфро дар тарбияи хонандагон мавриди истифода қарор диҳанд.

Ҳамин тариқ, дар барномаи таълими адабиёти тоҷик (2007) ба таълими эҷодиёти Ҷалолуддини Балхӣ панҷ соат ҷудо шудааст. Мураттибон омӯзиши ҳикояҳои "Бозаргон ва тӯтӣ", "Марди аблаҳ ва хирс", "Табиб ва бемор", андарзҳоро дар синфи 7-ум тавсия кардаанд. Дар китоби дарсӣ мавод мувофиқи тавсия омадааст [203]. Суоле, ки дар бобати тавсияи маводи мавриди омӯзиш хонандагони синфи ҳафтум аз осори Ҷалолуддини Румӣ ба миён меояд, чунин аст: ҳикояи "Табиб ва бемор"-ро аксари муҳаққиқони "Маснави маънавӣ" яке аз қиссаҳои пуррамзу роз ва тамсилӣ медонанд, достони Шоҳ ва канизак дар "Маснавӣ"-и Мавлавӣ як достони фалсафӣ аст.

Мавлавӣ дар ин достон роҳи мустақими раҳоӣ аз банди дунё ва раҷъат ба олами қудс ва дигар масъалаҳои фалсафиву ирфониро ба миён мегузорад. Пас, оё хонандагони ин синну сол мазмун ва муҳтавои ҳикояти мазкурро аз худ карда метавонанд? Ғайр аз ин, ба фикри мо, ба хонандагони синфи ҳафт пешниҳод кардани ҳикояҳои нисбатан камҳаҷми ба итмомрасида нисбат ба ҳикояи калонҳаҷми тӯлонӣ беҳтар ба назар менамояд. Дар “Маснавии маънавӣ” теъдоди чунин ҳикоёт хеле зиёд аст. Барои мисол: “Қиссаи он дарвеш, ки аз он хона ҳар чӣ мехост, мегуфт, нест”, “Қиссаи ба аёдати ҳамсояи бемор рафтани кар”, “Қиссаи дар роҳ дарахт шинондани олим”, “Қиссаи он обгир ва сайёдон ва он се моҳӣ, яке оқил ва яке нимоқил ва он дигар мағрур ва аблаҳи муғаффали лошай ва оқибати ҳар се” ва ғ.

Тазаккур бояд кард, ки вазифаҳои махсуси курси хониши адабӣ аз инҳо иборат аст: воситаи муҳимми тарбияи насли наврас аст; доираи фаҳмиши бадеии талабагонро инкишоф медиҳад; дониш ва ҷаҳони маънавии онҳоро бой мегардонад; талабагон бо мустақилона омӯхтани асарҳо ва ба онҳо баҳо дода тавонистан тайёр мешаванд; захираи луғавии хонандагон бой мегардад; нутқи хаттӣ ва шифоҳиашон сайқал меёбад; хонандагон барои омӯхтан ва фаҳмидани асарҳои адибони классик тайёр мешаванд ва бо идроки мафҳуму маъниҳои осори суханварон дар руҳияи инсондӯстиву таҳаммулпазирӣ тарбия меёбанд. Намунаҳои зерин аз осори адабӣ аз китоби дарсии синфҳои V-VII барои ин мусоидат менамояд:

- Афсонаи “Эраҷи тилисмшикан” (муросо накардан бо душманон, эҳтироми халқ);

- Панду андарзҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ “Гар бар сари нафси худ амирӣ-мардӣ”; “Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад”; “То ҷаҳон буд аз сари одам фароз”;

- Насиҳатномаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ аз рисолаҳои “Дилу ҷон”, “Воридот” (дилу дӯст ёфтан дарки қудрат ва дил ёфтан, душманӣ, ҳиммат ва мардумӣ);

- “Панднома”-и Аттори Нишопурӣ (маломат накардан, аз риё дур будан, бо фақирон меҳрубонӣ кардан, эҳтиёт аз душманон, ба мардум ғамхорӣ намудан);

- “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ (ситам накардан, адлу инсоф доштан, тундрӯй набудан);

- “Кашф-ул-маҳҷуб”-и Абулфазли Майбадӣ (одоби муносибату муошират);

- “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус (шинохти ҳаққи падару модар, фурӯтанӣ);

- “Қитъаҳои “Бузургӣ дар чист?”, “Дӯсте ба даст ор”-и Ибни Ямини Фарюмадӣ (накӯкорӣ, софдилӣ);

- Ғазали “Киштинишастагонем”, “Пайғоми дӯст”, “Донӣ, ки чист давлат?” (бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро);

- Ҳикояи “Паҳлавон Абӯсаид ва гӯштини ӯ бо паҳлавон Дарвешмуҳаммад”- Зайниддин Маҳмуди Восифӣ (ҳиммату ҷавонмардӣ);

- Достонҳои “Кова ва Заҳҳок”, “Разми Гурдофарид ва Сӯҳроб”-и Абулқосим Фирдавсӣ (инсонпарварӣ, ба халқ ҷабру ситам накардан, аз фиребу найранг ва таҳқир дур будан);

- Қасидаи “Тиру теғ аст бар дилу ҷигарам” ва қитъаи “То тавонӣ, макаш зи мардӣ даст”-и Масъуди Саъди Салмон (сабру қаноат, мардонагӣ);

- Ҳикояҳои “Бозаргон ва тӯтӣ”, “Марди аблаҳ ва хирс”, “Табиб ва бемор” аз “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Балхӣ (неку бадро донистан, носипос набудан);

- Ғазали “Дӯст медорад дилам ҷабру ҷафои дӯстро”-и Камоли Хуҷандӣ (садоқат, шавқи ёру дӯст, фурӯтанӣ ва бардошти ҷафои дӯст);

- Ҳикояҳо аз “Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомӣ (ситамкор набудан, ятимпарварӣ, сабру таҳаммул кардан);

- Ҳикояҳо аз “Анвори Суҳайлӣ”, “Ахлоқи Муҳсинӣ”- Ҳусайн Воизи Кошифӣ (сифатҳои мусбат ва манфии инсонӣ);

- Ҳикояҳо аз “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ (ба доди мазлумон расидан, сухан андешида гуфтан).

Ба ҳамин тариқ, вазифа ва мақсади адабиёти бадеӣ гуногун буда, маҷмӯи ахлоқу одоб, рафтору кирдор, сифатҳои мухталифи ҷомеаро дарбар мегирад. Фанни адабиёт бошад, бо методу усулҳои муайян дар байни шогирдон ва хонандагони сершумор онҳоро ташвиқу тарғиб менамояд, дар қалбашон ҷиҳатҳои беҳтарини адабиёти бадеиро таҷассум мекунад. Тарбияи маънавии инсон, фарди ҷомеа имрӯз яке аз муаммоҳои муҳим аст. Маҳз ба воситаи осори адибон маънавиёти шогирдонро ғанӣ гардонида, дар ниҳоди онҳо муҳаббату самимиятро ба инсон, ба ҷамъият, ба кишвару бум мустаҳкам мегардонем. Тарбияи ахлоқиву маънавии мактабиён вазифаи муҳимми фанни адабиёт аст.

Аз таҳлили маводи барнома ва китоби дарсии адабиёти тоҷик, синфҳои V-VII маълум гардид, ки намунаҳои бадеии дар курси хониши адабӣ овардашуда барои ташаккул додани хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад. Хоса, мазмуну муҳтавои афсонаҳо, масалу пандҳо, абёти андарзӣ, осори ахлоқиву ирфонӣ ва ғиноӣ фарогири ангезаҳои муҳимми мадоро мебошанд, ки дар боби дуюми рисола баррасӣ шудааст.

## Хулосаҳои боби I

Дар се фасли боби аввали кор дар асоси таҳлилу баррасии маъхазҳои мубраму муътамад мо ба хулосаҳои зерин расидем:

1. Баъди таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи истилоҳи байналмилалии “толерантность” (“таҳаммулпазирӣ”) дар асоси шарҳу тавзеҳоти доиратулмаориф ва фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабона, мундариҷаи “Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ”, осори олимони маъруфи хориҷӣ (А.Тишков, М.Липман, А.Шнайдер ва диг.) ва тадқиқи этимологии муодилҳои дар забони муосири тоҷикӣ роиҷи мафҳуми мазкур (аз қабили, пуртоқатӣ, босабрӣ, тоқатпазирӣва ғ.) мо ба хулоса расидем, ки истилоҳи “таҳаммулпазирӣ” бо “толерантность” айнияти комил дорад.

2. Намунаҳои овардашуда аз эҷодиёти шифоҳӣ ва мутафаккирони маъруфи адабиёти классикии тоҷик мавқеъ доштани маводи адабиро дар тарбияи ҷанбаҳои муҳимми таҳаммулпазирӣ собит мекунад.

3. Дар асоси таҳлили фалсафӣ, педагогиву психологии навиштаҳои олимони ватаниву хориҷӣ, ки тарбияи таҳаммулпазириро баррасӣ намудаанд, метавон гуфт, ки алҳол таърифи аз ҷониби умум пазируфтаи истилоҳи таҳаммулпазирӣ (“толерантность”) вуҷуд надорад.

4. Таҳлилу баррасии барнома ва китобҳои дарсии адабиёти тоҷик (фасли 3-юми боби I) собит месозад, ки тақсимоти соати баъзе мавзуъҳо ба ҳаҷми маводи омӯхташаванда мувофиқат намекунад ва гузашта аз ин, дар осори аз эҷодиёти классикон пешниҳодгардида хатою иштибоҳот ба назар мерасанд.

5. Баррасии мазмун ва ғояи осори баргузидаи адибони классикии форсу тоҷики дар барнома (барномаҳои солҳои 1993, 2002 ва 2007) ва китобҳои дарсии адабиёти синфҳои V-VII (нашри пас аз солҳои 2006-2007) оварда нишон медиҳад, ки омӯзиши порчаҳои мазкур метавонад ба тарбияи ин ё он навъи таҳаммулпазирӣ дар хонандагон мусоидат кунад.

# БОБИ 2. ВЕЖАГИҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ХИСЛАТИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФИ V- VII

## 2.1. Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар асоси осори ахлоқӣ-педагогии ниёгон

Аз таҳлили тадқиқотҳои сотсиологиву фалсафӣ ва ҳам педагогиву равоншиносӣ бармеояд, ки омӯзиш ва баррасии масъалаи таҳаммулпазирӣ дар раванди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ солҳои охир нисбатан бештар гардидааст. Ин ҳолат ду сабаби ба ҳам алоқаманд дорад: аз як тараф, ҷамъият ба шахсияти таҳаммулпазир ва низоми маорифи ба самти тарбияи таҳаммулпазирӣ нигаронида ниёз дорад; аз тарафи дигар, ба соҳаи маориф низ нерӯҳои илмӣ-методии мусаллаҳ ба назария ва амалияи педагогиву психологии ба раванди тарбияи таҳаммулпазирӣ равонашуда эҳтиёҷ дорад. Аз ин лиҳоз, соҳаи маорифро зарур аст, ки нерӯҳои худро барои муттаҳид намудани ҷамъият, нигоҳ доштани ягонагии фазои ҷамъиятӣ-фарҳангии кишвар, рафъи сӯитафоҳумҳои этникиву миллӣ ва низоъҳои иҷтимоӣ дар асоси афзалияти ҳуқуқи инсон, баробарҳуқуқии фарҳангҳои милливу мазҳабии гуногун ва маҳдуд кардани нобаробарии иҷтимоӣ ба кор барад, то ки дар раванди таълиму тарбияи насли наврас дигаргуниҳои умедбахш ворид карда шаванд.

Дарвоқеъ, ислоҳоти мундариҷаи таълим ҳамчун шарти асосии дар мактаббачагон ташаккул ёфтани низоми арзишҳои муҳимми ҷамъияти муосир ва тамоюлҳои он зарурат дорад. Бахусус, тақвият бахшидан ба боварии шахсӣ ва васеъ кардани ҷаҳонбинии толибилмон метавонад дар онҳо зуҳуроти бетаҳаммулиро нисбат ба ҳама гуна дигарандешӣ рафъ намояд ва дар натиҷа ҳисси таҳаммул ҷузъи асосии фазои маънавии ҷомеаи мактаб гардад. Дар чунин муҳит таҳаммулпазирӣ дар раванди иҷтимоишавии шахсияти талаба метавонад, ҳамчун меъёри ҳамешагии муайянкунандаи рафтор ва андешаронии ӯ ҳисобида шаванд.

Зимни баррассии мавзуъ дар доираи адабиёти бадеӣ мушоҳида гардид, ки шартҳои муҳимми таҳаммул ва тоқатпазирӣ ҳанӯз дар осори куҳани ниёгони мо дар образҳои бадеӣ, масалҳо ва панду ҳикматҳо баён шудаанд. Бо назардошти он сифатҳое, ки мутахассисон дар ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ тавсия намудаанд, мо кӯшиш намудем, ки онҳоро аз осори адабӣ пайдо намоем ва барои истифода пешниҳод кунем.

Чи хеле ки маълум аст, дар адабиёти классикӣ хислатҳои манфӣ, ки барои тарбияи рӯҳияи мадоро монеаи аслӣ мебошанд, мазаммат гардида, хислатҳои мусбати инсонӣ талқин шудаанд.

Хислатҳое, ки ба ташаккули таҳаммулпазирӣ монеа мешаванд дар расми 1 оварда шудааст.




**Расми 1. – Монеаҳои таҳаммулпазирӣ**

Хислатҳое, ки ба тарбия ва ташаккули таҳаммулпазирӣ заминаҳои асосианд (ниг. расми 2).




**Расми 2. – Муҳимтарин заминаҳои таҳаммулпазирӣ**

Ҳанӯз дар асотири қадим, ёдгориҳои бостонии адабиёти паҳлавию монавӣ инсон ва қудрату тавонии ӯ ситоиш ёфта буд. Дар китоби “Авасто”, андарзномаҳо ва дигар ёдгориҳои бадеии хаттӣ бузургии инсонҳои неруманду тавоно, ситоиши некиву накӯкории одамон ва мубориза онҳо бар зидди мардумозорӣ ва зиштиву торикӣ сабт гардидаанд. Намунаҳои барҷастаи эҷодиёти ниёкон, ба монанди андарзномаҳои паҳлавӣ: “Андарзи Озарбади Меҳраспандон”, “Андарзи доноён ба Маздистон”, “Андарзи Хусрави Қубодон”, “Андарзи дастур ба беҳдинон”, “Андарзи Беҳзоди Фаррухпирӯз” ва ғайра мебошанд, ки меъёрҳои ахлоқиро дар робита ба ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти инсонӣ фаро гирифтаанд. Баъдан, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯшакури Балхӣ, Дақиқӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосими Фирдавсӣ ва муосирони дигари онҳо дар адабиёти навини форсиву тоҷикӣ ба ин навъи адабӣ мақоми сазовор бахшида, суннати андарзофариниро ривоҷу густариш додаанд.

Дар доираи ҳар яке аз он мавзуъҳое, ки дар иртибот ба осори ниёгон дар барномаҳои таълими адабиёти синфҳои V-VII ворид шудаанд, метавон на камтар аз ду-се хислати таҳаммулпазириро дар хонандагон тарбия намуд. Азбаски доираи мавзуи тадқиқот имкон намедиҳад, мо дар ин рисола масъалаҳои тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII танҳо дар иртибот ба таълими осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Фаридуддини Аттор, Саъдии Шерозӣ ва Ҷалолуддини Балхӣ, ки дар эҷодиёти ҳамин адибон нукоти таҳаммулпазирӣ барҷастатар ва назаррас мебошад, пешниҳод менамоем[2].

Бо омӯзиши фаъолияти эҷодии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки дар синфҳои V-VIII таълим дода мешавад, хонандагонро дар ҷодаи чандин риштаи таҳаммулпазирӣ метавон тарбия намуд. Аз ҷумла, дар синфи V аз осори устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ порчаҳои абёт пешниҳод шудаанд. Масалан, дар порчае, ки бо мисраи “Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад” оғоз меёбад, устод Рӯдакӣ хулқу хирад ва номи неку тандурустиро аз ҷумлаи шартҳои зарури зиндагии инсон ба қалам додааст. Муаллиф дорои тани сиҳат, хирад ва хулқу атвори писандида буданро таъкид сохтааст, ки ин нуктаҳо аз воситаҳои асосии зиндагии хуш ва дарозумрии инсони аз ҳар ҷиҳат солим маҳсуб хоҳад ёфт:

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад:
Тани дурусту хӯйи неку номи неку хирад.
Ҳар он ки эзидаш ин ҳар чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахӯрад [141, 50].

Рафъи бадхӯйӣ дар тарбияи инсон мавқеи зарурӣ дорад. Шахси бадхӯй ҳар лаҳза метавонад бо хулқи зишт табъи атрофиёнро хира ва ноором кунад. Тандурустӣ, хубкирдорӣ, накуномӣ ва хирадро шоир шартҳои муҳимтарини зиндагии хуш ва рӯзгори дур аз ғам мешуморад. Хулқи нек, ки сарчашмаи меҳрубонӣ ва инсондӯстӣ аст, ба тарбияи таҳаммулпазирӣ мусоидат намуда,

---

[2]Мо баъзе аз нуктаҳои таҳаммулпазириро, ки дар осори Ҷалолуддини Балхӣ ба назар мерасанд, дар фасли дувуми боби II шарҳ додем.

таваҷҷуҳ кардан ба ҳамин хислат дар раванди таълим аз ҷанбаҳои дигари ташаккули таҳаммулпазирӣ маҳсуб мешавад.

Тибқи андешаи устод Рӯдакӣ, инсоният хилофи ҳама гуна махлуқоти олам аз оғози офарида шуданаш то ба имрӯз аз дониш ва илмандӯзӣ фориғ нагардидааст, яъне донишандӯзӣ пеша ва қувваи ҳамешагии ӯст. Устод Рӯдакӣ ҳамчунин оини мардиро ба ҷавонон талқин менамуд. Ин нукта дар порчаи дигари ашъори ӯ, ки дар китоби синфи V интихоб шудааст, бараъло инъикос ёфтааст. Яъне, ин адиби дурандеш мақсади асосии зиндагии инсонро, пеш аз ҳама, дар ҷавонмардӣ ё худ некиву накӯкории ӯ пиндошта, талқин намудааст, ки дар умри гузарон, ки ҳар нафаси он бебозгашт аст, инсон аз худ бояд некӣ боқӣ гузорад. Чунин маъниро Рӯдакӣ, ҳамчун устоди сухан, бо услуби саҳли мумтанеъ дар мисраъҳои зерин басо нишонрас ифода кардааст:

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯнигарӣ.
Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ
Киштие соз, то бад-он гузарӣ [141, 49].

Устод Рӯдакӣ сифати аслии инсони некӯхисолу некӯкорро бештар аз ҳама дар башардӯстӣ ва хайрхоҳии ӯ медонист. Ба фикри ӯ, инсони хуб зиндагиро бе кору амали нек тасаввур карда наметавонад. Кори некӯ кардан барои чунин инсон маънии зиндагии ӯст. Аз рӯи гуфти Рӯдакӣ агар ба ҷаҳон бо чашми ақлу хирад нигарем, он мисли дарёст ва инсон бояд аз амалҳои неку солеҳаш киштие бисозад, то ин дарёро убур намояд.

Накӯкорӣ яке аз хислатҳои ахлоқи ҳамида ба шумор рафта, дар таълиму тарбияи таҳаммулпазирӣ нақши муҳим дорад. Некиву некӯкорӣ меҳру садоқатро байни одамон устувор намуда, ба раҳму шафқат ва дигар амалҳои хуби инсонӣ замина мегузорад. Накӯкорӣ нишонаи инсондӯстӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, ки меҳвари таҳаммулпазириро инсондӯстӣ ташкил

медиҳад, тарбияи накӯкорӣ низ дар ташаккули таҳаммулпазирӣ зарур дониста мешавад.

Дӯстпарварӣ аз мавзуъҳои муҳимми инсондӯстӣ буда, ба таҳаммулпазирӣ рабти қавӣ дорад, зеро дӯстиву рафоқат ҳам боиси ҳамзистии осоиштаю мусолиҳаомез буда метавонад. Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ талқин намудааст, ки зиндагии инсон бе дӯст маъное надошта, дар ин радиф лаҳзаҳои фироқ – аз ҳам дур будани дӯстонро, ҳамчун айёми талхтарини овони ҳаёти дӯстони ба ҳам мушфиқу меҳрубон ба қалам додааст:

Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.
Ҳеч талхӣ нест бар дил талхтар,
Аз фироқи дӯстони пурҳунар [144, 63].

Зимни таълими панду андарзҳои устод Рӯдакӣ дар синфи V баррасии мазмуни рубоии зерини ӯ низ мувофиқи пешниҳоди барнома дар китоби дарсӣ интихоб шудааст. Абёти зерини адиб инъикосгари яке аз шартҳои таҳаммулпазирӣ мебошад. Мададгориву шафқат аз нишонаҳои хоксориву инсондӯстӣ ба шумор рафта, талқини ин ғоя барои наврасон дар радифи дигар сифатҳои неки инсонӣ муҳим мебошад.

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ [141, 63].

Яъне, устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ин рубоӣ аз хислатҳои неки инсонӣ ёдрас шуда, таъкид мекунад, ки ҳар як инсон бояд бар сари нафси худ амир бошад, яъне шаъну шарафи инсонии худро ҳимоя карда тавонад. Инсони комил ва ё боақлу фаросат набояд, ки бар кӯру кар ва маъюб, ашхоси ноқисии ҷисмонидошта бо нигоҳи бад ва ё айбҷӯӣ нигарад. Мардӣ на маънои

лату кӯб намудани шахси бечора, балки маънои ба он фитода кӯмак расонданро дорад.

Ба афтодагон дасти ёрӣ дароз кардан, ба онҳо мадад расонидан, эрод нагирифтан ба ашхоси ноқисиҳои ҷисмонидошта, ки ба ин худи онҳо иқдом нагузоштаанд, яке аз вежагиҳо ва аломати шахсони ботаҳаммул мебошад, ки чунин хислатро устод Рӯдакӣ, сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик, зиёда аз даҳ аср муқаддам дар ашъори инсонгароёнаи хеш талқин намудааст. Бояд гуфт, ки тақрибан пас аз 1050 сол ин фикри пурҳикмати устод Рӯдакиро дар либоси дигар дорандаи Ҷоизаи Нобел, нависандаи маъруф чунин баён кардааст: “Инсон танҳо дар як ҳолат метавонад ба инсони дигар аз боло ба поён нигарад: даст дароз кардан, то афтодаро аз замин бардорад” (Габриэл Гарсиа Маркес).

Одамушшуаро Рӯдакӣ ба ҳокимони замони худ мурочиат намуда мегӯяд, ки онҳо бояд нисбат ба мардум, раияти худ боадлу инсоф бошанду аз зулму ситам худдорӣ намоянд, зеро инсон, чи гунае ки бо дигарон муносибат кунад, дигарон ҳам бо ӯ ҳамон хел муносибатро раво медоранд. Ин нукта дар шеъри зерини шоир бо истифода аз ривояти динӣ дар доираи ғояи инсондӯстӣ басо возеҳу ҳадафманд таъкид гардидааст:

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики Худованд бадӣ нест фаромуш-т.
Ин теғ на аз баҳри ситамгорон карданд,
Ангур на аз баҳри набид аст ба чархушт.
Исо ба раҳе дид, яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт.
Гуфто, ки киро куштӣ, то кушта шудӣ зор,
То боз кӣ ӯро бикушад, он ки туро кушт?!
Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт [20, 279].

Чи хеле ки дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст: “Тоқатпазир будан яке аз сифатҳои мусбати муносибати башардӯстона доштан ба шаҳрванд ва омили асосии пешгирӣ кардани низоъҳои эҳтимолии дар байни шаҳрвандон баамалоянда мебошад” [2, 4-19]. Дарвоқеъ, инсондӯстӣ мавзуи меҳварии сулҳу мадоро буда, ин нукта дар ашъори устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ зиёд ба чашм мерасад. Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар зиндагӣ ба таҷрибаву озмоиш таваҷҷуҳ намуданро шарти асосӣ донista, ҳамеша дар чунин ақида будааст, ки инсон дар зиндагии шахсӣ набояд ҳасадхӯр – гирифтори нотавонбинӣ нисбат ба ашхоси дорову баландмартаба бошад, яъне ба онҳое, ки нисбат ба ӯ зиндагии хубу беҳтар доранд, нигариста худро озурда насозад. Чунки, ба қавли шоир, шояд дар ҳаёт одамоне бошанд, ки рӯзгорашон бадтар аз зиндагии ту буда, ақаллан, чун ту зиндагӣ карданро орзу мекунанд. Чунончи:

Замона панде озодвор дод маро,

Замонаро чу неку бингарӣ, ҳама панд аст.

Ба рӯзи неки касон, –гуфт, – ғам махур, зинҳор,

Басо касо, ки ба рӯзи ту орзуманд аст... [141, 49]

Дар маҷмуъ, устод Рӯдакӣ, ҳамчун шоири башардӯст дар пайи ҳимояи мардуми заҳматкаш буду ҳамеша зулму тааддиро маҳкум менамуд. Ӯ башардӯстии иҷтимоӣ, яъне тантанаи одамият, адолат ва некӯкориро дар тамоми умри бобаракати хеш дар кулли ҷабҳаҳои муносибатҳои инсонӣ, иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ ташвиқ менамуд. Бале, афкору андешаҳои башардӯстона, сабру қаноат, ки тараннуми ин ҳама дар осори кулли классикони тоҷику форс назаррасанд, аз ҷумлаи хислатҳое мебошанд, ки дар замони мо – дар асри XXI низ аҳамияту арзиши дучандро доро мебошанд.

Бояд таъкид намуд, ки мувофиқи барномаи таълимӣ, хонандагон бо осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар синфи 8 низ зимни омӯзиши курси таърихи адабиёт чуқуртар шинос мешаванд. Акнун дар ин давраи таълим шогирдон бештар бо ғояи осори шоир, маҳорати суханварӣ ва мавзуъҳои дигари

эҷодиёташ ошно шуда, доираи фаҳмишашон нисбати чакидаҳои пур аз ҳикмати ин қофиласолори адабиётамон густариш хоҳад ёфт, ки ин ҳама дар ташаккули хислатҳои ҳамидаи шогирдон, хоса, принсипҳои таҳаммулпазирӣ дар онҳо, бешубҳа, нақши муҳимро хоҳад бозид.

**“Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ** ҳамчун асари ҳамосавӣ ва мисли осори устод Рӯдакӣ дар ташаккулу пешрафти фарҳангу тамаддуни башар саҳми шоиста дорад. Дар ин асар ситоиши ақлу хирад, некиву накӯкорӣ, сулҳу дӯстӣ, тарғиби ғояҳои таҳаммулпазирӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ ва монанди инҳо ҷойгоҳи махсусро доро аст. Дар асари мазкур зимни тасвирҳои гуногун метавон зуд-зуд унсурҳои тоқатпазириро мушоҳида кард. Абулқосим Фирдавсӣ парвариши ақлу хирад ва худшиносиро дар радифи дигар сифоти неки инсонӣ барои рӯҳияи мадоро муҳим арзёбӣ намуда, дар ҳар мавриди суханаш муҷаз ифода намудааст. Шоир тавоноиву қудрати инсони комилро на дар ҳарбу зарб, ҷангу ҷидол, балки бартарии чунин инсонро дар хирадмандӣ, донишомӯзӣ, диловарӣ, шикебоӣ, худогоҳиву хештаншиносии ӯ тасаввур мекунад. Масалан:

Пазирандаи ҳушу рою хирад,
Мар ӯро даду дом фармон барад.
Зи роҳи хирад бингарӣ андаке,
Ки мардум ба маънӣ бошад яке...
Хирад мардро хилъати эзидист,
Зи андеша дурр асту дур аз бадист [169, 29].

Ба фикри мо, пайванди парвариши ақлу хирад ба тарбияи сабру шикебоӣ дар он аст, ки модоме ҳама тахайюлот, андеша, гуфтору кирдор нишонаи хирад аст, пас, таҳаммулпазирӣ дар навбати худ, пеш аз ҳама, то кадом андоза хирадманд будани инсонро таҷассум мекунад. Ҳатто дар мавриди дигар, мадороро муаллифи “Шоҳнома” бародари хирад мешуморад: “Мадоро хирадро бародар бувад”, Ба мадоро чунин арҷгузорӣ намудани

Фирдавсӣ аҳамияти тарбияи хирадмандиро дар парвариши ҳамин хислати неки инсонӣ (таҳаммулпазирӣ) таъкид менамояд.

Дар баробари дигар хислатҳо риояи одоби сухан аз шартҳои таҳаммулпазирӣ буда, талқини ин нукта дар тарбия муҳим арзёбӣ мегардад. Фирдавсӣ дар боби фазилати сухан ва одоби муошират низ ҷо-ҷо мазмунҳоеро ифода намудааст, ки дар таърих ва раванди афкори ахлоқӣ арзиши олиро касб кардаанд. Роҷеъ ба зарару оқибати пургӯӣ дар чанд маврид ҳаким Фирдавсӣ чунин овардааст:

Чунон дон, ки бешарму бисёргӯй
Надорад ба назди касон обрӯй.
Бидон, к-аз забон аст мардум ба ранҷ,
Чу ранҷиш нахоҳӣ, суханро бисанҷ [168, 401].

Ҳаким Фирдавсӣ таъкид мекунад, ки инсон бояд ба қадри сухан расаду кӯтоҳ гуфтанро омӯзад. Ба ибораи дигар, бояд андаке гуфту бештар гӯш дод, чунон ки дар байти зерин омадааст:

Набояд, ки бошӣ фаровонсухун,
Ба рӯи касон порсоӣ макун [168, 385].

Аз мазмуни байти зерини “Шоҳнома” бармеояд, ки шоир дар баробари сергапӣ дурӯягиро аз ҷумлаи хислатҳои манфии ахлоқӣ шуморида, таъкид мекунад, ки ин ҳар ду хислат ба одамон танҳо ғаму ранҷ меоранд. Ҳамин хислат барои созишу муросокорӣ (таҳаммул), ваҳдати инсонӣ ва мусолиҳа монеа аст, ки адиб онҳоро нишонрас мазаммат намудааст:

Суханчину дурӯя бекор мард
Дили ҳушёрон кунад пур зи дард [170, 246].

Абулқосим Фирдавсӣ низ чун Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба муқобили айбҷӯйӣ сухан гуфта, ашхоси айбҷӯйро ин тавр ҳушдор мекунад:

Ту айби касон ҳеҷ гуна маҷӯй,
Ки айб оварад бар ту – бар айбгӯй [168, 385].

Ҳаким Фирдавсӣ дар бобати сухан гуфтан ва амал ду чиз ва ё ду хислат: сухани рост гуфтан ва кори нек карданро барои инсон аз ҷумлаи хислатҳои абадӣ шумоpидааст. Чунон ки маълум аст, ин ақида дар китоби муқаддаси зардуштиён – “Авасто” таҳти шиори “гуфтори нек, пиндори нек ва рафтори нек” сабт ёфтааст ва бидуни шакку шубҳа аз ин панд адиб бохабар аст, ки мазмуни онро дар “Шоҳнома” тариқи зайл пешниҳод намудааст:

Ба гетӣ ду чиз аст ҷовид бас,

Дигар ҳар чӣ бошад, намонад ба кас,

Сухан гуфтани нағзу кирдори нек,

Бимонад чунон, то ҷаҳон аст рек [150, 49].

Ё ин ки:

Забонро нигаҳдор бояд будан,

Набояд равонро ба заҳр ожадан [150, 51].

Кас бояд забонро аз суханони баду ношоиста ва зишту номақбул нигаҳ дорад, зеро рӯҳу равон аз он нохушу табоҳ мегардад. Вақте сириштү табъи инсон хираву ногувор аст, оташину хашмолуд мешавад ва дар ҳолати қаҳру ғазаб корҳои пасту палид рух медиҳад.

Ҳамин тариқ, асари безаволи Абулқосим Фирдавсӣ “Шоҳнома”, ки дар синфҳои VII-VIII таълим дода мешавад, дар раванди таълиму тарбия барои ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар хонандагон низ аҳамияти боризро доро хоҳад буд, бахусус, дар доираи талқин ва тарғиби хирад ва хирадмандӣ, хештаншиносӣ, инсондӯстӣ, одоби муошират, суханварӣ ва монанди инҳо.

Дар қатори андарзномаҳо “Пандномa”-и Фаридуддини Аттор низ дар ташаккули таҳаммулпазирии хонандагон метавонад нақши бориз дошта бошад. Мусанниф дар ин асар бо забони равону фасеҳу оммафаҳм ва дар қолаби манзумаҳои кӯтоҳ ҳикматҳоеро гунҷоиш додааст, ки то ба имрӯз арзиши бузурги маънавию ахлоқии худро коста накардаанд. Ба ифодаи дигар, агар тамоми он хислатҳои неку зиштеро, ки муаллиф дар “Пандномa” тавсиф ё мазаммат кардааст, гурӯҳбандӣ намоем, ба маънои томаш он ҳамаро

метавон консепсияи инсони комил номид. Бесабаб нест, ки намунаи асари мазкур ба китоби маъруфи “Чаҳор китоб” дохил шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки хонандагон бо намунаҳои эҷодиёти Фаридуддини Аттор, пеш аз ҳама, дар синфи V ва баъдан, дар синфи VIII шиносоӣ пайдо мекунанд. Тибқи пажӯҳишҳои илми равоншиносӣ онҳо, хусусан, дар ҳамин синну сол муҳлати муайяни буҳрониро аз сар мегузаронанд. Ин давраи гузариш дар бештари ҳолатҳо ба хислату рафтори онҳо бетаъсир намемонад. Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки дар ҳамин давра фаъолияти худро бо назардошти нуктаи мазкур ба роҳ монад. Ба ақидаи мо, маҳз дар ҳамин давра корбурд ва ё истифодаи осори мондагори ин орифи борикназар – Аттори Нишопурӣ бобати тарбияи шогирдон дар рӯҳияи худшиносиву инсондӯстӣ ва мадоро василаи хуб хоҳад буд. Хусусан, Аттор худшиносиро аз он ҷиҳат тарғиб мекунад, ки дар заминаи он дар шахс метавонад, фазилатҳои дигари инсонӣ, аз қабили тавозуъ, гузашт, инсоф ташаккул ёбад, ки ин ҳама, ҷанбаҳои маъмули таҳаммулпазирӣ эътироф шудаанд. Дар байти зер басо содаву фаҳмо ғояи худшиносиро таъкид кардааст:

Бандагӣ аз худшиносӣ шуд тамом,

Нест марди беадаб соҳибмақом [160, 35].

Қайд кардан зарур аст, ки сабру қаноат муродифи таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ буда, дар ин хусус, дар маъхазҳо омадааст, ки он дар ташаккули хислатҳои созишгароӣ мавқеи хосаро дорост. Аз ин рӯ, сабру қаноатро орифон дар осори хеш бисёр ситоиш ва талқин кардаанд. Дар замони муосир низ талқини чунин ғоя муҳим мебошад. Ҳанӯз Аттор дар замони хеш мақоми сабрро басе баланд бардошта фармудааст:

Ҳеч касро дар ҷаҳони баҳру бар,

Аз қаноат нест мулке бештар [160, 38].

Дар осори Аттор, дар баробари васфи қаноатварзӣ хислатҳои саховатмандӣ ва хоксории инсон мавриди ситоиш қарор гирифтааст. Чунончи:

Бо қаноат соз доим, эй писар!

Гарчи ҳеч аз фақр набвад талхтар...

Босахо бошу тавозуъ пеша гир,

То шавад рӯйи дилат бадри мунир [160, 30].

Ё ки:

Ҳирс бигзору қаноат пеша кун,

Охир, аз мурдан яке андеша кун! [160, 12]

Зери унвони “Дар баёни амали чаҳор чиз” Аттор дар “Пандномa”-и хеш чаҳор ҳикмати ахлоқи ҳамидаро дар қолаби мавзуну равон ва басо фаҳмову мухтасар иброз намудааст, ки чунин аст:

Бар ҳама кас нек бошад чор чиз,

Бо ту гӯям, ёд гираш, эй азиз!

Аввал он бошад, ки бошӣ додгар,

Ҳам зи ақли хеш бошӣ бохабар.

Бо шикебоӣ тақарруб кардан аст,

Ҳурмати мардум ба ҷой овардан аст [160, 12].

Дар ҳолати қаҳру ғазаб хашмро аз худ дур карда тавонистан яке аз нишонаю шартҳои инсони шикебо маҳсуб меёбад. Шайх Аттор ба ин масъала рӯ оварда таъкид намудааст, ки ҳарчанд хашму ғазабро дур кардан амали мушкил ва талх бошад ҳам, натиҷааш аз шакар ширинтар аст:

Хашм хӯрдан пешаи ҳар сарвар аст,

Талх бошад в-аз шакар ширинтар аст [160, 26].

Аттор дар “Панднома” “Дар баёни фурӯ хӯрдани хашм” ном манзумаи хосе эҷод кардааст, ки дар он ӯ лаззати умри инсонро дар хӯйи неку барҳазар будан аз хашм пиндоштааст:

Лаззати умрат агар бояд ба даҳр,

Бош доим барҳазар аз хашму қаҳр [160, 29].

Бобати ранҷондани кас, озурдани дил, ки аз ҷумлаи хислатҳои манфур буда, монеаи ҷодаи инсондӯстиву таҳаммулпазирӣ аст, Шайх Аттор дар бештари асарҳояш мулоҳиза кардааст. Муаллиф дар "Пандномa" хислатро чунин тавсиф кардааст:

Ҳаст фосиқро се хислат дар ниҳод:

Бошад аввал дар дилаш ҳубби фасод.

Хислаташ озурдани халқи Худост,

Дур дорад хешро аз роҳи рост [160, 30].

Айбҷӯӣ накардан ва хаторо бахшидан низ аз ҷумлаи сифоти беҳтарини шахс мебошад. Аттори Нишопурӣ дар ин мавзуъ низ бодалел сухан гуфта, шахси айбҷӯро "аблаҳ" номида, панд додааст, ки инсони хушбахту босаодат ҳеҷ гоҳ айбу хатои дигаронро маломат намекунад. Мисолҳои зерин исботи ҳамин гуфтаҳои охир маҳсуб меёбанд:

Айби худ аблаҳ набинад дар ҷаҳон,

Бошад андар ҷустани айби касон... [160, 9].

Ё ин ки:

Ҳар киро се одат бошадаш,

Дар ҷаҳон бахту саодат бошадаш:

Аввало, гар бинад ӯ айби касон,

Дар маломат ҳеч накшояд забон... [160, 29].

Дар асари дигари Шайх Аттор "Мантиқ-ут-тайр" бо тасвири ҷолибу муассир дар мисоли рафтани Бӯсаиди Меҳна ба ҳаммом ва ҷавоби ӯ ба марди кӯтоҳандеш дар бобати айбпӯшӣ чунин як ҳикмати бузург овардааст:

Бӯсаиди Меҳна дар ҳаммом буд,

Қоимаш афтода марде хом буд.

Шухи шайх овард то бозуи ӯ,

Ҷамъ кард, он ҷумла пеши рӯйи ӯ.

Шайхро гуфто: "Бигӯ, ай покҷон,

То ҷавонмардӣ чӣ бошад дар ҷаҳон?”

Шайх гуфто: “Шух пинҳон кардан аст,

Пеши чашми халқ ноовардан аст” [161, 331].

Яъне, қоим – масхҳгар, ки соҳиби фиросати комил набуд, тамоми чирку ифлосиҳои тани Бӯсаиди Меҳнаро хост барояш нишон диҳад ва зимни суҳбат аз футувват сухан дар миён овард. Шайх ҷавоб гуфт, ки беҳтарин сифати ҷавонмардӣ пӯшидани айбу иллат ва норасоиҳои дигарон аст.

Одоби сухан ва муоширати дар муносибати самимонаву дӯстона, пойдории ваҳдату муросокорӣ мақоми хос дорад. Тарбияи нармгуфторӣ низ дар ташаккули хислати таҳаммулпазирӣ аҳамияти муҳим дошта, нишонаи хираду маданият мебошад. Ин хислатро ситоиш карда, Шайх Аттор мефармояд, ки дуруштӣ боиси дур шудани дӯстон ва хушгуфторӣ аломати хирадмандӣ аст:

Эй бародар, гар хирад дорӣ тамом,

Нарму ширин гӯй бо мардум калом [160, 37].

Ҳамчунин дар мавриди сухани дурушт ин тавр афзудааст:

Ҳар ки бошад туршрӯю талхгӯй,

Дӯстон аз вай бигардонанд рӯй [160, 37].

Фариддудини Аттор ба масоили ахлоқӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, бахусус, дар масъалаи тарбия ва такмили ахлоқии инсон ҷонибдори таълимоти футувват (ҷавонмардӣ) будааст, ки дар осори хеш бештар ташвиқи ғояҳои рафоқату дӯстӣ, сабру тоқат, олиҳимматӣ ва баробариро иброз доштааст.

Умуман, дар осори Фаридуддини Аттори Нишопурӣ муҳимтарин нишонаҳои таҳаммулпазирӣ бо услуби хоси муаллиф – бо лаҳни равону фаҳмо баён шудааст, ки зимни шарҳу хулосабарорӣ дар дарс омӯзгор бемушкилӣ метавонад ба фаҳми шогирдон идрок кунонад.

Бояд тазаккур дод, ки дар байни асарҳои пандуахлоқии адибону орифони адабиёти классикии тоҷику форс нақши осори Шайх Муслиҳиддин

Саъдии Шерозиро метавон махсус таъкид сохт. Беҳуда нест, Саъдиро “инсонпарвари бузург” ва “муаллими ахлоқ” номидаанд. Бахусус, ду асари ӯ “Гулистон” ва “Бӯстон” аз маъниву мазмунҳои пандуахлоқӣ фаровон мебошанд. Дарвоқеъ, “Гулистон” дар таърихи адабиёти мо ба ҳайси махзани панду ахлоқ ва асарҳои рӯимизии аҳли фарҳанг маҳсуб меёбад, чунки дар ин асар афкори таҳаммулгаронаву инсонпарварона басо барҷаста ба қалам дода шудааст. Ба ифодаи дигар, одам ва неку бади тинату сиришти инсон дар “Гулистон” мавзӯи асосӣ ва марказист. Зеро Саъдӣ тибқи дидану омӯхтану шинохтани одами замони худ образҳое офаридааст, ки назиру монанди онҳо дар ҳар асру замон дида мешавад. Гӯё бо он ҳама образофаринихо Саъдӣ зарурати ислоҳотеро тақозо менамуд, то ки инсоният оқилтар ва комилтар гардида, ҷомеаи башарӣ таҳким ёфта, мулк ободу мардум осудаву озод зиндагӣ ба сар баранд. Чунин ният ва мақсади поку башардӯстонаи Саъдӣ зиёда дар асари ҷовидонаи “Гулистон” инъикос ёфтаанд, ки то ба имрӯз абадияти ном ва таълимоти Саъдиро муаррифӣ мекунад.

Бояд гуфт, ки ба эътибор гирифтани ҳамин ҷиҳатҳои осори Саъдии Шерозӣ дар раванди таълиму тарбияи хонандагони мактабҳои Тоҷикистон аҳамияти амалӣ дошта, бешубҳа, бобати ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии онҳо нақши муҳимро доро хоҳанд буд.

Ҳангоми таҳлилу таҳқиқи мазмунҳои ҳикоёт ва порчаҳои назмии “Гулистон” ва “Бӯстон” муҳимтарин ҷанбаҳои таҳаммулпазириро, аз қабили худшиносӣ, инсондӯстӣ, одоби муоширaт ва сухангӯйӣ, интиқодпазирӣ (эътирофи танқид), фурӯтаниву хоксорӣ, дӯстиву рафоқат, фазилати айбпӯшӣ, эҳтиром кардани андешаву эътиқоди дигарон, ғайбат накардан ва ҳасад нахӯрданро ба мушоҳида гирифтем.

Талқини ҳар яке аз ин хислатҳо дар тарбиятгирандагон дар ташаккули таҳаммулпазирӣ мусоидат хоҳад кард. Роҳҳои истифода ва идрок кунонидани мазмуни ҳар асар дар дарси адабиёт бисёр ва гуногун аст. Барои расидан ба ҳадафҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофӣ омӯзгор дар ҳар дарс бо

назардошти муҳтавои мавзуъ нақшаи дарсро тарҳрезӣ мекунад. Барои таълиму тарбияи таҳаммулпазирӣ низ риоя ва ба эътибор гирифтани ҳамин низом муҳим мебошад.

Таҳлилу мушоҳидаҳо муайян намуд, ки дар нақшаи дарси яксоатаи омӯзгорон дар мақсади тарбиявии дарси адабиёт ҷанбаҳои муҳимми мадоро қайд шудаанд: тарбияи хештаншиносӣ, инсондӯстӣ, дӯстпарварӣ, одоби сухангӯӣ ва ҳурмату эҳтиром кардан.

Ба фикри мо, дар баробари огоҳ будани омӯзгор аз равишҳои маъмул ва фаъоли дарси муосир боз дуруст истифода намудани роҳҳои таҳлили осори бадеӣ ва фаҳмову дастрас идрок кунонидани мазмуни асар барои ҳадафманд ва нишонрас дар амал татбиқ намудани ҳамаи мақсадҳои дарс, аз он ҷумла, яке аз рукнҳои КМТ-и ҶТ (тарбияи таҳаммул ва тоқатпазирӣ) мусоидат мекунад. Чи хеле ки адабиётшинос ва мутахассиси усули таълими адабиёт Аҳмадов М. таъкид мекунад: “Омӯзиши асар дар мактаб ба ду омили асосӣ марбут аст: нахуст, хониш ва соният, таҳлилу тафсири асари бадеӣ” [127, 226]. Ҳамчунин равишшинос Аҳмадов М. истинодан ба гуфтаҳои муҳаққиқи методикаи таълими адабиёти шӯравӣ Голубков В.В. дар таҳлили асари адабӣ ба эътибор гирифтани чанд ҷиҳатро зикр намудааст:

1. Шароити таърихӣ;
2. Диди нависанда ва мавқеи ҷамъиятии ӯ;
3. Мавзуъ, мақсад ва мундариҷаи ғоявии асар;
4. Мавқеи қаҳрамонҳои асосӣ дар асар;
5. Персонажҳои дигар;
6. Сужети асар;
7. Қисматҳои дигари асар;
8. Забон ва услуби асар;
9. Жанри асар ва хусусиятҳои он;
10. Анъана ва навоварии нависанда.

11. Аҳамияти иҷтимоӣ ва сиёсии асари нависанда барои ҳамзамонон ва ояндагон [127, 228].

Таъкид кардан зарур аст, ки дар таълими замони шӯравӣ таҳлили осори бадеӣ ҳатман дар чорчӯбаи партиявият ва синфият сурат мегирифт. Аз он ҷумла, мазмуни ирфонии осори классикии мо ба таври ошкоро бозгӯ намешуд. Муҳаққиқи таълими адабиёти тоҷик Аҳмадов М., ки дар даврони истиқлоли кишвар китоби дарсии “Таълими адабиёти тоҷик”-ро барои мутахассисон ва донишҷӯён интишор намуд, дар ҷилди якуми китоби дарсӣ масъалаи таълими осори ирфонӣ, хусусиятҳои таълими ҳамин гуна осорро таҳқиқ намуда, ба ҷанбаҳои арзишманди милливу инсонгароӣ дар раванди омӯзиши осори бадеӣ эътибори хоса доданро таъкид намудааст, ки ин нукта аҳамият ва мавқеи зарурӣ доштани осори классикиро дар тарбияи хушиносиву башардӯстӣ ва дигар омилҳои мадоро боз ҳам равшан мекунад [127, 230].

Ҳоло дар омӯзиши адабиёти тоҷик асосан шартҳои зерини таҳлили асари бадеӣ ба эътибор гирифта мешаванд: шарти таърихӣ, робитаи асари бадеӣ бо зиндагӣ, ягонагӣ дар мазмун ва шакл, шарти маърифатию тарбиявӣ, шарти қиёсӣ, қонунияти омӯзгорӣ ва шарти ба ҳисоб гирифтани робитаҳои адабӣ. Аз ҷониби муҳаққиқони таълими адабиёти тоҷик Носирҷон Маъсумӣ, Маърифат Қозиҷонов, Абдураззоқ Ваҳҳобов, Ғафлат Мирзоев, Тӯйчӣ Миров, Қурбон Хоҷаев, Шамсулло Исломов низ андешаҳои судманд дар ин бобат баён гардидааст.

Таҳлили асари бадеӣ дар курси хониши адабӣ идомаи намудҳои кор бо матнҳои асари бадеӣ буда, шогирдонро ба ибрози андешаҳои озодона ва мустақилона роҳнамоӣ мекунад. Вазифаҳои чунин таҳлил, аксаран, аз муайян намудани мундариҷаи ғоявии асар, мақсади таълифи он, шиносоӣ бо қаҳрамонҳои асосӣ ва бардошти ибрати шахсӣ аз кору амалиёти онон иборат аст.

Дар барномаи адабиёти соли 2007 ба масъалаи таҳлили мазмуни асар таваҷҷуҳ шуда, мураттиб дар дарси хониши адабӣ дарёфти мазмун ва маъниро бо ёрии тавзеҳот имконпазир шуморидааст: “Таҳлили мазмуни асар бояд танҳо бозгӯи зоҳирии воқеии он набошад. Барои таҳлили дуруст ва судманди асар, кушодани моҳияти нақшҳои ғиноӣ ва ҳамосӣ донишу омодагии касбии муаллим лозим аст. Нақли мазмун моҳияти асарро кушода наметавонад, танҳо омодагии муаллим ба завқи солими дарёфт ва таҳлили адабию эстетикӣ моҳияти мавзуъро барои шогирдон равшан менамояд. Содагии баёну таҳлил мувофиқи талаби синнусолии шогирдон арзиши мавзуъро бояд кам накунад” [130, 8-9].

Доир ба таҳлили асари бадеӣ дар курси хониши адабӣ муҳаққиқи таълими адабиёт Абдураззоқ Ваҳҳобов пешниҳод месозад, ки тибқи талаботи барнома корро аз баёни мундариҷа оғоз карда, таҳлили асар бо эзоҳи баъзе аз масъалаҳои асосӣ ба охир расиданаш мувофиқи мақсад аст. Баъди шунидани нақли хонандагон масъалаҳои ҷудогонаи асар тавзеҳ дода мешавад. Эзоҳи ин масъалаҳо унсури таҳлил аст, ки бо роҳи суҳбат (саволу ҷавоб) гузаронида мешавад [139, 72].

Барои дар равиши тадриси адабиёт ташаккул додани хислатҳои таҳаммулпазирии наврасон нахуст, ҷанбаҳо ё худ шартҳои таҳаммулпазириро дар осори бадеӣ муайян намудан зарур аст, ки дар мисоли эҷодиёти адибони маъруф муҳимтарини он дар боло мухтасар зикр шуд. Мо зимни таҳлилу баррасии ҳикоёти Шайх Саъдӣ баъзе ҷанбаҳои таҳаммулпазириро бо хулосаҳои мухтасар меоварем, ки бо назардошти таълими адабиёт дар курси хониши адабӣ фароҳам омадааст:

1. Оид ба худшиносӣ.

Мафҳуми хештан дар “Фарҳани забони тоҷикӣ” ба маънии хеш, худ ифода шудааст. Ҳар кас, ки хештанро натавонад шинохт, дигар чизҳоро чӣ гуна тавонад шинохт? *Таърихи Байҳақӣ* [191, 475]

Аз хештан пур будан ба худ мағрур будан;

бар хештан ниҳодан таҳаммул кардан, тоқат овардан, бурдборӣ кардан:

Агар бошад зи ханҷар хори он роҳ,

Ниҳам бар хештан озори он роҳ. *Ваҳшӣ* [191, 475]

Хештаншиносӣ – худшиносӣ, худро омӯхтан ва санҷидан.

Дар ҷадвали ин хати қиёсӣ

Мекӯш ба хештаншиносӣ. *Низомӣ* [191, 475]

Худшиносӣ сарчашмаи шинохти арзишҳои маънавӣ, моддӣ ва фарҳангии миллат, арҷгузорӣ ва эҳтиром ба таърих, фарҳанг, забон, адабиёт, расму оин, ҷашнвораҳо, анъанаҳо, дин ва тамаддун аст. Худшиносӣ эҳсос ва виҷдони шахс дар роҳи беҳдошти асолати миллӣ, дӯст доштани миллат ва ватани худ, пос доштани шараф ва номуси миллат мебошад. Ба андешаи бисёр муҳаққиқон худшиносӣ ду зинаи асосӣ дорад: худшиносии фардӣ ва худшиносии иҷтимоӣ. Худшиносии фардӣ дараҷаи ташаккули ҷаҳонбинӣ, худогоҳӣ ва анъанавии як фард буда, худшиносии иҷтимоӣ дараҷаи худогоҳӣ ва хештаншиносии афроди ҷомеа маҳсуб мешавад.

Роҳҳои расидан ба худшиносӣ ва худогоҳӣ гуногунанд. Нахустин мактаби тарбияи худшиносии мардуми тоҷику форс ҷаҳонбинии ориёӣ мебошад. Нахустин осори хаттии мардуми тоҷик осори куҳани адабӣ, фарҳангӣ ва мазҳабии он, аз ҷумла “Авесто”, “Дарахти ассурик”, “Ёдгори зарирон” ва ғ. ҳастанд, ки таҷассумгари назарияҳои худшиносӣ мебошанд. Асли ҳикмати ориё ҷанбаҳои инсонгароёна дорад.

Рисолат ва асолати равшанфикрони миллӣ дар пешбурд ва бедории миллат хеле бузург аст. Боиси қайд аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “зиёиёнро хазинаи тиллоии миллат” номидаанд. Таъсир ва нақши андешаҳо, афкор ва назариёти равшанфикрон дар рушди маънавиёт, ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва худогоҳии афроди ҷомеа ниҳоят бузург аст, ки муаррифии миллат ба ҷаҳониён яке аз ҳадафҳои муассири он маҳсуб меёбад.

Дар таълим ва тарбияи таҳаммулпазирӣ хештаншиносӣ мавқеи намоён дошта, нақш ва таъсири оила, мураббиён, омӯзгорон ва ашхоси маърифатноки ҷомеа меҳвари таълиму тарбияи шахс ва ҷомеаро ташкил медиҳанд.

Чи хеле ки қайд намудем, яке аз нишонаҳо ва шартҳои аввалиндараҷаи таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ худшиносӣ ба шумор меравад. Барои он ки инсон дорои сифатҳои худхоҳӣ ва худписандӣ буда, кӯшиш мекунад, ки хубиҳо ва тавоноиҳои худро бузургтар, вале айбу камбудиҳои хешро куллан пинҳон намояд, ё хурдтар нишон диҳад. Дар ин маврид, ба ақидаи Саъдӣ, мушкилот ва ё монеа ин аст, ки бархе аз одамон ҳангоми худбаҳодиҳӣ хато ё худ айбҳои хешро ба сомеъ изҳор намекунанд, ки ин нуктаро ӯ таҳти таъбири "пардаи пиндор" дар ҳикояте ифода намудааст.

Ҳикоят

Ёд дорам, ки дар айёми туфулият мутааббид будаме ва шабхезу мулаъи зуҳду парҳез. Шабе дар хидмати падар нишаста будам ва ҳама шаб дида ба ҳам набаставу мусҳафи азиз бар канор гирифта ва тоифае гирди мо хуфта. Падарро гуфтам:

– Аз инон яке сар барнамедорад, ки дугонае бигузорад. Чунон хоби ғафлат бурдаанд, ки гӯйӣ нахуфтаанд, ки мурдаанд.

Гуфт:

– Ҷони падар, ту низ агар бихуфтӣ, беҳ аз он ки дар пӯстини халқ уфтӣ.

Набинад муддаӣ ҷуз хештанро,

Ки дорад пардаи пиндор дар пеш.

Гарат чашми худобине бубахшанд,

Набинӣ ҳеҷ кас оҷизтар аз хеш [65, 56-57].

Дар курси хониши адабӣ ҳангоми таҳлили асари бадеӣ, сараввал, вожаҳои душворфаҳм шарҳ дода мешаванд.

Луғат:

1. Ёд дорам – дар хотир дорам.

2. Туфулият – рӯзгори кӯдакӣ.

3. Мутааббид – ибодаткунанда.

4. Шабхез – касе, ки барои ибодат шабонгоҳ бармехезад.

5. Мулаъи зуҳду парҳез – ҷазбманди порсоию тақво.

6. Мусҳаф – Қуръон.

7. Дугонае – киноя аз ду ракъат намоз.

8. Пардаи пиндор – ҳиҷоби гумони ботил, гумони ноҳақ.

Шарҳи ҳикоя:

Дар хотир дорам, ки айёми кӯдакӣ ба ибодат бисёр майл доштам ва шабҳо аз хоб бармехестаму намоз мегузоридам. Яке аз шабҳо дар назди падар нишаста будаму тамоми шаб Қуръони маҷид мехондам ва гурӯҳе дар гирди ману падарам хуфта буданд. Ба падар гуфтам, ки аз инҳо яке ҳама аз хоб намехезад, то ду ракъат намози бомдодӣ гузорад, чунон хоби ғафлаташон бурда, ки гӯё хоб нарафтаанд, балки мурдаанд. Падарам гуфт: Ҷони ман, ту низ агар хоб мерафтӣ беҳтар буд аз он, ки айби мардумон ҷӯию ғайбат кунӣ.

Шарҳи байт: Инсони беҳудагӯю лофзан ғайр аз худ каси дигарро намебинад, зеро пардаи тираи гумони ботил пеши чашмашро бастааст. Агар ба ту чашми ниҳонбину ҳақиқатшинос бидиҳанд, ҳеч касро аз худ пасттар намебинӣ. Яъне, худро аз ҳама кас оҷизтару нотавонтар мешуморӣ.

Омӯзгор дар хулосаи ҳикоя таъкид мекунад, ки Шайх Саъдӣ дар ин ҳикоят онҳоеро танқид кардааст, ки айби дигаронро мебинанду айби худашонро намебинанд, ё худ танҳо аз пайи айби дигарон ҳастанд. Шаб то рӯз нахуфтану ибодат кардан ва Қуръон дар каф доштан суде надорад, агар дар ҷустуҷӯи айби дигарон бошӣ!

2. Оид ба интиқодпазирӣ.

Танқид – накд кардан, ҷудо кардани пули сара аз носара; санҷидан; баҳо додан ба сухан, асар ва ғ. мебошад [191, 325].

Шарти дигари рӯҳияи таҳаммул ва таҳамулпазирӣ танқидпазирӣ буда, маданияти баланди инсонӣ ва тарбияи хуби ӯро таҷассум мекунад.

Наврасон дар муҳити мактаб ва ҷомеаи ҳамсолон аксар вақт интиқодро қабул надоранд, яке аз сабабҳои сар задани низоъ байни эшон ва муҳити носолими наврасону ҷавонон бар ҳамин ҷиҳат то андозае марбут аст.

Барои талқини танқидпазирӣ ва расидан ба ҳадафи ташаккули рӯҳияи таҳаммулгаро омӯзгор ҳангоми таҳлили асари бадеӣ аз ҳикоёти Шайх Саъдӣ метавонад истифода барад.

Шайх Саъдӣ дар осори худ дар чандин маврид вобаста ба масъалаи пазириши интиқод ва эродҳои дигарон андешаронӣ намудааст. Ӯ ҳамчун муаллими ахлоқ ва инсонгаро, бовар ба он дорад, ки агар одамӣ аз айбу нуқсони худ воқиф нагардад, баръакс, имкони рафъ ӯро муяссар нахоҳад шуд. Чунончи, мазмуни байтҳои зерин гувоҳӣ аз нуктаи охир медиҳанд:

Якеро зиштхӯе дод дашном,

Таҳаммул карду гуфт: Эй некфарҷом,

Батар з-онам, ки хоҳӣ гуфтан онӣ,

Ки донам айби ман чун ман надонӣ [171, 141].

Дар яке аз ҳикоятҳои “Гулистон” сухан на дар бораи интиқоди шахсе, балки оиди сифатҳои хуби ӯ мерафтааст, ки ӯро маъқул нашудааст. Вале Саъдӣ ҳалли ин нуктаро тавассути истифода аз санъати тамсил бо зикри тавсифи товус ҷамъбаст намудааст. Он ҳикоя чунин омадааст:

Бузургеро дар маҳфиле ҳамесутуданд ва дар авсофи ҷамилаш муболиға менамуданд, сар аз ҷайби тафаккур баровард ва гуфт: Ман онам, ки ман донам.

Шахсам ба чашми оламиён хубманзар аст

В-аз хубси ботинам сари хиҷлат фитода пеш.

Товусро ба нақшу нигоре, ки ҳаст халқ

Таҳсин кунанду ӯ хиҷил аз пои зишти хеш [171, 578].

Шарҳи луғат:

Хубси ботин – палидии даруну ниҳон.

Маънии ду байт: пайкарам ба дидаи ҷаҳониён хушдидор аст, вале аз палидии ниҳон сарафкандаам, чунон ки товусро мардум ба зебоии пару боли нигорин меситоянд, вале ӯ аз зиштии пойи худ шармсор аст.

Ҳамин тариқ, Саъдии Шерозӣ интиқоди саҳеҳ ва баҷоро аз нишонаҳои муҳимми дӯстии воқеӣ ва, баръакс, махфӣ доштан ва нишон надодани айбҳо ва норасоиҳои дигаронро аз рӯи самимият ва садоқат тарғиб мекунад. Вобаста ба ин гуфтаҳо ҳикоёти бисёре дар осори адиб мавҷуд аст.

Ҳикоят

Хатибе кареҳуссавт худро хушовоз пиндоштию фарёди беҳуда бардоштӣ. Гуфтӣ, наъйииб ғуробалбайн дар пардаи алҳони ӯст ё ояти “Инна анкараласвот” дар шаъни ӯ.

Мардуми қаря ба иллате ҷоҳе, ки дошт, балияташ ҳамекашиданду азияташро маслаҳат намедиданд, то яке аз хутабои он иқлим, ки бо ӯ адовати ниҳонӣ дошт, боре ба пурсиш омада будаш, гуфт:

Туро хобе дидаам, хайр бод!

Гуфто:

– Чӣ дидӣ?

Гуфт:

– Чунон дидаме, ки туро овози хуш буду мардумон аз анфоси ту дар роҳат.

Хатиб андар ин лахте биандешиду гуфт:

– Ин муборак хоб аст, ки дидӣ, ки маро бар айби худ воқиф гардонидӣ. Маълум шуд, ки овози нохуш дораму халқ аз баланд хондани ман дар ранҷ. Тавба кардам, к-аз ин пас хутба нагӯям, магар ба оҳистагӣ

Аз сӯҳбати дӯсте биранҷам,

К-ахлоқи бадам ҳасан намояд.

Айбам ҳунару камол бинад,

Хорам гулу ёсаман намояд.

Ку душмани шӯхчашми нопок,

То айби маро ба ман намояд [171, 20-21].

Шарҳи вожаҳо:

1. Хатибе кареҳуссавт – хутбахон, воизи зиштовоз.

2. Наъиб – садо, бонг, фиғон.

3. Ғуробалбайн – зоғи фироқу ҷудоӣ, яъне овози хатиб монанди овози зоғ шумхабар аст.

4. Алҳон – оҳанги овоз.

5. Инна анкараласвот – қисмате аз ояи 19 сураи “Луқмон” аз “Қуръон: “Ҳамоно нохуштарини овозҳо овози хар аст”.

6. Қаря – деҳа.

7. Ҷоҳ – мақому манзалати баланд.

8. Балият – ранҷу сахтӣ.

9. Хутабо – хатибҳо.

Шарҳи ҳикоя чунин аст:

Хутбахони зиштовозе гумон мекард овози хуше дорад, бо садои баланди дилхарошу нохушоянд ваъз мегуфт. Чунин ба назар мерасид, ки овози шуми зоғ дар оҳанги овози ӯст ва ояи “инна анкара-л-асвот” (яъне, нохуштарин овоз) дар бораи ӯ нозил шудааст. Мардуми деҳа аз мақому манзилате, ки дошт, ранҷи ӯро таҳаммул мекарданду ронданашро салоҳ намедиданд, то он дам, ки яке аз хатибони он сарзамин, ки бо ӯ кинаю нафрати пинҳонӣ дошт, боре ба дидани вай омада буд, гуфт:

– Дар бораи ту хобе дидаам, ки неку муборак бошад.

Гуфто: – Чӣ хоб дидӣ?

Гуфт: – Чунин хоб дидам, ки овози хуше дар ваъз гуфтан доштӣ, ки мардум аз даму нафаси ту роҳат доштанд.

Хатиб андаке андеша карду гуфт: – Хоби неке дидаӣ, ки маро бар айби худ огоҳ кардӣ. Маълум шуд, ки овози бад дораму мардум аз баланд хондани ман ранҷ мекашанд. Тавба кардам, аз ин пас танҳо бо овози паст хутба мехонам.

Шарҳи байт: Аз ҳамнишинӣ бо дӯсте озурдаам, ки хислатҳои бади маро нек ҷилва медиҳаду нақсу камбудамро фазилату камолот медонад, амалҳои хормонанди маро дар шакли гул нишон медиҳад. Куҷост он душмани нопоки густох, ки айбҳои маро рӯбарӯ гӯяд? [65, 74].

Дар “Бӯстон” ва бахшҳои дигари “Куллиёт” низ Шайх Саъдӣ интиқодро, ки воситаи муассири ислоҳи ғалату нодурустиҳост, чунин тазаккур менамояд:

Писанд омад аз айбҷӯии худам

Ки маълуми ман кард хӯи бадам.

Гар онӣ, ки душман-т гӯяд, маранҷ

В-агар нестӣ гӯ, бирав, бод санҷ [174].

3. Оид ба тафохур (худбузургбинӣ) ва кибру ғурур

Ба назари мо, тафохур сарҳад аст, барои шинохту эътироф, эҳтирому самимият нисбат ба ашхоси дигар ва дар ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ низ ҳамин сифат монеа мебошад. Мо дар фасли худшиносӣ оид ба масъалаи ба сабаби ғаризаи нафси хеш айбу нуқсони хешро нодида гирифтан ва баръакс, хубиҳои хешро бузургтар сохтани ашхосе ақидаҳои Шайх Саъдиро иброз намудем. Тазаккур бояд дод, ки чунин хислат дар баъзе одамон, асосан, ноогоҳона, вале барои дифои худ, ки истилоҳан “худфиребӣ” ё “далелтарошӣ” номида мешавад, сурат мегирад.

Дарвоқеъ, гоҳо нафси одамӣ заминаҳои худфиребӣ ва худбузургбиниро, ки ба таври фитрӣ дар ҳама инсонҳо, каму беш вуҷуд дорад, густариш медиҳад ва ин сабаб мешавад, ки одамӣ наметавонад, аз қазоватҳои воқеъбинона ва тазаккурҳои дилсӯзона барои рафъи ғалату хатоҳои хеш баҳраманд гардад. Аз ин рӯ, тамаллуқ амалан иртиботи одамиёнро бо воқеиятҳо қатъ мекунад ва боиси эҷоди ғуруру худпарастии онҳо мешавад. Маҳз дар ин бобат Саъдии Шерозӣ дар боби ҳаштуми “Гулистон” одамиро аз хатари гирифтор шудан дар доми тамаллуқкороне, ки бо мақсади тамаъ ва нафъҷӯӣ забон ба мадҳи дигарон мекушоянд, барҳазар

медорад, аз ҷумла, аҳмақеро, ки фирефтаи хушомадгӯии тамаллуқкорон гардад, ба лошаи гӯсфанди забҳшудае ташбеҳ мекунад, ки дар натиҷаи дамидани бод дар он фарбеҳ ба назар менамояд, ғофил аз он ки ин фарбеҳсозӣ ба он сабаб аст, ки пӯсти ҳайвон осонтар канда шавад. Ҳамин маънӣ дар ҳикмати зерин чунин ифода ёфтааст:

Фиреби (душман) махӯру ғурури маддоҳ махар, к-ин доми зарқ ниҳодаасту он домани тамаъ гушода. Аҳмақро ситоиш хуш ояд, чун лоша, ки дар каъбаш дамӣ, фарбеҳ намояд… (171, 516)

Шарҳи луғат:

Ғурури маддоҳ махар – харидори фиреби ситоишгарон мабош; ба ситоишу таърифҳои дурӯғин фирефта машав.

Зарқ – макр, фиреб, риё, дурӯягӣ (171, 544).

Ҳамчунин вобаста ба хислати кибру ғурур дар китоби дарсии курси хониши адабӣ ҳикояте аз “Гулистон” омадааст, ки дар тарбияи насли наврас аҳамияти амалӣ дорад.

Ҳикоят

Вақте ба ҷаҳли ҷавонӣ бонг бар модар задам. Дилозурда ба кунҷе нишасту гирён ҳамегуфт: “Магар хурдӣ фаромӯш кардӣ, ки дуруштӣ мекунӣ?”

Чӣ хуш гуфт золе ба фарзанди хеш,

Чу дидаш палангафкану пилтан,

Гар аз аҳди хурдит ёд омадӣ,

Ки бечора будӣ дар оғӯши ман,

Накардӣ дар ин рӯз бар ман ҷафо,

Ки ту шермардию ман пирзан [65, 84].

Рӯзе бо ғуруру ҷаҳолати ҷавонӣ ба сари модар садо баланд кардам. Дилаш ранҷиду ба кунҷе нишаст ва гирён гуфт:

– Магар замони кӯдакиятро фаромӯш кардӣ, ки ба ман дағалӣ мекунӣ?

Пирзане писари худро, ки далеру зӯрманд шуда буд, гуфт: – Агар айёми кӯдакии худро, ки дар оғӯши ман нотавон будӣ, фаромӯш намекардӣ, имрӯз, ки тануманду пурқувват гаштаию ман солхӯрда, ситам бар ман раво намедоштӣ [65, 85].

4. Оид ба фурӯтанӣ ва хоксорӣ

Яке аз шартҳои муҳимми ҳар гуна созишу муросо ба хоксории инсон ва орӣ буданаш аз такаббур иртибот дорад. Вақте ки одамӣ наметавонад, аз худписандӣ ва худхоҳӣ канора ҷӯяд ва хештанро аз доми кибру ғурур раҳо кунад, таҳаммули андеша ва рафтори дигарон низ барои вай муяссар нахоҳад шуд. Дар заминаи чунин ақида Шайх Саъдӣ дар "Гулистон"-у "Бӯстон" ва ҳамчунин дар бахшҳои куллиёташ суханони бисёр ибратангез дорад, ки ин ҷо овардани намунаҳое аз онҳо бамаврид хоҳад буд. Дар "Бӯстон" ҷо-ҷо ишораҳое дар бораи фазилати тавозуъ ва мазаммати такаббур ба назар мерасад ва яке аз бобҳои даҳгонаи он – боби чаҳорум таҳти унвони "Дар бораи тавозуъ" таълиф шудааст. Аз ҷумла, дар яке аз ҳикоятҳои ин боб аз таваҷҷуҳи Ҷунайд – орифи машҳур ба саге шикорӣ ёд мешавад, ки рӯзгоре азиз ва қавипанҷа буд, вале акнун аз сабаби пирӣ ва нотавонӣ ба хоки зиллат афтода ва лагадхӯри гӯсфандон шудааст. Ҷунайд бо мушоҳидаи аҳволи зори саг ниме аз хӯроки худро ба ӯ медиҳад:

Чу мискину бетоқаташ диду реш,
Бад-ӯ дод як нима аз зоди хеш.
Шунидам, ки мегуфту хуш мегирист,
Кӣ донад, ки беҳтар зи мо ҳар ду кист? [173, 66].

Дар поёни ин ҳикоят Саъдӣ ба чунин хулоса омадааст, ки мардони роҳ аз он ҷиҳат бар малоик бартарӣ ёфтанд, ки гирифтори такаббур нагаштаанд ва барои худ манзалате болотар аз саг қоил нашудаанд.

Раҳ ин аст, Саъдӣ, ки мардони роҳ,
Ба иззат накарданд дар худ нигоҳ.
Аз он бар малоик шараф доштанд,

Ки худро беҳ аз саг напиндоштанд [173, 67].

Ҳикояти дигар аз “Гулистон” аст, ки дар таълими курси хониши адабӣ мувофиқ буда, барои тарбияи хоксорӣ ва ҳам эҳтироми ҳамдигарӣ, хоса, калонсолон муносиб мебошад:

Ҷавоне хирадманд аз фунуни фазоил ҳаззе вофир дошту табъе нофир. Чандон ки дар маҳофили донишмандон нишастӣ, забони сухан бибастӣ. Боре падараш гуфт:

– Эй писар, ту низ он чи донӣ, бигӯй!

Гуфт: – Тарсам, ки бипурсанд аз он чи надонаму шармсорӣ барам.

Нашунидӣ, ки сӯфие мекӯфт,

Зери наълайни хеш мехе чанд.

Остинаш гирифт сарҳанге,

Ки биё, наъл бар сутурам банд [65, 70].

Шарҳи луғат:

1. Ҳаззе вофир – лаззати фаровон.

2. Табъе нофир – хислати безор аз нописанд.

3. Наълайн – кафшҳо.

4. Сарҳанг – сарлашкар, сардори дастаи ҷангӣ.

Шарҳи ҳикоя:

Ҷавони хирадманд, ки аз донишҳову ҳунарҳои гуногун баҳраи фаровон бардошта буду аз корҳои нописанд хислати безорӣ дошт, чун дар маҳфилҳои донишмандон менишаст, ҳаргиз сухан намегуфт. Боре падараш гуфт, ки эй писар, ту низ, ки дониши фаровон дорӣ, чизе бигӯй! Писар гуфт: Метарсам, ки аз он чи намедонам, бипурсанду шарманда шавам.

Шарҳи байт:

Оё ин воқеаро нашунидаӣ, ки сӯфие мех зери кафши худ мезад. Сарҳанге чун ин кори сӯфиро дид, ба гумони он ки сӯфӣ наълзан аст, аз ӯ хост, ки аспи ӯро ҳам наъл занад.

Хулоса, шоир дар ин ҳикоят тарғиби хоксорӣ ва ғарра нашудан ба донишу ҳунар мекунад. Шахси донишманд хоксору фурӯтан мешавад ва ба андешаву назари дигарон, ки аз ӯ калонсоланд, эҳтиром мениҳад.

Мавриди зикр аст, ки мазмуну муҳтавои бештари осори адабӣ барои тарбияи чанд хислат созгор меафтад, ки дар мавриди муносиб ҳамон сифатҳои дар матн омадаро ба инобат гирифта, барои талқини мақсадҳои тарбиявии дарс истифода бурдан ба манфиати кор хоҳад буд. Хоса, ҳикоёти Саъдии Шерозиро, ки бо табъи баланду зарофати хуш эҷод шудааст. Масалан, аз мазмуни ҳикояти боло мушоҳида мешавад, ки хислатҳои тафохур, кибру ғурур мазаммат ва хоксориву ба ҷой овардани эҳтиром таъкид гардидааст. Агар ба маънии ҳикоёти Шайх Саъдӣ таваҷҷуҳ намуда, натиҷагирӣ намоем, аён мегардад, ки зимни таълими як ҳикоя мо метавонем ба чандин ҳадафҳои ташаккули рӯҳияи мадоро расида бошем. Дар ҳикоёти кӯтоҳ, ки маъниҳои барҷаста ифода ёфтааст, омӯзгор метавонад тариқи маъникушоӣ ҳам хислати манфиро ва ҳам сифатҳои некро рӯнамо карда, ахлоқи шоистаро талқин намояд.

5. Оид ба дурӣ ҷустан аз шуҳратпарастӣ

Шуҳратпарастӣ низ дар радифи тафохур ва ҷустани айб барои рӯҳияи мадоро монеа мебошад, чунки шахси ботаҳаммул онест, ки хоксору фурӯтан, некбин ва ботааммул аст. Маълум аст, ки ин тарзи тафаккур метавонад заминаи бисёр мувофиқ барои созишу муросокорӣ фароҳам оварад. Дар ин бобат дар ҳикояти охирини боби ҳафтуми "Бӯстон" мусанниф аз бобати ҷавоне ҳунарманд ва фарзона сухан мегӯяд, ки дорои сифатҳои бисёр хуб ва фазилатҳои зиёд, аз қабили хубрӯйӣ, ҳақҷӯйӣ, накӯкорӣ ва суханварӣ буд, вале хилофи ин ҳама дучори айбе – лакнатзабон буда, ба ин сабаб ҳарфҳои абҷадро ба тарзи саҳеҳ талаффуз карда наметавонист.

Қавӣ дар балоғоту дар наҳв чуст,

Вале ҳуруфи абҷад нагуфтӣ дуруст [173, 244].

Дар рафти суҳбат Шайх Саъдӣ ба соҳибдиле мегӯяд, ки “Ин ҷавон дандони пешин надорад”. Соҳибдили фарзона аз шунидани ин сухан башиддат хашмгин мешавад ва гӯяндаро мавриди итоб қарор медиҳад, ки чаро он ҳама ҳунарҳо ва фазилатҳои ҷавонро нодида гирифтаву фақат назар ба айби ӯ кардааст:

Баромад зи савдои ман сурхрӯй,

К-аз ин ҷинс беҳуда дигар магӯй.

Ту дар вай ҳамон айб дидӣ, ки ҳаст,

Зи чандон ҳунар чашми ақлат бибаст [173, 245].

Дар поёни ҳикоят муаллиф тавсия мекунад, ки ба ивази ҳар ҳунар ё фазилате, ки дар касе бинанд, даҳ айб ё нуқси ӯро нодида гиранд:

Накӯкорӣ аз мардуми некрой,

Якеро ба даҳ менависад Худой.

Ту низ уҷуби ҳар киро як ҳунар,

Бубинӣ зи даҳ айбаш андар гузар [173, 245].

6. Доир ба инсондӯстӣ ва дӯстпарварӣ

Дӯстӣ, ошноӣ, ёрӣ, рафоқат, садоқат, муносибат ва муоширати самимонаву пурмеҳри ваҳдатофарин байни ду ё якчанд нафар, ки дар асоси умумияти мақсад, ақидаҳо, арзишҳо, одатҳо, рағбатҳо, ёриву эҳтиром ва эътимоди ҳамдигарӣ ба вуҷуд меояд. Дӯстӣ қаробати ботинӣ, наздикиву ҳамдилӣ ва ҳамдамии байни одамон бидуни робитаи хешовандӣ, робитаи комилтару бартар аз муоширати сода ва ҳамзистии маъмулӣ буда, инсонҳоро ба ҳам мепайвандад. Дӯстӣ омили ҳамзистии осуда мебошад, ки аз ҳамин ҷиҳат барои талқини рӯҳияи мадоро тарғибу тарбияи дӯстиро низ созгор медонанд. Дар замони муосири ҷаҳонишавӣ, бахусус дар муносибатҳои байналмилалӣ, пойдор доштану устувор гардонидани дӯстӣ ниҳоят муҳим аст [198, 299-300].

Шоирону адибон ва ҳакимони бузурги форс-тоҷик дар ривоҷу равнақ бахшидани дӯстӣ хидмати босазое барои ҷаҳониён кардаанд. Беҳтарин

намунаи инсонгарой ва дӯстиву рафоқат дар адабиёти классикӣ ситоиш ёфтааст [198, 301].

Хоса, рӯҳияи дӯстпарварӣ ва инсондӯстии Саъдии Шерозӣ, ба мисли Мавлоно то ҳадде бузург аст, ки аз ҳар гуна вобастагии қавмӣ, миллӣ, мазҳабӣ, нажодӣ ва монанди ин фориғ аст. Ҳамин тафаккури баланди ду суханвар намунаи олии таҳаммулгароии адибони классикиро таҷассум мекунад. Саъдӣ бар тамоми инсонҳо, сарфи назар аз он ки ба кадом миллату забон мансубанд, содиқона меҳр меварзид ва ҳамаи онҳоро ба манзалаи аҷзои як маҷмӯа ё аъзои як пайкар – хонаводаи башарӣ тарғиб менамуд:

Банӣ Одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор
Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ [141, 48].

Ҳамаи фарзандони Ҳазрати Одам (а), яъне тамоми башарият, ҳамчун узвҳои як бадан бо ҳамдигар пайванд мебошанд, зеро ҳамаи инсонҳо, новобаста аз ҷинс, миллат, нажод, дин ва ранги пӯсташон аз як гавҳар ва аз як асл офарида шудаанд.

Агар як узви бадан дардманд бошад, тамоми узвҳои дигар беқарор мешавад ва оромиш намеёбад. Масалан, агар дандони касе дард кунад, тамоми шаб бедор мемонад ва дар натиҷа на танҳо ҳамон узви дардманд, балки тамоми бадан азоб мекашад. Пас, аз сабабе, ки инсонҳо низ чун узвҳои як бадан бо ҳамдигар пайваст ҳастанд, агар як нафар аз онҳо ба дардею мушкиле гирифтор шавад, касони дигар низ оромиш надоранду дар ташвиш мешаванд.

Агар ту аз ғами азоби дигарон ғам надошта бошӣ ва нисбат ба мушкилоти дигарон бепарво бошӣ, шоистаи номи баланди одамӣ нестӣ. Пас,

инсони ҳақиқӣ касе аст, ки нисбат ба мушкилоти дигарон бепарво набошад, балки бо инсонҳои дигар ҳамдилӣ ва ёрмандӣ мекунад.

Саъдӣ дар осори худ бар ду навъи мусалламии илми ахлоқ, ки низ фарогири меъёру арзишҳои ахлоқӣ аст, рӯй меорад:

Навъи якум: Саъдӣ гуфтанист, ки бо дигарон он гуна рафтор кун, агар хоҳӣ, ки бо ту чунин рафтор кунанд. Бояд гуфт, ки доир ба чунин дастури ахлоқӣ намунаҳои фаровонеро аз куллиёти ӯ метавон дарёфт, аз он ҷумла:

Ростӣ карданду фармуданд мардони Худой,
Эй фақеҳ, аввал насиҳат гӯй нафси хешро.
Он чи нафси хешро хоҳӣ, ҳаромат Саъдиё,
Гар нахоҳӣ ҳамчунон бегонарову хешро [171, 209].

Навъи дувум: Саъдӣ гуфтанист, ки он чиро, ки намехоҳӣ бар ту раво доранд, ба дигарон раво мадор. Яъне, ба ифодаи дигар, шоир гуфтанист, ки он чӣ ба худ намеписандӣ, ба дигарон ҳам маписанд. Ҳамин нуктаро дар забони шеър ин тавр ба қалам додааст:

Ҳар бад, ки ба худ намеписандӣ,
Бо кас макун, эй бародари ман.
Гар модари хеш дӯст дорӣ,
Дашном мадеҳ ба модари ман [171, 144].

Инсондӯстӣ ва некхоҳии шоёни таҳсини адиб ба дараҷае аст, ки дар яке аз маснавиёти худ на танҳо дӯстон, балки душманонро низ шоиставу лоиқи лутфу эҳсон ва шоистаи мадоро мебинад:

Донӣ, ки чӣ буд камоли инсон,
Бо душману дӯст лутфу эҳсон.
Ғамхории дӯстон Худоро,
Дилдории душманон мадоро [172, 64].

7. Оид ба фазилати айбпӯшӣ

Аз диди Саъдии Шерозӣ, чашмпӯшӣ аз айбу гуноҳи дигарон низ аз ҷумлаи фазилатҳои арзандаи инсонӣ ва аз зумраи сифатҳои каримону

ҷавонмардон аст. Дар ташаккули рӯҳияи мадоро ҳамин фазилат низ заминаи муҳим буда, боиси муносибати мусолиҳаомезу пойдор, муросову созиш мегардад.

Ҳикоят аз "Гулистон"

Дузде ба хонаи порсое даромад. Чандон ки ҷуст, чизе наёфт, дилтанг шуд. Порсоро хабар шуд. Гилеме, ки дар он хуфта буд, бардошт ва дар роҳи дузд андохт, то маҳрум нашавад.

Шунидам, ки мардони роҳи Худой
Дили душманонро накарданд танг.
Туро кай муяссар шавад ин мақом,
Ки бо дӯстонат хилоф асту ҷанг?!

Маваддати аҳли сафо, чи дар рӯй ва чи дар қафо, на чунон к-аз паст айб гиранд ва пешат беш миранд.

Ҳар кӣ айби дигарон пеши ту оварду шумурд
Бегумон айби ту пеши дигарон хоҳад бурд [65, 54].

Шарҳи луғат:

1. Маваддат – парҳезкор, дарвеш.

2. Аҳли сафо – покдил, софзамир.

3. Шумурд – баён кард, як ба як ба ҳисобу шумор овард.

Шарҳи ҳикоя:

Дузде ба хонаи дарвеше даромад. Ҳарчанд ки ҷустуҷӯ кард, чизе наёфт, ғамгин шуд. Дарвеш аз ин ҳолати дузд хабардор шуд. Гилеме, ки рӯйи он хуфта буд, пеши роҳи дузд гузошт, то ноумед наравад.

Аз пирони доно шунидам, ки мардони роҳи Худо ва соликони роҳи Ҳақ намегузоранд, ҳатто душманонашон аз онҳо дилтангу ранҷида шаванд. Расидан ба пойгоҳи мардони роҳи Ҳақ барои ту осон нест, зеро ту бо дӯстони худ ҳам сари ситезаву душманӣ дорӣ.

Дӯстии ёрони покдил чи дар ҳузуру чи дар ғоиб яксон аст ва чунин нест, ки дар ғоиб аз ту айбҷӯйӣ кунанду дар ҳузурат ҳозир бошанд

ҷонашонро фидо созанд. Яъне, дар пешат туро мадҳу ситоиш кунанду дар ғоиб сиёҳ намоянд.

Ҳар касе, ки айбу камбуди касони дигарро ба ту мегӯяд, яқин дон, ки айбу нуқсони туро ба дигарон мерасонад [65, 55].

8. Оид ба хато ва иштибоҳ

Яке аз омилҳои тарбияи мадоро қабул ё худ эътирофи иштибоҳоти хеш аст. Инсон бе камбудӣ ё норасоӣ нест, ё хатокорӣ дар ҳаёт шояд сар бизанад. Аз ин рӯ, ҳангоми қазоват аз худ мо баъзан хатопӯшӣ мекунем, ки нишонае аз бетаҳаммулӣ дар мавриди баҳодиҳӣ ба худ аст. Саъдӣ дар ин боб дар "Бӯстон" намунаи хубе аз ин рӯҳияи ҳақпазирӣ ва инсофгароиро дар ҳикояти ибратбахш чунин овардааст:

Фарде мушкилро пеши шоҳи мардон, Ҳазрати Алӣ (а) мебарад ва роҳи ҳалли онро меҷӯяд. Имом ҷавоберо, ки саҳеҳ медонад, баён мекунад. Яке аз ҳозирон посухи он Ҳазратро нодуруст меангорад:

Шунидам, ки шахсе дар он анҷуман,

Бигуфто чунин нест ё Булҳасан.

Ҳазрати Алӣ (а), бе он ки биранҷад, бузургворона аз ӯ мехоҳад, агар ҷавоби беҳтаре дорад, изҳор кунад:

Наранҷид аз ӯ Ҳайдари номҷӯй,

Бигуфт, ар ту донӣ аз ин беҳ, бигӯй.

Ва он шахс посухеро, ки дуруст медонад, баён менамояд. Ҳазрат (а) бо ниҳояти инсоф ва ҷавонмардӣ бар хато ва иштибоҳи худ иқрор мекунад ва дониши ӯро волотарин дониш мешуморад:

Писандид аз ӯ шоҳи мардон ҷавоб,

Ки ман бар хато будам, ӯ бар савоб.

Беҳ аз ман сухан гуфту доно якест,

Ки болотар аз илми ӯ илм нест [173, 182-183].

Тарбияи ҳақро пазируфтан ва иштибоҳро қоим будан яке аз шартҳои таълиму тарбияи таҳаммулпазирӣ маҳсуб мешавад. Дар сурати ба инобат

нагирифтани ҳамин рукни рӯҳияи мадоро мукаммал ташаккул ва рушд намеёбад.

9. Оид ба фурӯ нишондани хашму ғазаб

Табиатан инсон дар ягон ҳолат ё вазъияте дучори рӯҳафтодагиву хашм мешавад. Инсони комил ва фарҳангӣ дар ҳамин фурсати ҳассос низ барои рафъи эҳсоси манфӣ кӯшиш мекунад. Фурӯ нишондани хашм аз сифоти беҳтарини шахси бомаърифат ва ботаҳаммул мебошад.

Тарбияи ҳамин хислат дар хонандагон ҳангоми омӯзиши ҳикояи Шайх Саъдӣ дар ташаккули рӯҳияи мадоро хеле нишонрас хоҳад буд.

Ҳикоят

Подшаҳ бояд, ки то ба ҳадде хашм бар душманон наронад, ки дӯстонро эътимод намонад. Оташи хашм аввал дар худованди хашм уфтад, пас он гаҳ забона ба хасм расад ё нарасад.

Нашояд Банӣ Одами хокзод,
Ки дар сар кунанд кибру тундию бод!
Туро бо чунин гармию саркашӣ,
Напиндорам аз хокӣ, аз оташӣ!
Дар хоки Байлақон бирасидам ба обиде,
Гуфтам: “Маро ба тарбият аз ҷаҳл пок кун!”
Гуфто: “Бирав, чу хок таҳаммул кун, ай фақеҳ,
Ё ҳар чӣ хондаӣ, ҳама дар зери хок кун!” [197, 515]

Шарҳи луғат:

Худованди хашм – соҳиби хашм; худованд дар ин ҷо ба маънои соҳиб, молик аст.

Байлақон – шаҳре аз вилояти Аррон, мобайни Шервону Озарбойҷон.

Фақеҳ – доно, донишманд, олими аҳкоми шариат.

Шарҳи ҳикоя: Мурод ин аст, ки хашми беҳадду бемавқеи одамӣ (аз ҷумла, подшоҳ) сабаби нафрати дигарон гашта, эътимодро аз байн мебарад.

Зеро ҳар каси дигар бим хоҳад кард, ки мабодо дучори чунин хашми тунд шавад ва аз подшоҳ ҳазар мекунанд.

Ҳикоят

Ҷолинус аблаҳеро дид, даст дар гиребони донишманде задаю беҳурматӣ ҳамекард.

Гуфт:

– Агар ин нодон набудӣ, кори вай бо нодонон бад-ин ҷо нарасидӣ.

Ду оқилро набошад кину пайкор,

На доное ситезад бо сабуксор.

Агар нодон ба ваҳшат сахт гӯяд,

Хирадмандаш ба нармӣ дил биҷӯяд.

Ду соҳибдил нигаҳ доранд мӯе,

Ҳамедун саркашӣ в-озармҷӯе.

В-агар дар ҳар ду ҷониб ҷоҳилонанд,

Агар занҷир бошад, бигсалонанд [65, 71].

Шарҳи луғат:

Ҷолинус – табиб ва файласуфи бузурги Юнони қадим.

2. Сабуксор – сабуксар, аблаҳ.

3. Ваҳшат – нафрат.

4. Озармҷӯ – шармгину нармхислат.

5. Бигсалондан – пора кардан.

Шарҳи ҳикоя:

Ҷолинуси ҳаким шахси аблаҳе дид, ки гиребони донишмандеро гирифтаю ба ӯ беҳурматӣ мекунад. Гуфт: – Агар ин шахс нодон набуд, кори вай бо аблаҳон ба ин дараҷа намерасид.

Шарҳи байт:

Ду одами доно ба ҳеч ваҷҳ бо якдигар душманию ситеза намекунанд. Агар шахси нодоне ба нафрату ғазаб сухан гӯяд, доно бояд бо вай мудоро кунаду дилашро ба даст орад. Ду одами дилогоҳ риштаи дӯстиро, агар ба

монанди сари мӯе монда бошад, нигоҳ медоранд, вале агар аз ҳар ду ҷониб шахсони аблаҳ бошанд, риштаи дӯстӣ чун занҷир сахт ҳам бошад, пора мекунанд.

Ҳамчунин дар боби ҳаштуми “Гулистон” қитъае аст, ки ба мавзуи мавриди назар далолат мекунад:

Қитъа:

Вақте ба лутф гӯйиву мудорову мардумӣ,

Бошад, ки дар каманди қабул оварӣ диле!

Вақте ба қаҳр гӯйӣ, ки сад кӯзаи набот

Гаҳ-гаҳ чунон ба кор наёяд, ки ҳанзале! [171, 538]

Ҷавҳари ин қитъа он аст, ки сиёсату тадбири иҷтимоӣ ҳукм мекунад, ки лутфу қаҳр бо ҳам омехта шавад ва ҳар кадом дар мавриди худ ба кор ояд.

Вақте сухан ба лутфу хушӣ гуфта мешавад, мақбулу писанд аст, аммо ба қаҳру ҷаҳл садо дод, умеди нек нашояду расвоӣ шавад.

Хулоса, доир ба масъалаи таҳаммулгароӣ суханварони форсу тоҷик аз диду назари хоси худ наздик шуда, панду андарзҳои ҳакимона баён кардаанд, ки шарҳу тафсири онҳо дар раванди тадрис аҳамияти хоса дорад. Аз гузоришоти дар боло омада метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1. Намунаҳо доир ба ҷанбаҳои маъмули таҳамулпазирӣ: накӯкорӣ, худшиносӣ, тавозуъ, башардӯстӣ, сабру шикебоӣ, қаноатпешагӣ, риояи одоби муоширати, интиқодпазирӣ, фурӯтаниву хоксорӣ, эҳтироми андешаву эътиқоди дигарон, ғайбат накардан ва фазилатҳои дигари инсонӣ аз китобҳои дарсии хонандагони синфҳои V-VII интихоб ва таҳлилу баррасӣ гаштаанд. Қисме аз порчаҳои осори адабӣ бо мақсади тақвияти фикр ва тавзеҳи ақоид оварда шудаанд.

2. Мувофиқи рукнҳои таҳлили осори манзуму мансур ба таври саҳеҳу дуруст ба роҳ мондани шарҳу тафсири як байт ва ё як ҳикояи кӯтоҳи пандомез метавонад чанд сифати марбут ба таҳаммулпазириро дар муҳассилин парвариш диҳад.

3. Дар осори адибони мавриди назар муҳимтарин масоили ахлоқи инсонӣ бо каломи бадеъ ва зебову муассир баён гаштааст, ки барои ҳар фарди ҷомеа, новобаста аз оину мазҳаб, қавму нажод, урфу одат арзиши баланд дорад.

4. Дар миёни андешамандону суханварони форсу тоҷик камтар касонеро метавон ёфт, ки ба андозаи Шайх Саъдӣ дар баёни масоили мадоро возеҳу равшан сухан гуфта бошад.

Ба ин тариқ, андешаҳои таҳаммулгароёнаи сухаварон воситаи муҳимми таҳкими ваҳдати миллӣ, инсондӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, меҳру муҳаббат ва ишқу садоқати байниҳамдигарии инсонҳо буда, дар шароити имрӯза низ қимати баланди тарбиявӣ ва ҳидояткунанда дорад.

## 2.2. Озмоиши муқарраркунӣ ҷиҳати муайян намудани сатҳи ташаккули таҳаммулпазирӣ (хонандагони синфҳои V-VII)

Бо мақсади тақвият бахшидан ба воқеияти тадқиқоти хеш дар бобати муайян намудан ва роҳҳои минбаъд ташаккул додани хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синфҳои V-VII бо фаро гирифтани 175 нафар тарбиягирандагони МТМУ №12-ум ба номи А.Бобоев, литсейи ДДҲБСТ-и шаҳри Хуҷанд, МТМУ № 12-ум ба номи М.Исмоилов, гимназияи №2-и н. Б.Ғафуров, МТМУ №11 ба номи Ғ.Абдувоҳидови н.Ҷ.Расулов ва гимназияи №1 н.Спитамени вилояти Суғд давраи аввали озмоиши педагогӣ – озмоиши муқарраркунӣ гузаронида шуд.

Дар ҷараёни озмоиши мазкур усулҳои гуногун – сӯҳбатҳои пешакӣ бо омӯзгорон, анкета-пурсиш (саволномаи хаттӣ), пурсиши тестӣ, саволу ҷавоби шифоҳӣ намудан бо хонандагон истифода гардид.

Арзёбии сатҳи дониш оид ба ташаккули мафҳумҳое, ки «таҳаммулпазирӣ»-ро муайян мекунанд, дар шакли пурсиши назоратӣ гузаронида шуд. Пурсишномаҳои гузаронидашуда имкон доданд, ки муносибати хонандагон бо ҳамсолон, самтияти фаъолияти онҳо, қобилияти

ба нуқтаи назари худ пофишорӣ кардан, ба ҳалли муаммоҳои пешомада ҳавасманд будан, бадқаҳрӣ, майл ба зудранҷӣ, пуриззтиробӣ, муносибат бо дигарон муайян карда шавад (Замимаи 2).

Баҳогузорӣ ба дониш аз рӯи параметрҳои зерин сурат гирифт:

1. Ҷавоби пурра ба саволҳои 1, 3, 6, 7, 8, 9, 10,11,12,15 – сатҳи баланд;

2. Ҷавоби нисбатан пурра ба саволҳои 1, 3, 6, 7, 8, 9, 10,11,12,15 – сатҳи миёна;

3. Ҷавоби нопурра ба саволҳои 1, 3, 6, 7, 8, 9, 10,11,12,15 – сатҳи паст;

4.Қобилияти хонанда ба саволҳои асосӣ ба таври кофӣ пурра ё нопурра ҷавоб доданро надорад – гурӯҳи хавфнок.

Натиҷаи пурсишҳо дар ҷадвали 1 инъикос ёфтааст:

**Ҷадвали 1. – Арзёбии сатҳи дониши хонандагон доир ба мафҳуми “таҳаммулпазирӣ”**

| № | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | %-и миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1-г. | 9 | 11 | 10 | 10 | 4 | 11 | 6 | 7 | 11 | 11 | 9 | 8 | 7 | 6 | 3 | |
| 2-г. | 4 | 5 | 6 | 5 | 7 | 4 | 7 | 3 | 7 | 5 | 8 | 4 | 9 | 5 | 12 | |
| 3-г. | 7 | 4 | 4 | 5 | 9 | 5 | 7 | 10 | 2 | 4 | 3 | 8 | 4 | 9 | 5 | |
| 1-г.% | 45 | 55 | 50 | 50 | 20 | 55 | 30 | 35 | 55 | 55 | 45 | 40 | 35 | 30 | 15 | 41 |
| 2-г.% | 20 | 25 | 30 | 25 | 35 | 20 | 35 | 15 | 35 | 25 | 40 | 20 | 45 | 25 | 60 | 24 |
| 3-г.% | 35 | 20 | 20 | 25 | 45 | 25 | 35 | 50 | 10 | 20 | 15 | 40 | 20 | 45 | 25 | 29 |

Аз ҷумла, пурсишнома муайян сохт, ки:

а) 41 % хонандагон ҳангоми иҷрои ягон амал ҳавасмандкунии бевоситаро ба назар мегиранд, ба онҳо майли рақобат хос аст, дар ҳолатҳои муайян зудранҷӣ зоҳир мекунанд;

б) 24 % хонандагон барои иҷрои босифати кор ҳавасмандӣ зоҳир мекунанд, шавқу завқ ба раванди иҷрои кор ворид мешаванд, дар ҳалли муаммо (мушкилот) фаъол буда, ба ҳамкорӣ майл зоҳир мекунанд;

в) 29 % пурсидашудагон кӯшиши дар ҳама ҳолат дар худ нигоҳ доштани муносибати дӯстонаро зоҳир намуда, тарафдори фаъолияти якҷоя мебошанду дар лаҳзаҳои душвор мекӯшанд, то ба ҳамдигар дасти ёрӣ дароз кунанд, аммо дар як вақт бар ивази фаъолияти хубашон умедвори таҳсин ҳастанд, яъне дар доираи муносибати хуб ба амали иҷронамудаашон дилбастагӣ пайдо мекунанд.

г) 6% хонандагон эҳсоси нафрату хусумат ба ҳамсолон доранд, ки сабабҳои худро дошт (осебдида, вазъи номусоиди оилавӣ ва мавқеъ наёфтан дар байни ҳамсолон).

Аз натиҷаи тадқиқоти озмоиши гузаронидашуда, мо ба чунин хулоса омадем, ки дар ташаккули таҳаммулпазирии хонандагон сатҳи дониши онҳо низ мавқеи асосиро мебозад.

Вобаста ба ин, тадқиқоти гузаронидаи олимон собит намудааст, ки зиёда аз 58% хонандагони синфҳои поён дорои дараҷаи пасти таҳаммулпазирӣ мебошанд, дараҷаи баланд 20 % ва дараҷаи миёна 14 %,

аммо доранд. [120; 69]. Ҳашт фоизи хонандагон таҳаммулнопазир мебошанд. Таносуби хонандагони дорои дараҷаи баланд, миёна, пасти таҳаммулпазирӣ ва хонандагони таҳаммулнопазирро дар намуди диаграмма пешниҳод кардан мумкин аст:




**Расми 3. – Динамикаи дараҷаи сатҳи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ**

Вазъияти мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки байни хонандагон хислатҳои таҳаммулпазирӣ ба таври кофӣ шакл нагирифтааст. Ҳолати мазкур нишон медиҳад, ки корҳои таълимӣ-тарбиявӣ дар ин самт нигаронкунанда аст, зеро дар шароити имрӯза тарбияи таҳаммулпазирӣ на танҳо дар хонандагон, балки дар вуҷуди ашхоси калонсол низ мубрамияти махсус касб кардааст. Аз ин хотир, бидуни таҳлили сабабҳои номувофиқатии фикрии муносибати инсонӣ (ҳадафи мо ин ҷо, асосан, баррасии муносибатҳои хонандагон аст) наметавон масъаларо пурра ҳаллу фасл намуд.

Лозим ба таъкид аст, ки ҳадафи ин тадқиқот тасдиқи фарзияи ташаккули таҳаммулпазирӣ ҳамчун яке аз хислатҳои шахсият тавассути ташкили дурусти фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфии хонандагон маҳсуб меёбад. Вазифаҳои зерин ба миён гузошта шуданд:

- муайян намудани дараҷаи ташаккули таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII дар оғози таҷриба;

- тахия ва омодасозии маводҳои адабӣ барои дарси адабиёт ва маҳфилҳои адабӣ;

- муайян намудани сатҳи ташаккули таҳаммулпазирии хонандагон дар охири таҷриба.

Бояд ба назар гирифт, ки таҳаммулпазирӣ дар инсон вобаста ба ташаккули меъёрҳои иҷтимоӣ ва қоидаҳои рафтор зуҳур мекунад. Аз ин рӯ, метавон аз имкониятҳои нисбатан барвақти ташаккули таҳаммулпазирӣ дар шахсияти одамон хулоса баровард. Арзишҳои ахлоқӣ дар инсон ҳанӯз дар давраи пешазмактабӣ дар раванди иҷтимоишавӣ ва мутобиқшавӣ ба ҷамъияти муосир ҳосил мешаванд. Аммо тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, на ҳамаи наврасон ин меъёри рафторро то давраи ба таҳсил фаро гирифтанашон дуруст ва ба таври кофӣ қабул мекунанд. Ин ҳолат, аз сабаби муносибати нодуруст доштан ба тарбия, таъсири нодурусти ҷамъият, хашмгинӣ ва мубориза бар зидди ҳаёти душвор дар шароити ҷаҳонишавӣ сар задааст.

Ҳамин тариқ, ҳама хусусиятҳои манфии дар боло таъкидшуда боиси он мешаванд, ки дар кӯдакон рафторҳои нодуруст ташаккул ёбанд. Одатан, чунин ҳолат дар онҳо ҳангоми давраи гузариш (дар синфҳои V-VII) ҳамаҷониба ошкор мешавад. Дар давраи мазкур, дар хонандагони чунин синну сол фаъолияти баланди гармонҳо рух дода, сифатҳои ҷисмонӣ ва равониашон тағйир меёбад. Дар ин марҳила давраи кӯдакӣ ба итмом мерасад, фард ба давраи наврасӣ ворид шуда, роҳҳо ва воситаҳои нави муносибат бо оламу одам ба миён меояд. Ҳар як кӯдак худро аз диди нав шинохта, кӯшиш мекунад мавқеи хешро дар ҷомеа муайян намояд. Маҳз дар ҳамин давра, ки онро давраи наврасӣ меноманд, хонандагон ба қабули иттилооти арзишманд, ки барои рӯшанӣ андохтан ба ҳалли масъалаҳои муҳимми рӯзгори онҳо кӯмак мерасонанд, нисбатан омода мешаванд.

Дар ҷадвали 2 сатҳи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII дар асоси додаҳои озмоиши муқарракунӣ бо сатҳи дахлдори хонандагони

синфҳои ибтидоӣ, ки дар тадқиқоти олимон муайян карда шудаанд, мавриди муқоиса қарор гирифтааст.

Ҷадвали 2. – Дараҷаи **сатҳи таҳаммулпазирии хонандагон**

| **Дараҷаи сатҳи таҳаммулпазирии хонандагон** | **Синфҳо** | |
|---|---|---|
| | **1-4** | **5-7** |
| **Баланд** | **20%** | **24%** |
| Миёна | 14% | 29% |
| Паст | 58% | 41% |
| Хавфнок | 8% | 6% |

Маълум мегардад, ки вазъи таҳаммулпазирии синфҳои V-VII ҳарчанд нисбат ба синфҳои поён афзалият (4%) дорад, аммо ҳанӯз ҳам ҳолати ташаккули тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон нигаронкунанда мебошад.




**Расми 4. – Динамикаи сатҳи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва V-VII**

Ин вазъият ба якчанд омилу сабабҳо алоқамандии устувор дорад:

1. Ба муҳити хонанда (**оила, мактаб, ҷойи зист, ҷамъият**);

2. Ба сатҳи таҳаммулпазирии педагогӣ.

Вобаста ба банди якуми таснифот як зумра олимон дар тадқиқоти хеш мулоҳизаронӣ намуда (Бобоева С., Раҷабова С., Эгамбердиева М.), саҳми волидонро дар рушди хислатҳои тоқатпазирӣ муайян намудаанд. Таъсиргузории рафтору муносибати аъзои оила ба кӯдакону наврасон; тарзи

муоширати эшон, имкониятҳои оилавӣ, шароитҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва риояи меъёру арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ сарчашма ва заминаҳои устувори тарбиявӣ доранд.

Ба фикри мо, таҳаммулпазирии педагогӣ самтҳои зеринро фаро мегирад:

- таҷрибаи таҳаммулпазирӣ ва ташаккули он дар таълим;
- иқтидори навгониву эҷодии фаъолияти муаллим;
- таҷрибаи касбӣ;
- фарқи раванди таҳсилот;
- ҳамкории муаллим ва хонанда.

Аз ин рӯ, озмоиши мазкур ҳалли вазифаҳои зеринро дар мадди назар дорад:

– шинос намудани наврасон бо мафҳуми таҳаммулпазирӣ, шахсияти таҳаммулпазир, сарҳади таҳаммулпазирӣ;

– муҳокимаи омилҳои зуҳур ёфтани таҳаммулпазирӣ ва таҳаммулнопазирӣ дар ҷамъият;

– ташаккул додани ҳисси манзалати шахсӣ (иззати нафс) ва малакаи эҳтироми манзалати дигарон;

– инкишофи малакаи гӯш карда тавонистани шахси дигар, изҳори дилсӯзӣ ва ҳамдардӣ;

– омӯзиш ва дарки фарҳанги дигар ва эътироф кардани он; рафтори таҳаммулпазир дар муносибат.

Ҳамчунин дар раванди таълиму тарбия, дар баробари вазифаҳои таҷриба, ба ҷо овардани талаботи он аз рӯи нишондодҳои зерин низ бояд дар мадди назар бошанд:

– баробарҳуқуқӣ (дастрасии якхелаи тамоми категорияҳои хонандагон, новобаста аз ҷинс, миллат, мансубияти динӣ ба неъматҳои мактаб, имкониятҳои таълимӣ, маишӣ);

– имкони ба анъанаҳои худ пайравӣ карда тавонистани ҳамаи намояндагони ҳамаи халқиятҳо, ки дар як синф қарор доранд;

– эҳтироми дуҷонибаи ҳамсинфон (хайрхоҳӣ ва муносибати таҳаммулпазир ба ҳамдигар);

– имконияти иштироки баробар дар чорабиниҳои мактабӣ;

– нигоҳ доштан ва инкишофи махсусияти фарҳангӣ ва забони ақаллиятҳои миллӣ;

– озодии хонандагон дар истифодаи забони модарӣ дар муошироти беруназсинфӣ, ба шарте ки он ҳуқуқ ва имкониятҳои ҳомилони забони дигарро дар фазои забонӣ маҳдуд накунад;

– ҳамкорӣ ва ҳамрайъӣ дар ҳалли масъалаҳои фарҳангӣ ва маишӣ;

– муомилаи хуш дар соҳаи муносибатҳои байнинажодӣ ва ҳуқуқӣ, байни хонандагон ва омӯзгорон.

Вобаста ба вазифа ва талаботи дар таҷрибаи ҷомеаи педагогӣ бадастомада, ки зикраш дар боло рафт, моро зарурате пеш омад, ки дар ҳамбастагӣ ба онҳо омилҳои зеринро баҳри ташаккулёбии хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар хонандагон пешниҳод намоем:

1. Шиносоии хонандагон бо принсипҳои эҳтироми манзалати инсонии ҳамаи одамон (бе истисно).

2. Фаҳмиши он нукта, ки ҳар як инсон шахсияти нотакрор аст ва муҳим будани эҳтироми тафовути забониву нажодии одамон.

3. Ба хонандагон фаҳмонидани принсипи мукаммал намудани ҳамдигар чун хусусияти асосии тафовут. Дар ин бобат хонандагон бояд фаҳманд, ки тафовути онҳо ҳамчун ҷузъҳои ҳамдигарро такмилдиҳанда, ҳамчун тӯҳфаи ҳар яки онҳо ба ҳамдигар хоҳад буд.

4. Идроки принсипи вобастагии мутақобила чун асоси амалҳои муштарак. Ҳамзамон, дар ин раванд наврасонро ҳангоми иҷрои вазифа ба ҳалли якҷояи муаммо ва тақсимоти меҳнат одат кунонида, таври аёнӣ лозим аст, ки дар ҳалли якҷояи масъала ҳамаи тарафҳо бурд мекунанд.

5. Маънус сохтани хонандагон ба фарҳанги сулҳ. Дар иртибот ба ин нукта бояд донист: хонандагоне, ки дар таҷриба чӣ будани эҳтиром ва таҳаммулро нисбат ба дигарон дарк мекунанд, заминаи заруриро барои бунёди сулҳ ва рушди ҷомеа ба даст меоранд. Амалҳои барои хизматрасонӣ ба ҷомеа, оила, синф ва мактаб ба субут расонидани онҳо донишашонро тақвият дода, имкон медиҳанд, ки минбаъд ҷамъияти дорои ризоияти дуҷониба, ки дар он шодию хурсандӣ зиндагӣ мекунанд, бунёд гардад.

Бояд таъкид сохт, ки ҳадафи омилҳои дар боло баррасишуда дар шогирдон ташаккул додани малакаи муносибати таҳаммулазир маҳсуб меёбад. Баҳри ба даст овардани натиҷаҳои матлуб дар тӯли се сол дар ҳар синф низоми корҳоро бо ташкили озмоишҳои гуногун (сотсиометрия, пурсиш, мусоҳиба, тестҳои равоншиносӣ) ва ҷалби хонандагон ба корҳои эҷодии коллективона ба роҳ мондем.

Бояд қайд кард, ки проблемаи таълими таҳаммулпазирӣ дар мактабҳои миёна, парвариши муносибати таҳаммулпазирона дар ниҳоди мактаббачаҳо хусусиятҳои ба худ хос дорад:

а) Таҳаммулпазириро дар хонандагон танҳо омӯзгори таҳаммулпазир ташаккул дода метавонад. Бино бар ин, дар мадди аввал сатҳи таҳаммулпазирии омӯзгорро тавассути ташкили курсҳои такмили ихтисос баланд бардоштан зарур аст.

2. Масъалаи дигар донистани меъёр ё ҳудуду марзи таҳаммулпазирӣ маҳсуб меёбад. Суоле ба миён меояд, ки инсон ба падидаҳои чунин таҳаммулпазирӣ, ба монанди ғояҳои нажодпарастӣ, одамбадбинӣ ва ғайра чӣ тавр бояд муносибат кунад. Кай ва дар куҷо ҳудуди таҳаммулпазирӣ ба охир мерасаду онро бетафовутию бефарқӣ ва мусолиҳакорӣ, ки оқибати даҳшатнок доранд, иваз менамояд. Аз ҷумла, оид ба нуктаи охир нависандаи маъруф гуфта буд: “Аз  бефарқон битарсед: онҳо намекушанд ва хиёнат намекунанд, вале дар замин хиёнату куштор бо ризоияти хомӯшонаи онҳо вуҷуд дорад” (Бруно Ясенский).

Таҳаммулпазирӣ метавонад дар ду шакл: фаъол ва ғайрифаъол зуҳур намояд. Таҳаммулпазирии фаъол маҳорату қобилияти ҳамкории кӯшоро бо “дигарон” пешбинӣ мекунад. Ба таҳаммулпазирии фаъол бо тарафи дигар забон ёфтан, ҳатто дар вазъиятҳои ба назари аввал ноилоҷ омодаи нуқтаҳои тамосро пайдо кардан хос аст. Ба ифодаи дигар, таҳаммулпазирии фаъол маҳорати оромона, бе ҷангу ҷидол, бе низою ситеза ба ҳаққонияти худ бовар кунонида тавонистани “дигарон” мебошад. Ба ҷуз ин ҳама, бояд дар назар дошт, ки таҳаммулпазирии фаъол дар аксар мавридҳо ҷонибдорӣ ва дастгирии таҳқиршудагон, муҳофизати ҳуқуқи дигарон ва ғайраро пешбинӣ мекунад.

Фаъолият варзидан бахри ташаккули шуури таҳаммулпазир хеле серҷабҳа ва гуногунпаҳлӯ аст:

1. Аз ҷумла, яке аз усулҳои педагогии наздик шудан ба “олами бегонаи дигарон” шиносоиву омӯзиши ҳатмии динҳои мухталифи дар ҷаҳон амалкунанда мебошад. Дар ин бобат ба хонандагон фаҳмонидани манбаю самтҳои ягонаи ақоиду ғояҳои адёни мухталиф аҳамияти аввалиндараҷаро доро хоҳад буд.

2. Айни замон дар ташаккули таҳаммулпазирӣ муроҷиат ба таърих, махсусан, таърихи умумиҷаҳонӣ, аз ҷумла, ба он лаҳзаю ҳодисаҳо, ки аз оқибатҳои даҳшатноки таҳаммулнопазирӣ, одамбадбинӣ, ҷангҳои мазҳабии асрҳои миёна, фашизм ва ғайра шаҳодат медиҳанд, ба манфиати кор хоҳад буд. Ҳар як инсони бофарҳангро лозим аст, ки аз саҳифаҳои нанговари таърих огоҳ бошад, донад, ки дар сурати адами таҳаммулпазирӣ инсон то ба кадом дараҷаи ваҳшоният мерасад.

3. Дар ташаккулу тарбияи таҳаммулпазирии тарбиягирандагон шинос намудани онҳо бо фарҳанги ғании халқҳои дигар низ нақши муҳим мебозад. Дар ин самт омӯзиши забонҳои хориҷӣ, кишваршиносии хориҷӣ аҳамияти хосаро соҳиб гардида, шуури таҳаммулпазири хонандагон нисбат ба олами халқу миллатҳои дигар бо диди нав ташаккул меёбад.

4. Омӯзиши фарҳанги бадеии халқҳои дигар, дар навбати аввал, адабиёти бадеӣ низ дар ташаккули таҳаммулпазирии тарбиягирандагон нақши басо муҳим дорад. Толибилмон на танҳо бо адабиёти “ғайр” ё “дигар” шинос мешаванд, балки байни адабиёти худ ва ғайр умумиятҳоро ошкор месозанд, ин раванд дар тарбияи таҳаммулпазирии онҳо муассир хоҳад буд. Дар хотир доштан лозим аст, ки сарватҳои умумиҷаҳонӣ барои ҳамаи халқҳо арзиши якхела доранд. Аз ин рӯ, дар раванди таълими адабиёти тоҷик, хоса, осори адибони мутасаввиф бояд ба масъалаи мубрами муосир – шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро эътибори махсус додан зарур аст. Дар ин ҷода, баҳри пешгирии амалҳои ношоями зикршуда ва ҳалли дигар муаммоҳои мавҷуда, бо мақсади ташаккул додани хислатҳои пойдору мондагор дар ниҳоди шогирдон, пеш аз ҳама, истифода намудан аз эҷодиёти ғании адибони тоҷику форс басо манфиатовар мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло таъкид кардан лозим аст, ки дар ташаккул додани хислатҳои таҳаммулпазирӣ фанни таълими адабиёт ва таҳлили асарҳои адабӣ, ҳамчунин корҳои беруназсинфӣ нисбат ба фанҳои дигар аз имкониятҳои бештар бархурдор аст.

Мақсади асосии озмоиши мо – мусоидат кардан бобати ҳар чӣ бештар паҳн шудани худ ғояҳои таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синфҳои V-VII, ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи таҳаммулпазирии омӯзгорони синфҳои мазкур мебошад.

Мебояд афзуд, ки дар пайвастагӣ ба инкишофу дигаргуниҳои зиндагӣ мактабҳои кунунӣ низ ҳамеша дар доираи такмилёбиву табаддулот қарор доранд ва давра ба давра дар радифи зиндагии ҳамарӯза рӯ ба ислоҳот меоранд, ки дар чунин маҷро таҷдиди пайвастаи методу усулҳо ва воситаҳои таълим (маводи дидактикиву техникӣ) карда мешавад. Аз ҷумла, омӯхтани таҷрибаҳои беҳтарини омӯзгорони алоҳида ва таҷрибаи мактабҳои махсус зарурат пайдо мекунанд, зеро ба қавле “таҷриба бузургтарин устод аст”. Яъне, масоили назарии таълими адабиёт низ маҳз дар таҷриба санҷида

мешавад ва он боиси такмилу таҳкими асосҳои ин фан мегардад. Чунон ки дар боло таъкид намуда будем, дар бархе аз мактабҳо омӯзгороне фаъолият доранд, ки, асосан, ба таври қолабӣ кор мебаранду ба истифодаи васоити техникӣ таваҷҷуҳ надоранд. Аз ин рӯ, машғулиятҳояшон якрангу дилбазан сурат гирифта, ба мақсад норасида мемонад. Дар ин бобат роҳи ҳалли масъала ин аст, ки онҳо бояд дар баробари дониш, маҳорат ва малакаҳои касбӣ, ба омӯзиши ҷиддии методу усулҳои соҳаи таълими адабиёт рӯ оварда, ҳар чӣ бештар дарсҳои ҳамкасбони ботаҷрибаро дар мактаби худ ва дар мактабҳои дигар мушоҳида ва хулосабарорӣ намоянду мунтазам аз маслиҳатҳои методистон бархурдор шуда истанд.

Хеле муҳим аст, ки муаллими фанни адабиёт, дар баробари дониши касбии мукаммал аз тозатарин бозёфтҳои педагогӣ низ ҳамеша огоҳ бошад. Чунки, тибқи талаби замон, мактаб имрӯз бояд шогирдонеро тарбия намояд, ки ҳар кадом дорои маданияти олӣ, нутқи саҳеҳи шифоҳӣ ва хаттӣ бошанд. Аз ин рӯ, дар мактаб адабиёт фаннест, ки нисбат ба ҳамаи дигар фанҳо шогирдонро бештар дар рӯҳияи ҳақиқатшиносӣ, инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, хислатҳои ҳамида ва зебоидарккунӣ парварида метавонад, зеро адабиёти бадеӣ беҳтарин ва муҳимтарин сарчашмаи парвариши афроди ҷомеа, бахусус, насли наврас ва ҷавонон ба шумор меравад. Дар иртибот бо гуфтаҳои боло метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1. Масъалаи таълими таҳаммулпазирӣ ва ташаккул додани он дар шуури наврасону ҷавонон дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо тақозои замон аст.

2. Таҳаммулпазирӣ имкон медиҳад, ки намояндагони дину мазҳабҳои мухталиф ва фарҳангу анъанаҳои гуногун дар як шаҳр ё дар як мамлакат ҳамзистии осоишта дошта бошанд.

3. Ташаккули шуури таҳаммулпазир бояд аз оила ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ шуруъ шуда, баъдан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сурат гирад. Дар ин амр, пеш аз ҳама эҷодиёти бузургони фарҳангу

адаби форсу тоҷик нақши муҳим дорад. Дар ниҳоди хонандагон барои боз ҳам бештар ташаккул додани ҳисси таҳаммулпазирӣ ҳини таълими адабиёт берун аз талаби барнома ба сифати маводи иловагӣ истифода бурдани порчаҳои ба идроки талабагони синфҳои V-VII мувофиқ аз осори классикон ба ин кор мусоидат хоҳад кард.

## 2.3. Озмоиши таълимӣ-методӣ ҷиҳати таъмини роҳу усулҳои самарабахши рушди таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII

Адабиёти бадеӣ навъи санъате аст, ки он арзишҳои муносибати инсонӣ, аз қабили некӣ ё бадӣ, муҳаббат ё нафрат, бепарвоӣ ё дилсӯзӣ, қабул ё рад намуданро дар бар гирифта, ҳамзамон, нишонаҳои арзишии тамаддун ва халқҳоро дар худ инъикос менамояд. Дар адабиёти бадеӣ, таърихи тамоми халқ, мубориза ӯ барои озодӣ, ҳаёти неку хушбахтона, зидди зулму ситам ва нобаробарии иҷтимоӣ таҷассум мегарданд. Дар адабиёт ҳақиқати ҷамъиятӣ, ба монанди давраҳои мухталифи ҳаёти халқҳо, орзую ормони одамон инъикос меёбад. Он воситаи аз ҳама пуриқудрати маърифати инсон буда, ҳамзамон, олотест, ки ба ҳақиқати ҳол таъсир мерасонад. Адабиёт дар инсон тафаккур, иродаву рӯҳия, эҳсос ва қавииродагиро тарбия мекунад, ба ибораи дигар, шахсияти инсони таҳаммулпазирро ташаккул медиҳад.

Адиб воқеаҳои гуногуни ҳаёт ва зуҳуротро омӯхта ва хулоса намуда, сипас, образҳои намунавӣ офарида, ҳамзамон, муносибати шахсии худро нисбат ба образҳои офаридааш баён мекунад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки асарҳои бадеӣ барои хизмат кардан ба халқ офарида мешаванд. Кас бо осори адабӣ шинос шуда, ормонҳои гузашта, имрӯза ва, албатта,ояндаи одамонро дарк мекунад. Зимни чунин омӯзиш дар тафаккури шахс ташаккули мафҳумҳои нав оғоз гардида, дар қаъри қалби ӯ эҳсоси то ин дам ношинос тавлид мешаванд. Бахусус, дар ин ҷода асарҳои саршор аз ҳикмати классикон нақши бориз мебозанд, зеро онҳо ба ақидаҳои инсондӯстона асос ёфтаанду арзишҳои безаволи ҷамъиятӣ ва абадиро ифода менамоянд.

Аз ин лиҳоз, фанни адабиёт дар мактаб, ҳамчун яке аз фанҳои гуманитарӣ ва ё инсонгароӣ, бо фаро гирифтани дурдонаҳои адабиёти бадеӣ, пеш аз ҳама, дар синфҳои V ва VII воситае дар бобати тарбияи ахлоқи ҳамида, хоса, ташаккул додани рукнҳои гуногунҷабҳаи таҳаммулпазирӣ дар шуур ва вуҷуди хонандагон маҳсуб меёбад.

Умуман, китоб, махсусан, намунаҳои адабиёти бадеӣ, ки тавассути таълими фанни адабиёт дастраси хонандагон гардонида мешаванд, ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки дар шогирдонашон хислатҳои волои такомулдиҳандаи шахсият, ки аксари онро, дар маҷмуъ, метавон рукнҳои таҳаммулпазирӣ номид, парваранд. Вале, ба ин ҳама нигоҳ накарда, тавре дар боло иброз дошта будем, дар асарҳои педагогиву тадқиқотӣ нақши адабиёти бадеӣ бобати ташаккул ва инкишофи хислатҳои таҳаммулпазирона дар хонандагони мактабҳои муосири тоҷик дар доираи фанҳои гуманитарӣ дуруст арзёбӣ нашудааст. Илова бар ин, ҳалли муаммои тарбияи таҳаммулпазирӣ, бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки сӯитафоҳуму ҷаҳолат байни муносибати одамон ва ҳатто давлатҳо якбора авҷ гирифта истодааст, ҳоло аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам дониста мешавад. Аз ин лиҳоз, бидуни ташаккули асосҳои таҳаммулпазиронаи рафтор дар ҷамъият тамаддунҳо, фарҳангҳо, динҳо, миллатҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва одамони алоҳида метавонанд, ҳамдигарро маҳв кунанд. Аз ин ваҷҳ, метавон бо боварӣ гуфт, ки ҳоло дар миқёси ҷаҳон таҳаммулпазирӣ на танҳо мафҳуми машҳур, идеали фалсафӣ, балки эҳё ва рушди он ҳамчун шарти мусолиҳакорӣ тавсиф мешавад.

Боиси таъкид аст, ки дар тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон якчанд муҳити таъсиррасон мавқеи устувор дорад: муҳити оила, муҳити мактаб ва муҳити зист. Дар тарбияи таҳаммулпазирӣ ҳанӯз аз овони кӯдакӣ – то давраи ба таълиму тарбияи томактабӣ ва мактабӣ фаро гирифта шуданашон – волидайн ва, баъдан, дар тӯли солҳои таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ҳам омӯзгор ва ҳам волидайн нақши муҳим мебозанд. Дар доираи хонандагони синфҳои V-VII, ки дар овони наврасӣ қарор доранд, ҳамин нукта мубрамияти махсусро доро хоҳад буд. Чунки дар ин синну сол, яъне дар наврасон, аниқаш, дар олами ботинии онҳо шавқу рағбате пайдо мешаванд, ки метавон онҳоро ба ду гурӯҳ – мусбат ва манфӣ ҷудо намуд. Хусусан, барои онҳо шомил будан ба ин ё он гурӯҳи ҳамсолон ва ё аз он берун намондан

муҳиммият пайдо мекунад. Бинобар ин, дар чунин вазъият ва дар доираи чунин синну соли хонандагон корҳои тарбиявии ба рушди таҳаммулпазирӣ ҳидояткунандаро мебояд пурзӯр намуд. Махсусан, дар ин раванд таълими ҳадафманди фанни адабиёт ва, албатта, донишу маҳорат ва ё фарҳанги волои омӯзгорони ҳамин фан нақши боризро хоҳад бозид. Зеро, маҳз, дар ҳамин синфҳо матнҳои баргузида аз осори классикон мавриди таҳлилу тафсир қарор дода мешаванд, ки дарки мазмуни ҳар яке аз онҳо дар қалби шогирдон бобати ташаккули яке аз рукнҳои таҳаммулпазирӣ нақши худро нагузошта нахоҳад монд. Яъне, дар самти тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони ин синну соли мактабӣ нақши асарҳо (матнҳо)-и баргузида аз осори классикон ҳамто надорад. Аз ин рӯ, бояд кӯшиш ба харҷ дод, то хонандагон, ба ҷуз аз матнҳои дар китоби дарсӣ интихобшуда, мустақилона ба қироати асли осори классикон, ақаллан, ба ҳамонҳое, ки дар китобхонаи мактаб мавҷуданд, рӯ оваранд.

Ҳамзамон, тамоми асарҳои бадеие, ба мутолиаи хонандагон пешниҳод мешаванд, бояд то андозае ба ташаккули таҳаммулпазирии онҳо мусоидат кунанд. Хушбахтона, дар аксари асарҳои бадеии ба барномаи таълими фанни адабиёти синфҳои V-VII воридшуда ин нукта равшан эҳсос карда мешавад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми раванди таълиму таҳлили бештари осори бадеӣ мо ба чунин хулоса омадем, ки нисбат ба фанҳои дигар дарси адабиёт имконоти васеъро дар бобати таълиму тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон доро мебошад. Дарвоқеъ, дарси адабиёт– ҳам дарси ҳаёт ва ҳам дарси адаб аст ва бояд омӯзгори ин фан дар раванди таълим ба ҳамин нукта эътибори ҷиддӣ диҳад. Яке аз махсусиятҳои вежаи таълими адабиёт дар он зуҳур меёбад, ки дар раванди он дар баробари таълим, ба тарғиби ин ё он хислатҳои таҳаммулпазирӣ, ки аз мазмуну ғояи осори адибон бармеоянд, диққати махсус додан мумкин аст. Албатта, дар ин ҷода тарбия кардани шогирдон ба мавзуъ ва мундариҷаи дарс вобастагии қавӣ дорад, зеро муаллим дар дарс

ихтиёри ҳар чӣ гуфтану шарҳ доданро берун аз нақшаи таълим надорад, яъне бо чаҳорчӯбаи талаботи беруна маҳдуд мебошад.

Мутаассифона, озмоиши гузаронидашуда (ниг. ба қисмати базаи тадқиқот), ки дар он 175 нафар хонандагони синфҳои V-VII иштирок доштанд, маълум намуд, ки шавқу рағбати хонандагон нисбат ба хониши осори адабӣ он қадар ҳам назаррас нест. Аз 175 нафари пурсидашудагон ҳамагӣ 18% ба адабиёти шифоҳӣ, 13% ба мутолиаи адабиёти муосир, 6% ба мутолиаи осори классикон шавқ доштаанд. Боқимондагон, яъне 63%-и хонандагон танҳо бо мутолиаи китоби дарсӣ маҳдуд мондаанд.




**Расми 5. – Динамикаи вазъи қиёсии хониши асари бадеӣ (хонандагони синфи V - VII)**

Пурсишномаи дар байни хонандагон гузаронидашуда, пеш аз ҳама маълум намуд, ки ҳарчанд хонандагон, ба ҷуз аз китоби дарсӣ, ба қироати осори шифоҳӣ ва адибони муосир таваҷҷуҳ кунанд ҳам, вале фоизи он назаррас нест. Аз ин рӯ, дар иртибот ба ҳамин нуктаи охир омӯзгоронро лозим меояд, ки майлу рағбати хонандагонро ба хониши беруназсинфӣ, бахусус, ба қироати осори ниёгон ҳам ҷалб намоянд. Чи хеле ки маълум аст, маводи барномавии таълими хониши адабиро дар синфҳои V-VII асосан матнҳои баргузида аз эҷодиёти шифоҳии халқ ва аз осори гузаштагон – классикони барҷастаи адабиётамон ташкил медиҳанд. Бо назардошти ҳамин

ҷиҳат Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайи 10-15 соли охир таҳти рубрикаи “Китобхонаи мактаб” аз осори классикон намунаҳои беҳтаринро интихоб намуда, рӯйи чоп овардааст, ки аксари онҳо дар китобхонаҳои тамоми мактабҳо тавассути шуъбаҳои маорифи вилояту шаҳру ноҳияҳо интиқол дода шудаанд. Яъне, имконияти мусоид мавҷуд аст, ки бо ташаббуси муаллимон хонандагон тавассути хониши беруназмактабӣ ҳар чӣ бештар рӯ ба мутолиаи осори классикон оваранд.

Ҳамчунин барои муайян кардани сатҳи таҳаммулпазирии хонандагон ва роҳҳои ташаккули он дар рафти озмоиши муқарраркунӣ дар байни 24 нафар омӯзгорони мактабу гимназияҳои номбаршуда пурсишномаи хаттӣ гузаронидашуда шуд, ки саволҳои зеринро дар бар мегирифт.

1. Вожаи “таҳаммулпазирӣ”-ро чӣ хел мефаҳмед.

2. Маводи китобҳои дарсӣ бештар барои тарбия кардани кадом хислатҳои ҳамидаи инсонӣ мусоидат мекунанд?

3. Ба фикри Шумо хонандагони таҳаммулпазир зиёданд ё таҳаммулнопазир. Сабаб чист?

4. Барои тарбия намудани хонандагони босабру таҳаммул чӣ бояд кард?

5. Шумо дар раванди дарсҳоятон аз кадом методу усулҳои таълим истифода мебаред?

6. Дар раванди таълими мавзуъҳои ба осори ниёгон бахшидашуда аз кадом маводҳо истифода мебаред? (Замимаи 3)

Мақсади мо аз пешниҳоди саволҳои хаттӣ фаҳмидани на танҳо нуқтаи назари омӯзгорони фанни забон ва адабиёт, балки муайян намудани фикру андешаи аксари омӯзгорон буд.

Хулоса, баъди ҷамъбасти пурсишнома мо таклифи пешниҳодҳои зерини ҷолиби диққати омӯзгоронро оид ба ташаккули сатҳи таҳаммулпазирии хонандагон ҷудо кардем (ниг. ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. – Таклифу пешниҳоди омӯзгорон доир ба роҳҳои ташаккул додани таҳаммулпазирии хонандагон**

| т/р | Ному насаби омӯзгор | Ихтисос | Таклиф, пешниҳод |
|---|---|---|---|
| 1. | Почоева Ҳ. | Забони англисӣ | Худи омӯзгор бояд таҳаммулпазир бошад. Нисбат ба шогирдон хушмуомила ва худ намунаи ибрат бошад.<br>Барои тарбия намудани хонандагони таҳаммулпазир омӯзгор бояд баъди мушоҳидаи ҳолатҳои муаммовӣ камбудиҳои хонандагонро ба худи онҳо фаҳмонад. |
| 2. | Раҳматова З.А. | Омӯзгори синфи ибтидоӣ | Бештар дар соатҳои тарбиявӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷоннок карда шавад, мисолҳои ҳаётӣ оварда шавад. Волидон низ вобаста ба мавзуи таҳаммулпазирӣ бо фарзандон суҳбат кунанд. |
| 3. | Холиқова Ф.М. | Забон ва адабиёти тоҷик | Дуруст ба роҳ мондани хониши асарҳои бадеӣ; робитаи мустаҳкам бо волибон барои тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон нақши муҳим доранд. |
| 4. | Дадобоева М. | Математика (таҷрибаи корӣ - 43 сол) | Ман чунин мешуморам, ки аввал бояд худам таҳаммулпазир бошам, бачаҳоро дӯст дорам, нози онҳоро бардошта тавонам ва танҳо бо суханони ҳалим бо хонандагон муоширaт кунам. Дар ин сурат, хонандагони таҳаммулпазирро тарбия карда метавонам. |
| 5. | Темирова М. | Забон ва адабиёти тоҷик (таҷрибаи корӣ - 45 сол) | Омӯзгор бояд, пеш аз ҳама донандаи касби худ бошад ва хонандагонашро дуруст дарк карда тавонад. |
| 6. | Темурова М. | Забони англисӣ (тачрибаи корӣ – 9 сол) | Барои тарбияи хонандагони таҳаммулпазир бештар мутолиаи осори бадеӣ, шуғли меҳнатӣ, бо варзиш машғул будани хонанда, дӯстдории табиат мусоидат мекунанд. |
| 7. | Азаматова З.Ҳ. | Забон ва адабиёти тоҷик | Фанни забон ва адабиёти тоҷик, таърих, барномаҳои телевизионӣ, |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | васоити ахбори умум барои тарбия намудани хонандагони таҳаммулпазир нақши калон мебозад. Дар саҳифаҳои маҷаллаҳо маводҳои таблиғотиву ташвиқотӣ (аз ҳаёти шахсони намоён ва ҳатто хонандагон) нашр карда шавад. |

Моҳи апрели соли 2019 тибқи маслиҳати пешакӣ ба омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар мавзуи “Таҳаммулпазирӣ, таърихи ташаккул ва рушди он дар илмҳои педагогӣ” дар доираи ду соат лексия ва ду соат дарси амалӣ ташкил ва баргузор намудем. Дар ҷамъбасти дарси охир чунин хулосабарорӣ карда шуд:




**Расми 6. – Модели ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон**

Ниҳоят, дар идомаи лексия ва дарсҳои амалии дар иртибот ба таърих ва шарҳу тавзеҳи мафҳуми **таҳаммулпазирӣ** баррасишуда, ки он ҳамчун ифодакунандаи маҷмуи хислатҳои умумибашарӣ дар Эъломияи принсипҳои

таҳаммулпазирӣ низ инъикоси худро ёфтааст, ба омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик дар бораи баъзе рисолаҳои илмӣ, ки бахшида ба масоили мухталифи таҳаммулпазирӣ дар ҷумҳурӣ ба субут расидаанд, маълумоти мухтасар пешниҳод гардид (ниг. расми 7).

Аз рӯйи саволу ҷавоби бо муаллимон гузаронидашуда, маълум гардид, ки онҳо низ ниёз ба ташаккул додани донишу маҳорати педагогиву методии хеш доранд. Аз ин лиҳоз, онҳоро лозим омад, ки ба мазмуну мундариҷаи асарҳои доир ба таълими забон ва адабиёти тоҷик таълифнамудаи методистони тоҷик, аз ҷумла, бо корҳои М.Аҳмадов, Б.Ашӯрова, А.Муллоев ва С.Шербоев низ шиносоӣ пайдо намоянд.




**Расми 7. – Шарҳи мафҳуми таҳаммулпазирӣ**

Ниҳоят, омӯзгорон таъкид карда шуданд, ки новобаста ба он ки озмоиши дувум моҳҳои март-апрели соли таҳсили 2019-2020 дар

муассисаҳои таълимии номбаршуда гузаронида мешавад, аз моҳи сентябр сар карда, то аввалҳои моҳи март ҷиҳати ташкили як силсила чорабиниҳо бо омӯзгорони фанни адабиёт, инчунин бо мудирони китобхонаи ҳамин муассисаҳо ҳамҷоя корбарӣ менамоем.

**Кори омодагӣ бо омӯзгорон.** Дар ҳафтаи аввали моҳи сентябр мувофиқи маводи барномаи фанни адабиёти тоҷики синфҳои V-VII маводи ёрирасон, аз қабилиабёти фарогири панду андарзҳо, ҳикояҳо, зарбулмасалу мақолҳо, достонҳо ва ғазалу рубоиёт дастрас карда шуд, то ки аз рӯйи имкон, ҳам дар ҷараёни дарс истифода баранду ҳам барои хониши мустақилонаи хонандагон пешниҳод намоянд. Мувофиқи чорабиниҳои нақшавӣ ба омӯзгорони дар озмоиши таълимӣ ширкаткунанда чанд нусхаи асарҳои бевосита ба таълими забон ва адабиёт бахшидаи методистон М.Аҳмадов, Б.Ашӯрова,А.Муллоев ва С.Шербоев ва қисман маводи дар доираи ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ таълифнамудаи афроди соҳаи педагогикаи ватаниву бурунмарзӣ низ дастрас карда шуд, то ки зимни омӯзиши нуктаҳои ба таълиму тарбия, бахусус, ба масъалаҳои мубрами ба кори тадқиқоти рисолаи мо иртиботдошта ҳар чӣ бештар эътибор диҳанд.

**Кор бо мудирони китобхонаҳо ва омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик.** Бо мудирони китобхонаҳои муассисаҳои таълимии номбаршуда бобати тарғибу ташвиқи хонандагони мактаб, пеш аз ҳама, хонандагони синфҳои V-VII ба қироати осори ниёгонҳамкорӣ намуданро пеша намудем.

Дар ин бобат, мо, сараввал, нақша-чорабинии солонаи мудирони китобхонаҳоро таҳлил намуда, ба хулоса омадем, ки, дарвоқеъ, бештари мавзуъҳои ба нақша гирифташуда ба самти забон ва адабиёти тоҷик марбут асту амалӣ гардидани он ҳама чорабиниҳои дар нақша сабтшуда дар ҷодаи тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони мактаб низ нақши боризро доро хоҳанд буд. Албатта, дар ин мавридҳамкории бевоситаи мудирони китобхонаҳо бо омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик зарурат пайдо мекунад. Чунки дар нақша-чорабиниҳои онҳо силсилаи мавзуъҳое ворид шуда буданд,

ки, дар ҳақиқат, амалӣ шуданашон бидуни фаъолияти якҷояи мудирони китобхона ва омӯзгорони фанни адабиёт имконнопазир аст.

Масалан, нусхаи нақша-чорабиниҳои мудирони китобхонаро, ки барои соли таҳсили 2017-2018 таҳия кардаанд, тағйир надода ҳамон номгӯи чорабиниҳоро нигоҳ доштем. Аз мундариҷаи нақша-чорабинӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки амалишавии ҳамаи он ба фаъолияти муштараки мудири китобхона ва омӯзгорони фанни адабиёт имконпазир хоҳад гашт.

**Ҷадвали 4. – Нусхаи нақша-чорабинии солонаи мудирони китобхона барои соли таҳсили 2017-2018**

| № | Мундариҷаи чорабиниҳо | Муҳлат | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Таҷлили “Рӯзи дониш” | сентябр | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни адабиёт |
| 2. | “Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор” (конференсия бахшида ба Рӯзи Рӯдакӣ) | сентябр | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни адабиёт |
| 3. | Мавлавихонӣ бахшида ба Рӯзи Ҷалолуддини Балхӣ (Мушоира, маърӯза, намоиши адабӣ-фарҳангӣ) | сентябр | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни адабиёт |
| 4. | Таҷлили Рӯзи омӯзгорон | октябр | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни адабиёт |
| 5. | Забон – пояи миллат (бахшида ба Рӯзи забон) | октябр | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни адабиёт |
| 6. | Таҷлили ҳафтаи забон ва адабиёти тоҷик | октябр | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни забон ва адабиёт |
| 7. | “Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат” (Таҷлили Рӯзи Президент, намоиши осор, иншои беҳтарин, ташкили экскурсия) | ноябр | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни адабиёт |
| 8. | Анварии Абевардӣ – пайғамбари қасида | ноябр | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни адабиёт |
| 9. | Камоли Хуҷандӣ – булбули хушилҳом | декабр | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни адабиёт |
| 10. | Фаридуддини Аттори Нишопурӣ – мутафаккири бузурги тоҷику форс | январ | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни адабиёт |
| 11. | Ҳифзи Ватан – вазифаи муқаддаси | феврал | Мудири китобхона ва |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ҳар як шаҳрванд | | омӯзгори фанни адабиёт |
| 12. | Таҷлили ҷамъомад бахшида ба Рӯзи модарон | март | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни адабиёт |
| 13. | Наврӯз ҷаҳонӣ шуд | март | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни адабиёт |
| 14. | Садриддин Айнӣ – асосгузори адабиёти муосири тоҷик (Конференсия илмӣ-адабӣ) | апрел | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни адабиёт |
| 15. | Умари Хайём – шоири рубоисаро (маҳфили адабӣ) | май | Мудири китобхона ва омӯзгори фанни адабиёт |

Қайд кардан зарур аст, ки бо назардошти таҷлили солгарди чеҳраҳои маъруфи адабиёту фарҳанг чунин нақша-чорабиниҳои мудирони китобхонаҳо дар ҳар соли таҳсил бо баъзе тағйирот аз нав таҳия карда мешавад.

Дар баробари қобили қабул донистани нақша-чорабиниҳои мудирони китобхонаҳои муассисаҳои мазкур, илова ба нуктаҳои дар нақшаҳо омада, мо низ мавзуъҳоеро барои корҳои беруназсинфӣ ва синфӣ пешниҳод намудем, ки баррасӣ шуданашон дар ҷодаи рушди хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар вуҷуди хонандагон мусоидат хоҳад кард:

**а) Гузаронидани маҳфилҳои адабӣ;**

**б) Мизи мудаввар;**

**в) Дарс-семинарҳо.**

Мавзуъҳои пешниҳодшударо дар ҷадвали 5 зикр гардидаанд.

**Ҷадвали 5. – Номгӯйи чорабиниҳои иловашуда**

| т/р | Номгӯи мавзуъ | Мақсад |
|---|---|---|
| 1. | “Мардӣ набувад фитодаро пой задан” | Таҳлил ва тарғиби ғояҳои инсондӯстона ва таҳаммулгароёнаи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ |
| 2. | “Мадоро хирадро бародар бувад” | Таҳлили ғояҳои қаноатпешагӣ аз “Шоҳнома” |
| 3. | “Насиҳат гӯш кун, ҷоно” | Таҳлили ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ дар иртибот ба |

| | | |
|---|---|---|
| | | таҳаммулпазирии мазҳабиву нажодӣ |
| 4. | “Бани Одам аъзои якдигаранд” | Мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии “Таҳаммулпазирӣ” |
| 5. | “Бандагӣ аз худшиносӣ шуд тамом” | Таҳлили “Пандномa”-и Аттор дар иртибот ба тарғиби ғояҳои хештаншиносӣ ва ахлоқи нек |
| 6. | “Маснавихонӣ” | Таҳлили ҳикоёт роҷеъ ба мавзуи худшиносӣ, инсондӯстӣ ва қаноат) |
| 7. | “Сухан донистa гӯй, то дӯстро душман нагардонӣ” | Шунидани маърӯзаи хонандагон: гулчини абёти ба сухан бахшидаи суханварон ва таҳлили онҳо |

Барои гузаронидани чорабиниҳои дар ҷадвал пешниҳодшуда, мо маводи адабиро бо шарҳаш (қисме аз онҳо дар фасли 2.1.-рисола оварда шудааст) ба омӯзгорон пешниҳод намудем.

**Ҳафтаи забон ва адабиёти тоҷик.** Дар доираи баргузории Ҳафтаи забон ва адабиёти тоҷик тибқи нақшаи мудирони китобхона ва роҳбарони иттиҳоди методӣ як қатор чорабиниҳо ба нақша гирифта шуда, иҷрояшон амалан сурат гирифт:

а) Чорабинии адабӣ-фарҳангӣ таҳти унвони **“Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем”** (бо иштироки устодони факултети филологияи тоҷик, кафедраи педагогикаи умумии МДТ-и “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” ва адибони вилояти Суғд (дар синфҳои V-IX);

б) Ташкили вохӯрӣ бо чеҳраҳои маъруф таҳти унвони **“Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ накӯном зист”** (ба хотири арҷгузорӣ ва баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ (дар синфҳои V-VII).

Ташкил ва баргузории чорабиниҳоро бахшида ба Ҳафтаи забон ва адабиёти тоҷик дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ муовини директор оид ба таълим, ташкилотчии корҳои тарбиявӣ, роҳбарони синфҳо ва роҳбарони

иттиҳоди методӣ назорат карда, мушоҳидаҳо ва хулосаҳои хешро дар ҷамъомади умумии ҷомеаи омӯзгорон баён намуданд.

**Хониши берунazсинфӣ.** Дар ташаккул додани хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон хониши беруназсинфӣ низ бояд ба эътибор гирифта шавад, ки дар рафти озмоиш ба ин самти фаъолияти омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои озмоишӣ таваҷҷуҳ карда шуд. Хониши берун аз синф аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки вай ба шогирдон мустақилона хондани китоб ва фаҳмидани моҳияти чизи хондашударо меомӯзад. Шавқи онҳоро меафзояд, забонашонро бой мегардонад.

Ҳамасола дар оғози соли таҳсил нусхаи “Рӯйхати тавсиявии асарҳои бадеӣ барои хониши беруназсинфии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” ба мудири китобхона аз тарафи шуъбаи маориф дастрас мегардад.

Мо, аз асарҳои бадеии пешниҳодшуда осореро ҷудо намудем, ки ба ташаккули хислатҳои мадоро бештар мусоидат мекунанд. Номгӯи асарҳо дар ҷадвали поён оварда шудааст.

**Ҷадвали 6. – Номгӯйи асарҳои бадеӣ барои хониши беруназсинфӣ**

| Синф | Номгӯйи асарҳои бадеӣ барои хониши беруназсинфӣ<br>Дар давоми соли таҳсил: |
|---|---|
| 5 | Афсонаҳои халқи тоҷик (Ҷилди 4-5) |
| | Достонҳои “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ: “Каюмарс ва авлоди ӯ”, “Сиёвуш”, “Рамзи Исфандиёр”, “Рустам ва Сӯҳроб” |
| | “Пандномa”- и Аттори Нишопурӣ |
| | **Дар давраи таътил:** |
| 5 | “Хайр ва Шар”. Низомии Ганҷавӣ |
| 6 | **Дар давоми соли таҳсил:** |
| | Пандномаи Саъдӣ |
| | “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ |
| | Чаҳор мақола |
| | **Дар давраи таътил:** |
| | Сад панди Луқмони Ҳаким ба фарзанди арҷманд |
| | “Панднома”-и Аттори Нишопурӣ |
| 7 | **Дар давоми соли таҳсил:** |
| | Панднома. Аттори Нишопурӣ |
| | Футувватномаи султонӣ. Ҳусайн Воизи Кошифӣ |

| | |
|---|---|
| | **Дар давраи таътил:** |
| | Насиҳат гӯш кун, ҷоно. Ҳофизи Шерозӣ |
| | “Насими Мӯлиён”. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ |
| | “Шоҳнома”. Абулқосим Фирдавсӣ |

Таъкид кардан зарур аст, ки адабиёти классикии тавсияшуда аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хати кириллӣ ва сифати баланд таҳти рубрикаи “Китобхонаи мактаб” интишор шуда, ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ бо шумораи дастрас ирсол гардидааст ва дар китобхонаи мактабҳои озмоишӣ мавҷуд буд.

Хониши беруназзинфӣ аз навъҳои асосии корҳои беруназзинфӣ мебошад. Дараҷаи дониш, майлу рағбат, хусусиятҳои синнусолии шогирдон, инчунин имконияти китобхонаи мактаб ва дигар китобхонаҳои дастраси шогирдонро ба назар гирифта, омӯзгори адабиёт рӯйхати асарҳо барои хониши берун аз синфро (барои ҳар кадом синф алоҳида) тартиб медиҳад. Муаллими адабиёт вазифадор аст, ки ҳанӯз дар аввали соли хониш рӯйхати осори бадеии барои хониши беруназзинфӣ пешниҳодшавандаро омода созад. Дар ин амал, аввало, талаботи барномаи таълимӣ ва сипас хусусиятҳои синнусолӣ, рӯҳия, шавқу рағбат ва завқи бадеии шогирдон, дараҷаи шиносоии онҳо бо масъалаҳои ҳаётии ҷомеа ба назар гирифта мешаванд.

Мақсади хониши берун аз синф аз он иборат аст, ки ҳаваси хонандагонро ба бештар хондани осори бадеӣ бедор намояд, ҷаҳони беканору рангоранги бадеиятро барои онҳо кушояд. Омӯзгор дар суҳбатҳои худ шогирдонро бо муаллифу моҳияти асар шинос менамояд. Дар мутолиаи асари бадеӣ ӯ бояд роҳбалади ҳақиқӣ бошад.

Машғулиятҳои хониши берун аз синф аз рӯи нақшаи тақвимии омӯзгор ва бо усули суҳбат гузаронида мешавад. Рӯзи муайяншуда асари бадеии дар хона мутолиакардаи хонандагон ба муҳокимаи аҳли синф гузошта мешавад. Муҳокимаи хониши берун аз синф аз амалиёти навбатиест, ки омӯзгори адабиёт ба он диққати зарурӣ бояд диҳад. Дарсҳои муҳокимаи хониши берун аз синф ва ё муҳокимаи асар берун аз дарс тақрибан ба тариқи зерин сурат

мегиранд. Камаш як моҳ пеш омӯзгор мавзуъ ва вақти баргузории муҳокимаи хониши беруназсинфиро эълон мекунад. Хонандагон омодагӣ мегиранд. Дар оғози машғулият сухани ифтитоҳии омӯзгор перомуни мавзуъ ва муҳтавои асари барои муҳокима пешниҳодгардида шунида мешавад. Сипас, шогирдони хоҳишманд перомуни мундариҷаи асари мазкур маълумот медиҳанд. Баъди ин қисмати асоситарини кор – муҳокима оғоз меёбад. Дар рафти он асари бадеӣ таҳлил карда мешавад, хонандагон бо навбат андешаҳои худро доир ба ҷиҳатҳои арзишманди асар, хусусиятҳои тарбиявии он, ҷиҳатҳои маърифатӣ, пайванди он бо зиндагӣ, тавсифи образҳои марказӣ ва ёрирасон, мавқеи истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар он ва монанди инҳо баён медоранд.

Дар ҳамин радиф омӯзгор перомуни ба роҳ мондани хониши берун аз синф ва муҳокимаи он корҳои дигареро низ сомон медиҳад. Аз ҷумла, тавассути анкета дар давраи таътили тобистона хондани асарҳои бадеиро назорат кардани омӯзгор; муайян намудани хусусиятҳои хониши берун аз синф дар синфҳои V-VII; ба роҳ мондани ёрии китобхонаи мактаб ва оила дар ҷараёни хониши берун аз синф; назорати мураттаб сохтани рӯзномаи махсус аз тарафи хонандагон доир ба асарҳои хондашуда, мазмуни қайдҳо дар он рӯзнома; ташкили мусаввараю нигоришот (плакатҳо) ва овезаҳо (стендҳо) доир ба асарҳои барои хониши берун аз синф тавсияшуда; ба ҳисоб гирифтани нақшаи корҳои дигари беруназсинфӣ дар тарғибу ташвиқи хониши асарҳои бадеӣ.

Боиси хушнудист, ки бо ташаббуси сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” дар кишвар ба ҳукми анъана даромадааст. Аз рӯйи мушоҳидаҳо баъди эълон ва ҷорӣ гардидани озмуни мазкур ҷалби хонандагон ба китобхонаи мактаб бештар гардид. Дар самти таълиму тарбия иқдоми мазкур беҳтарин арзёбӣ гардида, дар тарбияи хештаншиносиву сабру қаноат низ заминаи устувор фароҳам меорад, зеро ба меҳнат одат кардану сабурона адабиёти фаровонро мутолиа

кардан ҳам ангезае барои тоқатпазирист. Бар замми ин, мазмуну муҳтавои осори ҳифзшаванда ё хондашуда барои тарбияи ахлоқи ҳамида, ҷаҳон-шиносиву маърифатнокии насли наврас аз афзалиятҳои дигари озмун мебошад.

**Таҳаммулпазирӣ ва масъалаи ифротгароӣ.** Яке аз масъалаҳои ҷомеаи башарӣ ифротгароӣ ба шумор меравад, ки ба мавзуи тоқатпазирӣ иртиботи қавӣ дорад. Ифрот ва ифротгароӣ барои наврасону ҷавонон хатари бузург буда, огоҳ будан аз фарҳангу тамаддун ва ҳушёрии сиёсиро тақозо дорад. Ин масъала дар мадди назари доимии сиёсати кишварамон буда, бетараф набудан ва дар таълиму тарбия ба эътибор гирифтани онро дар ҳар мулоқоти сарвари давлат бо зиёиён ва ҷавонони кишвар эҳсос кардан мумкин аст.

Вобаста ба ин, дар суханронии Пешвои миллатамон ба муносибати 16-умин солгарди Истиқлолият ва 800-умин солгарди Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ пешниҳодҳои судманд ироа гардида буданд: “Дар шароити кунунӣ таҳкими истиқлолият, устувор гардонидани пояҳои давлат ва баланд бардоштани сатҳ ва зиндагии инсон барои мо мазмуни ҳаётанмуҳим пайдо мекунад. Зеро даҳсолаҳои охир пешрафти босуръати илму техника ва раванди қувватгирифтаистодаи ҷаҳонишавӣ инсониятро ба муҳити комилан нав ворид намуда, боиси ташаккул ёфтани низоми фарогири равобити сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва иттилоотиву маънавӣ гардидааст. Бо вуҷуди ҳамаи дастовардҳои бесобиқаву беназири худ инсон ҳанӯз ба ормону орзуҳои деринааш, яъне эҷоди як зиндагии поку пурсаодат, орому осуда ва озод аз хушунату ихтилофҳо дастёб нашудааст. Баръакс, имрӯз инсоният бо хатарҳои нав ва мушкилоти сангинтар рӯ ба рӯ гашта, гирифтори ихтилофҳои мафкуравию мазҳабӣ ва бархӯрди манфиатҳои сиёсиву иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад. Вазъи имрӯзаи сайёра моро водор месозад, ки на зиддияти мафкураҳо, бархӯрди манфиатҳо ва ихтилофи тамаддунҳо, балки аз робитаҳои дӯстона, ҳамзистии мусолиматомез ва гуфтугӯи тамаддунҳо ҳарф занем.

Мо вазифадорем, ки ҳама гуна амалҳои ба зиндагии осоиштаи башарият таҳдидкунандро маҳкум ва пешгирӣ карда, талошҳои созанда, дастовардҳои фарҳанг ва дину оинҳои халқу миллатҳои гуногунро ҳамчун ҷузъи таркибии тамаддуни башарӣ эътироф ва ба он эҳтиром гузорем" [95, 52-53].

Ҳамчунин Пешвои миллат дар баромади худ омили муҳими раванди ҷаҳонишавиро худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ арзёбӣ намуда, аз таърихи кишвардорӣ ва башардӯстиву хештаншиносии халқи тоҷик ёдовар шуд. Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро мисоли барҷастаи робитаҳои дӯстиву бародарии миллатҳои мухталиф ва ҳамзистии мусолиматомези онҳо номида, таъкид намуд, ки дар таълимоти ӯ масъалаи баробарии дину мазҳабҳои гуногун ва дар ин поя андешаи таҳаммулпазирии динӣ, мазҳабӣ ва қавмиро ба миён гузошта шудааст, ки имрӯз ҳамсадои робитаи мусолиматомези фарҳангҳо ва гуфтугӯи тамаддунҳост" [95, 62].

Дар асари "Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ" (Э. Раҳмон, 2012) низ бисёр паҳлӯҳои ваҳдату якдилӣ, башардӯстӣ, таҳаммулгароӣ ва нақши он дар гуфтугӯи тамаддунҳо таҳлилу баррасӣ гаштаанд. Сарвари давлат итминони комил дорад, ки дар даврони рушд ва таъмиқи ҷаҳонишавӣ, густариши пайгири худшиносии халқҳо, фарҳангҳо ва тамаддунҳо, шиддати бесобиқаи рақобат ва зиддиятҳои мухталиф ва харобиовар, таҳдиди рӯзафзуни хатари фалокатбори бархурди тамаддунҳо ва падидаҳои дигари мазмунан зиддиятнок мо ба иршодҳое чун паёми инсонгароии ростини Мавлоно ниёз дорем [96, 127-128].

Дарвоқеъ, таълимоти Ҷалолуддини Балхӣ гуногунҷабҳа буда, тамоми паҳлӯҳои зиндагии инсон, андешаву афкори созанда ва талаботи маънавии аҳлии башарро фаро мегирад. Мавлоно бани башарро бузургтарин аз офаридаҳои Худованди якто дониста, онҳоро ба сиёҳу сафед, ирқу нажод, ғарбиву шарқӣ, габру мусалмон, насрониву ва ғ. тасниф намекунад.

Аз ин хотир, омӯзгори адабиёт тоҷикзимни таълими осори адабӣ барои ташаккул додани унсурҳои асосии КМТ-и ҶТ имкониятҳои густарда доранд. Шоҳиди ин гуфтаҳо дар озмоиши таълимӣ истифода шудани ҳикояҳои “Маснавии маънавӣ”- Ҷалолуддини Балхӣ мебошад, зеро муҳтавои асари мазкур ба ташаккули таҳаммулпазирии мазҳабӣ мувофиқ аст.

Яке аз вежагиҳои асари Мавлоно ин аст, ки дар он маъниофаринӣ бо зикри ҳикояҳои ҷолибу хонданӣ пайванди қавӣ дорад. Ҳунари суханофарии Ҷалолуддини Балхӣ дар он ҳам зоҳир мегардад, ки адиб дар ҳошияи ҳикояҳои маъмуле, ки дар адабиёти форсӣ мавҷуданд, андешаҳои ҷолиби ҳикматомезро дар либоси шоирона басо нишонрас ба қалам додааст. Пеш аз шарҳи асар доир ба мавзуи мадоро ба китоби муқаддаси дини мубини ислом руҷуъ кардем, ки дар он омадааст: “Эй мардум, ба дурустӣ, ки шуморо аз як марду як зан офаридем ва шуморо қавмҳо ва қабилаҳо сохтем, то бо якдигар шиносо шавед. Ҳароина, гиромитарини Шумо назди Худо парҳезгортарини шумо аст. Худо донои хабардор аст” [164, 29-46].

Аз ин оят бармеояд, ки таҳаммулпазирӣ дар байни одамон ҳама гуна ихтилофҳою таассуботи нажодию синфию иҷтимоиро аз байн мебарад. Ба ҷуз ин, муносибатҳои тарафайни мусулмонон ва ғайримусулмон низ, тибқи принсипи таҳаммулпазирӣ, роҳандозӣ мегардад. Аз ин ваҷҳ, мебояд хулоса баровард, ки дин ҳеҷ гоҳ ба ҳамзистии осоиштаи одамон ва муносибатҳои муътадили байни онҳо мамониат намекунад. Аз ҷумла, як асл доштани ҳамаи кешҳо ва барои ҳама ягонаю воҳид будани Ҳақ Таолоро Румӣ дар дафтарҳои гуногуни “Маснавӣ” зикр ва талқин кардааст. Масалан, дар дафтари севум дар қиссаи “Пеш рафтани Дақуқӣ ба имоматии он қавм” менависад:

З-он ки худ мамдӯҳ ҷуз як беш нест,

Кешҳо з-ин рӯй ҷуз як кеш нест [182, 551].

Лозим ба таъкид аст, ки асли ягона доштани мазҳабҳои гуногун қариб дар эҷодиёти тамоми бузургони шеъру адаби тоҷику форс таъкид шудааст. Чунон ки Ҳофиз мегӯяд:

Ҳама кас толиби ёранд, чӣ ҳушёру чӣ маст,

Ҳама ҷо хонаи ишқ аст чӣ масҷид, чӣ куништ.

Судии Буснавӣ ин байти Лисонулғайб, яъне Ҳофизро, чунин шарҳ додааст: "Ҳар касе хостори ёр аст, чи ҳушёру чи маст ва ҳама ҷо хонаи ишқ аст, чи масҷид бошад ва чи калисо, яъне ҳар оқилу лоятқил толиби ёр аст. Хулоса, солеҳу толеҳ ҳамагӣ толиби ӯянд ва ҳар гӯшае аз масҷиду калисо хонаи ибодати ӯст. Ҳосил ин, ки дини ислом монанди соири адён нест, ки салавоту ибодат ба як маҳал махсус бошад ва дар ҷои дигар ҷоиз набошад, балки дар дини ислом ҳар ҷо ки тоҳир (поку озода – Б.И.) бошад, қобили ибодат аст, чи масҷид бошад ва чи майхона" [180, 503-504].

Дар ҳикояи "Қиссаи Ҳудҳуд ва Сулаймон (а), дар баёни он ки чун қазо ояд, чашмҳои равшан баста шавад", Мавлоно мегӯяд:

Эй басо ҳиндуву турки ҳамзабон,

Эй басо ду турк чун бегонагон.

Пас, забони маҳрамӣ худ дигар аст,

Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст [182, 403-404].

Дар тавзеҳи ин байтҳо Карими Замонӣ фармудааст: "… асли қаробат ва маҳрамият аз ошноӣ ва ҳамбастагии дилҳо ҳосил меояд, чи бисёр авқот, ки ду нафар зоҳиран ҳамзабон нестанд, вале ҳамдилӣ доранд. Ба унвони мисол, эй басо як ҳиндую як турк ҳамзабон (ҳамдил) бошанд ва рӯҳу ҷонашон якдигарро ҷазб кунад ва эй басо ду нафар турк, ки зоҳиран ҳамзабонанд, якдигарро дафъ кунанд ва нисбат ба ҳам бегонагӣ изҳор намоянд. Пас, натиҷа мегирем, ки маҳрам шудани ду нафар бо ҳам ва забони дили якдигарро дарёфтан ва ба асрори ботини ҳам воқиф шудан навъи дигаре аз хешовандӣ аст" [182, 403-404].

Хулоса, аз гузоришоти дар боло омада равшан мегардад, ки бо мақсади ташаккулу тарбияи таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди шогирдон бамаврид истифода намудан аз ашъори ҳикматомези Мавлоно, ки ба худтарбияи инсон, худшиносии ӯ нигаронида шудааст, дорои нақши хоса хоҳад буд.

Барои дар руҳияи таҳаммулпазирӣ тарбия кардани шогирдон ҳикояи дигарро аз “Маснавии маънавӣ”, ки таҳти унвони “Инкор кардани Мӯсо алайҳиссалом бар муноҷоти шубон” зикр шудааст, истифода бурдан низ самарабахш хоҳад буд. Муаллим дар ин бобат метавонад аз дуои марди чӯпон, ки ба фаҳми толибилмон наздик аст, босамар истифода барад. Чунончи, Чӯпон ба Худо муроҷиат карда гуфтааст:

Ту куҷоӣ, то шавам ман чокарат,

Чоруқат дӯзам, кунам шона сарат.

Ҷомаат шӯям, шабушҳоят кушам,

Шир пешат оварам, эй муҳташам!

Дастакат бӯсам, бимолам поякат,

Вақти хоб ояд, бирӯбам ҷоякат.

Эй, фидои ту ҳама бузҳои ман,

Эй, ба ёдат ҳай-ҳаю ҳай-ҳои ман [182, 437].

Ва дар «Итоб кардани Ҳақ таоло Мӯсоро (алайҳиссалом) аз баҳри шубон» муҳтавои ваҳдати инсонҳо ва ягонагии гавҳари офариниш, бани башар будани онҳо ва, ҳамзамон, ғояи гуногунии инсонҳо, фардияти ҳар як инсон ниҳон аст, ки чунин мазмун дар “Маснавӣ” ин тавр баррасӣ шудааст:

Ваҳй омад сӯйи Мусо аз Худо:

«Бандаи моро зи мо кардӣ ҷудо.

Ту барои васл кардан омадӣ,

Ё барои фасл кардан омадӣ?

Ҳар касеро сирате бинҳодаам,

Ҳар касеро истилоҳе додаам.

Дар ҳақи ӯ мадҳу дар ҳаққи ту зам,

Дар ҳақи ӯ шаҳду дар ҳаққи ту сам.

Мо барӣ аз поку нопокӣ ҳама,

Аз гаронҷониву чолокӣ ҳама.

Ҳиндувонро истилоҳи ҳинд мадҳ,

Синдиёнро истилоҳи синд мадҳ.

Ман нагардам пок аз тасбеҳашон,

Пок ҳам эшон шаванду дурфишон.

Мо забонро нангарему қолро,

Мо равонро бингарему ҳолро [182, 443-445].

Ҳамин масъалаҳоро омӯзгор зимни алоқамандкунӣ ба таъриху тамаддун метавонад тавзеҳ дода бошад, зеро, ба фикри мо, вақте ки шогирдон аз омӯзгор маълумоти дурусту саҳеҳ мегиранд, ба дигар сарчашмаҳои номуътамад ва иғвоангез назару эътиқодашон, албатта дигаргуна мешаваду гирифтори доми фиреби шахсони ифротӣ намегарданд. Агар тадриси адабиёт, ба хусус таҳлили осори бадеӣ бо назардошти ҳамин масъалаи мубрами замон ҷоннок ба роҳ монда шавад, саҳми мероси адибони гузашта бахубӣ мушоҳида хоҳад гардид.

Аммо гуфтан ҷоиз аст, ки мафҳуми таҳаммулпазирӣ ба маъною низоми фалсафии имрӯзааш, аз ҷумла, ба ҳайси таълимоти томи педагогӣ дар эҷодиёти Ҷалолуддини Румӣ ва дигар шоирону адибони қуруни вустои форсу тоҷик ё дигар халқу миллатҳо вуҷуд дошта наметавонад. Вале, сарфи назар аз ин, далелҳои дар фавқ баррасишуда моро даст медиҳанд, то қазоват намоем, ки унсурҳои умдаи таҳаммулпазирӣ дар давраҳои қадимтарини таърихи инсоният эҳё шуда ва инъикоси онҳо баъдтар дар осори ҳикматомези классиконамон на танҳо роҳ ёфтаанд, балки унсурҳои нав ба нави онҳо ситоиш гардида, мафҳуми он (таҳаммулпазирӣ)-ро васеътару рангинтар гардонидаанд. Чунки имрӯз ва минбаъд ҳам метавон тавассути таҳаммулпазирӣ ҳаёти осоиштаю мусолиҳаомези бани башарро таъмин намуд. Аз ин хотир, дар замони муосир, ки тафриқаандозӣ ҷаҳонро ноором мекунад, барои дар рӯҳияи рукнҳои гуногуни таҳаммулпазирӣ тарбия намудани шогирдон аз мероси мондагору пурғановати адибони тоҷику форс босамар истифода бурдан зарурати беҳадро доро хоҳад буд.

Дар ташаккули ҳисси таҳаммулпазирӣ дар хонандагон муаллим метавонад аз таърихи халқи тоҷик мисолҳо орад, зеро таърихи мо дар инъикоси ҳодисаҳои ҳам таҳаммулпазирӣ ва ҳам таҳаммулнопазирӣ хеле бой аст. Аммо мушоҳидаҳои гузаронишуда гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки вазъи таълими адабиёт дар мактабҳои ҷумҳурӣ на ҳамеша ба талаботи давр ҷавобгӯ аст, зеро муаллимон бештар ба масъалаҳои назариявӣ эътибор дода, барои дар амал татбиқ намудани он кам эътибор медиҳанд, худомӯзиву худтакмилдиҳии тахассусӣ дар аксари онҳо коҳиш ёфта, бахусус, аз навгониҳои методикаи муосир бехабаранд.

Мақсади асосии методикаи таълими адабиёт бо роҳу усулҳои гуногун мусаллаҳ намудани омӯзгор буда, дар ин замина омӯзгор метавонад донишҳои назариявию амалиро дастраси шогирдон намояд. Аз ин рӯ, ин вазифаи мушкил, вале боифтихор ба зиммаи омӯзгор буда, ӯро ӯҳдадор менамояд, ки тибқи талаботи барнома мазмуни маводи китобҳои дарсии адабиётро зимни истифода аз роҳу усулҳои корсози таълим дастраси шогирдон намояд.

Ҳамчунин лозим ба ёдоварист, ки ҳамеша дар дарс методика барои омӯзгор роҳнамои асосист. Аммо баъзе омӯзгорони мактаб дар фаъолияти касбии худ ин нуктаро кайҳо ба гирдоби фаромӯшӣ партофта, такягоҳашон танҳо маводи китоби дарсӣ ҳасту бас. Дар асл, ин гурӯҳи омӯзгорон тӯтивор аз ёд намудани матнҳои китоби дарсиро талаб намуда, ба иҷрои матнҳои якнавохти китоби дарсӣ маҳдуд мегарданд. Аз ин ваҷҳ, агар хонандагон матнҳои пешниҳодшударо аз ёд кунанд ҳам, вале аксар ба маънии он сарфаҳм намераванд, чунки тафсири онҳоро аз лаҳни устодашон аксар вақт нашунидаанд. Лозим ба ёдоварист, ки дар ин маврид яке аз принсипҳои асосии таълим, принсипи бошуурона аз худ кардани дониш аз эътибор соқит мемонад ва ин ба қориазёди маводи таълим оварда мерасонад.

Бояд таъкид намуд, ки шарҳу тафсир, омӯзиши луғатҳо, риояи қоидаҳои забон дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дар раванди таълими адабиёт

вазифаи маърифатии ҳар як омӯзгор маҳсуб меёбад. Инчунин ҷанбаи маърифатомӯзии фанни адабиётро пеши назар оварда методисти тоҷик М. Қозиҷонов таъкид намудааст, ки муаллим ба воситаи таълими адабиёт образ ва характерҳои бадеиро дар шароити нав ба нави типпӣ нишон медиҳад ва мефаҳмонад. Адабиёт тағйирот ва тараққиёти ҳаёти одамонро дар худ инъикос кунонида, ҷавонони моро ба зиндагии реалӣ шинос мекунад [131].

Дар ҳақиқат, ҳамин гуна адабиёте, ки дар раванди таълим метавонад ҷавононро ба зиндагии воқеӣ шинос намояд, дар навбати аввал, осори классиконамон маҳсуб меёбад. Ин аст, ки ба эҷодиёти аксари онҳо, аз қабили Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолуддини Балхиву Абдурраҳмони Ҷомӣ дар барнома ва китобҳои дарсии синфҳои V-VII ва VIII-X эътибори ҷиддӣ дода шудааст, ки дар ин қатор таълими осори Ҷалолуддини Балхӣ нақши мондагорро сазовор аст.

Усулҳои фаъоли таълим ва татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими адабиёти тоҷик. Босамар истифода шудани технологияи муосири таълим дар дарси адабиёти тоҷик барои тавзеҳи комили маводи адабӣ ва талқини ғояҳои асари омӯхташаванда мусоидат мекунад. Мо, дар рафти озмоишҳо бештар истифода намудани усулҳои “Ҳуҷуми фикрӣ”, “Ангезиши зеҳн”, “Синквейн”, “Инсерт” (хондан-навгонӣ-фарқият-номаълум), “Рӯзномаи дубахша”, “Шебу фароз”, “МДД” (медонам, донистан мехоҳам, донистам), “Диаграммаи Венн”, “Занҷирҳои печидаи мантиқӣ” ва ғ.-ро тавсия намудем.

Дар равиши дарси адабиёт таълими проблемавӣ низ барои мулоҳизаронии хонандагон шароити мусоид фароҳам меорад. Дар ҷараёни озмоиши таълимӣ омӯзиши осори адабиро бо ҳамин шева ва усулҳо пешниҳод намудем. Масалан, ҳангоми таҳлили ҳикояҳои Мавлоно таълими проблемавӣ муфид хоҳад буд.

Номгӯи мероси адабии Ҷалолуддини Балхӣ чандон зиёд набошад ҳам, ҳамагӣ пур аз ҳикматанд. Дар асл, се асар: “Маснавии маънавӣ”, “Фиҳӣ мо

фиҳӣ” ва “Девони кабир” мероси адабии шоирро муаррифӣ месозанд, ки аз онҳо дар замони мо “Маснавии маънавӣ” бо фарогирии афкори ирфонию ахлоқӣ басо шуҳратёр гардидааст. Ин гуна асарҳо ҳиссиёти хонандагонро бедор намуда, ба онҳо завқи эстетикӣ мебахшанд. Дар ин қабил асарҳо наметавон ягон калимаву ифода ва ё образеро тағйир дод, чунки мазмуну муҳтавояшон халалдор мегардад. Чунончи, ҳикояти “Марди аблаҳ ва хирс” дар байни ашъори шоир аз ҷиҳати мазмуну муҳтавои идеявӣ мавқеи мубрамро дорост, ки таълими он ба барномаи адабиёти синфи VII ворид карда шудааст. Мазмуни ин ҳикоя ба синну сол ва фаҳмиши хонандагони синфи мазкур мувофиқ буда, бо услуби махсусу тарзи баёни ба Мавлавӣ хос навишта шудааст:

Аждаҳо чун хирсро дармекашид,
Шермарде рафту фарёдаш расид.
Шермардонанд дар олам мадад,
Он замон, к-афғони мазлумон расад...
Бонги мазлумон зи ҳар ҷо бишнаванд,
Он тараф чун раҳмати Ҳақ медаванд.
Он сутунҳои халалҳои ҷаҳон,
Он табибони маразҳои ниҳон...
Хирс чун фарёд кард аз аждаҳо,
Шермарде кард аз чангаш раҳо...
Хирс ҳам аз аждаҳо чун вораҳид
Во-н карам з-он мард мардона бидид... [147, 82-89]

Ҳангоми таълими ҳикояи мазкур, бахусус, дар қисмати мустаҳкамкунӣ муаллим метавонад, ба синф тавассути саволҳои зерин муроҷиат намояд, ки то андозае проблемавӣ буда, мустақилияти тафаккури хонандагонро намоиш хоҳад дод:

1. Дар ҳаёти хирс чӣ ҳолате рӯй дод? Агар шумо ин воқеаи мудҳишро медидед, чӣ кор мекардед?

2. Шумо ба образи марди халоскор чӣ гуна баҳо медиҳед?

3. Дар кадом калима ва мафҳумҳо хислату характери марди аблаҳ ифода ёфтааст?

4. Муносибати шоир нисбат ба марди пок ва марди аблаҳ чӣ гуна аст? Ӯ дар ин ҳикоя киро ситоиш ва киро мазаммат намудааст?

Муаллим байти зеринро қироат намуда, баъдан, бо ду саволе ба синф муроҷиат мекунад:

Аждаҳое чун хирсро дармекашид,

Шермарде рафту фарёдаш расид.

Саволҳои муаллим:

1. Агар Шумо ба ҷои шермард мебудед, он даҳшатро дида, чӣ гуна амал карданро ба худ раво медидед?

2. Оид ба панди марди носеҳ ва рафтори марди аблаҳ чӣ андеша доред?

Ба фикри мо, ҷавоби хонандагон ба ин саволҳо нишон медиҳад, ки хонандагон то чи андоза ба пазируфтани хислатҳои накӯкорӣ омода ҳастанд. Албатта, хонандагон тибқи он вазъияти ногувор, ки ба хирс рӯй дода буд, хулосаҳои даркорӣ бароварда метавонанд. Ҳамин тавр, дар таълим истифодаи саволҳои проблемавӣ барои мустаҳкамшавии дониш ва инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон мусоидат менамояд. Истифода аз усули проблемавӣ дар солҳои охир дар таълими аксари фанҳо яке аз роҳҳои баррасии маводи мураккаби таълим мебошад.

Дарвоқеъ, таълими проблемавӣ консепсияи тафаккурро дар хонандагон тарбия намуда, ба инкишофи мунтазами рафтору фаъолияти онҳо тақвият мебахшад, ки барои ноил шудан ба ин нукта зарурати дар дарс ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ талаб карда мешавад. Ва, дар ин хусус чунин савол пеш меояд: Вазъияти проблемавӣ ва ё масъалагузорӣ дар дарс чӣ тавр ба вуҷуд оварда мешавад? Дар ин бобат профессор С.Шербоев чунин ҷавоб медиҳад: "Албатта, боз ҳам ба воситаи саволҳо, аниқаш, ба воситаи саволҳои проблемавӣ... саволҳое... ҳастанд, ки шарҳашон ҳанӯз аз тарафи муаллима

гуфта нашудааст ва ҳатто баъзан дар китоби дарсӣҳам оварда нашудааст. Он саволҳо хонандагонро барои мустақилона фаҳмидани ягон масъала, ба мустақилона ҳал кардани он, барои аз тарафи худашон мустақилона фаҳмидани ягон ҳодисаи нав..., ки дар натиҷа донишашон такмил меёбад, водор мекунанд” [157, 181].

Мулоҳизаи равишшинос М.Аҳмадов истинодан аз гуфтаҳои М. Қозиҷонов дар иртибот ба муҳимияти ташкили вазъияти проблемавӣ дар дарс чунин аст: “Донише, ки хонандагон дар дохили вазъияти проблемавӣ ҳосил менамоянд, хеле устувор аст ва он ба инкишофи фикр ёрӣ расонида, муносибати онҳоро ба ҳаёт муқаррар месозад” [19, с.92].

Ҳамзамон, мехоҳем як нуктаро дар бобати ба вуҷуд овардани вазъияти масъалагузорӣ дар дарс таъкид намоем: бавуҷудории вазъияти мазкур, ба ақидаи мо, асосан, дар синфҳое имконпазир аст, ки агар хонандагон барои такмили маҳорату малакаи донишазхудкунӣтайёр бошанд, вагарна аксар чунин дарсҳо бесамар мемонанд. Аз ин лиҳоз, дар як дарс пешниҳоди як саволи муаммовӣ баъзан кифоя аст.

Умуман, вазифаи омӯзгори таҳаммулпазирзимни таълими адабиёт ба шогирдон расонидани мазмуну мундариҷаи осори бадеии классикию муосир, ки, дар маҷмуъ, фарогири тасвироти бадеии зиндагӣ ва ҳаёти инсон аст, инчунин шинос гардонидани шогирдон бо паҳлӯҳои гуногуни зиндагии инсон ва кушодани рамзу рози осори адабӣ пешорӯйи шогирдон аст, то ки онҳо аз асрори барояшон нокушудаи ҳастӣ огоҳ гарданд. Бахусус, дар қалби шогирдон бедор намудани шавқу рағбат ба каломи бадеӣ аз вазифаҳоиҳамешагии омӯзгори фанни адабиёт буда, бояд ба он муваффақ гардид, ки дар дили хонандагон садоқати ватандорӣ, шинохти асли худ ва дигар хусусиятҳои арзишманди ахлоқи ҳамида парвариш дода шавад, олами нав ба нави маърифат барояшон ифшо гардад, доираи дониш ва ҷаҳонбиниашон вусъат ёбад ва ғаниву комилтар гардад.

Шогирдон бояд тавассути дарсҳои адабиёт идрок намоянд, ки барои инъикоси ин ё он лавҳаи зиндагӣ ва ё бозгӯи ҳиссиёт ва ҳаяҷони ботинии қаҳрамони асари бадеӣ чӣ усулҳо ва тарзу воситаҳоро аҳли қалам ба кор бурдаанд. Вале ин нуктаҳо танҳо дар радифи риояи усули хониши бадеии асар имконпазир мешавад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорро зарур аст, ки, сараввал, худаш дорои чунин маҳорат бошад ва шогирдонро дар доираи чунин маҳорат раҳнамоӣ созад. Чунки дарки маъно ва шинохти зебоӣ аз тарзи қироати асари бадеӣ низ вобастагӣ дорад. Парвариши дарк ва шинохти зебоӣ дар шогирдон меҳру муҳаббат ва шавқу завқи онҳоро нисбат ба асари бадеӣ ангезиш медиҳад, рағбати мустақилонаи онҳоро ба хониши бевоситаи асари бадеӣ афзун мегардонад, ки ин ва он ҳама нуктаҳои дар фавқ баррасишуда, ки аз тарафи омӯзгори фанни адабиёт дар шогирдон парварида мешаванд, низ унсурҳои дигари таҳаммулпазирӣ маҳсуб меёбанд ва ё рукнҳое мебошанд, ки таҳаммулпазириро дар қалби шогирдон вусъат мебахшанд.

Маълум аст, ки муҳлати баёни мавзуи нави дарс дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ хеле маҳдуд аст. Аз 45 дақиқаи як соати таълимӣ омӯзгор танҳо 15-20 дақиқаро барои баёни мавзӯи нав ҷудо карда метавонад. Дар чунин ҳол, аксари омӯзгорон, аз ҷумла, омӯзгорони фанни адабиёт саросемавор кӯшиш менамоянд, то шогирдонашон, ақаллан, доир ба тамоми ҷузъиёти мавзуи нав андак маълумот гиранд, ки дар натиҷа баррасии моҳияти асари бадеӣ, шарҳи маҳорати эҷодии адиб, муассирияти асари ӯ ва боз нуктаҳои дигар аз назар дур меафтад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки чунин тарзу раванди таълим дуруст нест, чунки натиҷаҳои дилхоҳ намедиҳад.

Нуктаи охир моро бовар мекунонад, ки ҳалли комили масоили илмиву назариявии усули таълими адабиёт танҳо бо нишондодҳои муайянгардидаи улуми омӯзгорӣ маҳдуд намешудааст. Муҳим аз ҳама, бо назардошти вақти баёни мавзуъ дар нақшаи дарси яксоата баррасии нуктаҳоеро ҳангоми баёни мавзуъ таъкид намуд, ки мустақилона хонда фаҳмидани ҳамон нуктаҳо хонандагонро даст намедиҳад. Дар ин ҳолат омӯзгор метавонад, нуктаҳои

осонфаҳми мавзуи дарсро ба ӯҳдаи шогирдон вогузор намояд, то ки он қисматҳоро онҳо мустақилона азхуд намуда, барои ҷавоб додан дар дарси навбатӣ омодагӣ гиранд.

**Ташкили озмоиши таълимӣ ва натиҷаҳои он**. Озмоиши мазкур дар ҳамаи он шаш муассиса аз нимаҳои дуюми моҳи март то 10-15 апрели соли таҳсили 2019-2020 гузаронида шуд. Бинобар ин ки дар соли таҳсили 2017-2018 дар доираи хонандагони синфҳои V-VII озмоиши муқаррарӣ ташкил шуда буд, дар ин озмоиши таълимӣ, танҳо хонандагони синфҳои V бори аввал ва собиқ хонандагони синфҳои V-VI, ки акнун дар синфҳои VI –VII таҳсил менамуданд, бори дувум ширкат варзиданд. Шумораи умумии хонандагони иштироккунанда **180** нафарро ташкил намуд, ки аз онҳо **65** нафар хонандагони синфҳои V, **58** нафар хонандагони синфҳои VI ва **57** нафар хонандагони синфҳои VII мебошанд.

Озмоиш дар заминаи саволҳои тестӣ ва шифоҳӣ, ки ҷанбаҳои асосии мафҳумҳои таҳаммулпазириро фаро мегирифтанд, ба хонандагон пешниҳод гардид. Хонандагони мактабҳои номбаршуда барои исботи фикри худ бештар аз эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ҷалолуддини Балхӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ намунаҳо (бо азёд гуфтани порчаҳои шеърӣ ва нақли мухтасари баъзе аз ҳикояҳо) овардаанд. Муҳтаво ё худ мундариҷа ва ғояҳои фарогири он ҳама дар фаслҳои якуму дуюми ҳамин боби II ба тарзи хронологӣ баррасӣ гардидааст.

Гуфтан мумкин аст, ки омодагиҳои қаблӣ (лексияву дарсҳои амалӣ, суҳбатҳо бо омӯзгорон, кӯмакҳои расонидашуда, хулосаҳои озмоиши муқарраркунии моҳҳои март-апрели соли хониши 2017-2018, чорабиниҳои мактабии муштараки мудирони китобхонаву муаллимони забон ва адабиёти тоҷик) натиҷаи матлуб доданд: 32,3 %-и хонандагони синфҳои V-VII аз ҳар шаш муассиса дар рафти озмоиши таълимӣ-методӣҷавобҳои пурраву қаноатбахш дода тавонистанд.

Ҷадвали зерин натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои V-VII-ро дар озмоиши таълимӣ инъикос мекунад:

**Ҷадвали 7. – Арзёбии ҷавобҳои хонандагони синфҳои V-VII**

| Иштирокчиёни озмоиш | Натиҷаи ҷавобҳои 5-балла бо фоиз (%) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | “5” | “4” | “3” | “2” | Наомад |
| 180 нафар | 58 нафар | 88 нафар | 32 нафар | 2 | - |
| 100 % (фоиз) | 32,3 % | 48,9 % | 17,8 % | 1 % | - |

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои озмоиши муқарраркунӣ ва таълимӣ– методӣ тағйироти зерин муайян карда шуд:

**Ҷадвали 8. – Нишондиҳандаҳои оғоз ва интиҳои озмоиш**

| | Сатҳи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII | Нишондиҳандаҳои оғози озмоиш, % | Нишондиҳандаҳои интиҳои озмоиш, % | Тағйирот, % |
|---|---|---|---|---|
| | Баланд | 24 | 32,3 | 8,3 |
| | Миёна | 29 | 48,9 | 19,9 |
| | Паст | 41 | 17,8 | (23,2) |
| | Хавфнок | 6 | 1 | (5) |
| | Миқдори хонандагон | 175 нафар (100 %) | 180 нафар (100 %) | |

Аз рӯйи натиҷаҳои омории озмоиш таълимӣ-методӣ маълум мегардад, ки дараҷаи таҳаммулпазирии хонандагон нисбат ба давраи аввали озмоиш беҳтар шуда, фарзияи тадқиқот собит шудааст. Натиҷаи озмоиши таълимӣ муайян намуд, ки ташаккул додани хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар ҷараёни таълиму тарбия бояд зина ба зина тариқи роҳу усулҳои дидактикии таълим ба роҳ монда шавад. Чи қадаре ки сатҳи дониши хонанда беҳтар шавад, ҳамон қадар ба рушди хислатҳои таҳаммулпазирӣ замина мегузорад, яъне самаранокии раванди тадрис нақши калидӣ мебозад.




**Расми 8. – Динамикаи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII**

Бар замми ин, натиҷаи хониши беруназсинфии хонандагони синфҳои V-VII қаноатмандкунанда мебошад, зеро дар ҷараёни озмоиш зиёда аз 15%-и онҳо аз китобхонаи мактаб намунаи осори ниёгонро ба даст овардаанд. Дар қиёс бо натиҷаи озмоиши муқарраркунӣ маълум шуд, ки теъдоди тариқи мустақилона мутолиакунандагони осори классикон дар соли таҳсили 2019-2020 тахминан 8% афзудааст, ҳол он ки дар соли таҳсили 2017-2018 теъдоди чунин хонандагон ҳамагӣ 6%-ро ташкил медод.




**Расми 9. – Динамикаи вазъи қиёсии хониши асари бадеӣ дар давраҳои озмоиш**

Аз рӯйи ин нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки хонандагон дар курси хониши адабӣ бештар ба хондани осори шифоҳӣ, адабиёти муосир шавқ доранд. Аммо дар баробари ин, шумораи хонандагони танҳо ба мутолиаи китоби дарсӣ маҳдудбуда ҳанӯз ҳам зиёд буда, ҷустуҷӯи роҳи ҳалли масъаларо тақозо мекунад.

Ҳамин тавр, аз натиҷаи озмоиши таълимӣ ва таҳлилу хулосаи маводи гирдовардашуда ба хулосае омадем, ки дар шароити ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ тарбия кардани хонанадгон аз ҷумлаи талаботи аввалиндараҷаи замони муосир маҳсуб меёад.

Ҳарчанд ки яке аз воситаи тавонои ташаккул ва рушди тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII фанни адабиёти тоҷик маҳсуб ёбад ҳам, таълими ҳамаҷониба ва самараноки онро дар доираи имкониятҳои вусъатдиҳандаи дониш ва шавқу рағбати хонандагон (адабиёти иловагии ба фаҳму идроки ба ҳамин синну сол мувофиқ, магнитофон, компютеру тахтаҳои электронӣ, таблитсаҳои мавзуиву истилоҳотӣ ва ғ.) ба роҳ мондан зарур аст. Албатта, он на танҳо ба донишу маҳорат ва малакаву таҷрибаи

омӯзгор, балки ба шахсияти ӯ низ иртиботи зиёд дорад, яъне бояд муаллим хислатҳои волои таҳаммулпазириро соҳиб бошад.

Ниҳоят, дар чанд соли охир озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” аз ҷониби Ҳукумати ҶТ ва бо пешниҳоди бевоситаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ гардидааст, ки ҷиҳати тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон низ саҳми муносиб дорад. Хусусан, дар шароити кунунӣ, ки ифротгароӣ ва терроризм раванди ҷаҳонишавиро халалдор мекунад, барои баланд бардоштани арзишҳои маънавӣ, худшиносии миллии муҳассилин айни муддао хоҳад буд.

## Хулосаҳои боби II

1. Дар доираи фанҳои гуманитарӣ ҳалли масъалаи ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон зимни таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-VII ва таҳлили мазмуну мундариҷаи ғоявии осори ниёгон, алалхусус, Абӯабдуллоҳи Рӯдакиву Абулқосим Фирдавсӣ, Аттори Нишопуриву Саъдии Шерозӣ ва Ҷалолуддини Балхӣ имконпазир мебошад.

2. Собит карда шуд, ки бо вуҷуди аз сатҳи таҳаммулпазирии муҳассилини синфҳои ибтидоӣ (20%) каме бештар будани таҳаммулпазирӣ хонандагони синфҳои V-VII (24%) нишондиҳандаи мазкур дар сатҳи матлуб қарор надорад.

3. Таҳлили натиҷаи озмоишҳои таълимӣ-методӣ муқаррар намуд, ки сатҳи таҳаммулпазирии гурӯҳҳои озмоишӣ нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ то 32,3 % афзалият пайдо кардааст.

4. Нишондиҳандаи омории мутолиаи осори классикӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ дар оғоз 6%-ро ташкил медод ва дар интиҳои озмоиш ин нишондиҳанда ба 13,8 % расид, яъне наздик ба 8% афзоиш ба мушоҳида мерасад. Хонандагони танҳо ба мутолиаи китоби дарсӣ маҳдудбуда 16,3% коҳиш ёфт.

5. Муассисаҳои таълимӣ, новобаста аз шакли таҳсил (давлатӣ, хусусӣ) дар хониши беруназсинфӣ дар иртибот ба ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ фаъолияти назаррас нишон доданд.

6. Самаранок истифодашавии технологияи муосири таълим дар дарсҳо низ барои татбиқи амалии тарбияи таҳаммулпазирӣ мусодиат мекунад. Омӯзгоронро зарур аст, ки ҳар чи бештар усулҳои фаъоли таълимро зимни таҳлилу тафсири осори манзуму мансур корбаст намоянд.

# ХУЛОСА

Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар шахсияти хонандагони синфҳои V-VII, ки тадриҷан ба давраи наврасӣ қадам мегузоранд, ду ҷанбаи бунёдӣ дорад: аз як тараф, ҳисси баланди миллӣ, муҳаббат ва эҳтирому арҷгузорӣ ба анъанаҳо ва таъриху фарҳанги миллии худ, завқу ҳаваси сухангӯӣ бо забони модарӣ, эҳсоси мансубият ба ҷомеаи сермиллати кишвари тоҷикон ва аз ҷониби дигар, эҳсоси мансубият ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва масъулиятшиносӣ назди халқи худ, ватани сермиллатамон, инчунин тамоми аҳли башар, ки ин нуктаро ҳанӯз дар асри XIII Саъдии Шерозӣ хеле мӯҷаз баён карда буд: "Банӣ Одам аъзои якдигаранд, Ки дар офариниш зи як гавҳаранд".

Аз рӯйи натиҷаҳои омӯзиш, таҳқиқ ва озмоишҳои муқарраркуниву таълимӣ хулосаҳои зерин бармеоянд:

1. Мафҳум ва ҷанбаҳои назариявии "таҳаммулпазирӣ" дар фарҳангҳо, ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва бештар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ шарҳ ёфта, асоси методологии равоншиносӣ ва педагогии ин истилоҳро ғоя ва арзишҳои инсондӯстӣ ташкил медиҳад. Он таърифи дақиқу мушаххас надорад ва дар пажӯҳишҳои илмиву фарҳангномаҳо ба таври мухталиф тавзеҳ ёфтааст: чун шакли фаъоли муносибат ба ҷаҳон; мутобиқшавӣ ба муҳити зист; маҳдудияти ахлоқӣ; шикебоӣ; тавоноӣ ва сабру таҳаммул; фурӯтанӣ; қабули ранҷу машаққат; босабриву пуртоқатӣ; ба сахтӣ тоб овардан ва монанди инҳо. Дар марҳилаҳои гуногуни раванди таърихию фалсафӣ таҳаммулпазирӣ ба таври гуногун шарҳ ва тавзеҳ ёфтааст.

Дар сарчашмаҳои илмӣ, аз ҷумла, фалсафа, равоншиносӣ ва педагогика имрӯз таърифи ягонаи таҳаммулпазирӣ, ки аз ҷониби кулли олимон ва муҳаққиқон пазируфта шуда бошад, вуҷуд надорад.

2. Аз сабаби он ки давлатҳои аъзои ЮНЕСКО "толерантность"-ро, ҳамчун вожаи сермаъно ва ифодакунандаи мафҳумҳои гуногуни он

пазируфтаанд, вожаи “таҳаммулпазирӣ”-ро низ ба ҳайси муодили комили тоҷикии он метавон қабул кард.

3. Таҳаммулпазирӣ бештар дар заминаи арзишҳои башардӯстӣ ва ахлоқӣ, аз қабили худшиносӣ, инсондӯстӣ, фурӯтаниву хоксорӣ, раҳму шафқат, пӯшидани айбу нуқсон сурат гирифта, роҷеъ ба ин сифатҳои инсонӣ дар осори классикони форсу тоҷик ҳикоёти ҷолиб ва садҳо панду андарзи ҳакимона баён гаштааст.

4. Намунаҳои аз эҷодиёти шифоҳӣ ва осори классикони маъруфи форсу тоҷик – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ ва Ҷалолуддини Балхӣ бо мақсади шарҳи маҷмуи хислатҳои марбут ба мафҳумҳои таҳаммулпазирӣ овардашуда собит месозанд, ки унсурҳои таҳаммулпазирӣ дар осори адабӣ фаровон ва пуробуранг буда, дар образҳои бадеӣ барҷаста ифода ёфтаанд ва тавассути мазмуну мундариҷаи маводи китобҳои дарсии адабиёти тоҷики синфҳои V-VII хонандагонро дар ин ё он руҳияи таҳаммулпазирӣ тарбия намудан мусоидат мекунад.

5. Тадқиқи осори шоирону мутафаккирони асрҳои X-XV аз лиҳози истифода дар тарбияи хислатҳои таҳамулпазирии хонандагони синфҳои V-VII нишон медиҳад, ки ақоиди таҳаммулпазирӣ дар офаридаҳои ҳамаи бузургони адабиёти тоҷик ба ин ё он дараҷа ба чашм мерасанд, вале зуҳури онҳо дар мероси се мутафаккир ва шоири барҷастаи қарнҳои XII- XIII – Аттори Нишопурӣ, Саъди Шерозӣ ва Ҷалолуддини Румӣ боризтар аст.

6. Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар заминаи осори ахлоқии ниёгон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна таваҷҷуҳи бештарро тақозо дорад, зеро дар замони муосир низоми арзишҳо, фазилатҳои инсонӣ, ҳусни ахлоқ дар шароити мухталифи иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, мазҳабӣ, синнусолӣ, касбӣ ва ғ. меъёри рафтор, муносибати мутақобилаи инсонҳо, муносибат ба оламро муқаррар менамояд. Омӯзгорон бояд барои муттаҳид кардани муҳассилин, нигоҳ доштани ягонагии фазои ҷамъиятӣ-фарҳангии

хонандагон, рафъи нофаҳмиҳои этникиву миллии насли наврас кӯшиш бояд ба харҷ диҳанд.

